**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД 37:159. 9+373 (575. 3)

**МАҶИДОВ ПАРВИЗҶОН ИМОМНАЗАРОВИЧ**

# ИСТИФОДАИ ШАРОИТҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГӢ ДАР ИНКИШОФИ МУОШИРАТИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

**Диссертатсия**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 – Психологияи педагогӣ)

**Роҳбари илмӣ**: номзади илмҳои педагогӣ, дотсент аз рӯйи ихтисоси психология Солеҳзода Мадина Солеҳ

**ДУШАНБЕ - 2026**

## Мундариҷа

**Муқаддима** .............................................................................. 4

**Тавсифи умумии таҳқиқот** .............................................................. 8

**Боби I. Асосҳои назариявии хусусиятҳои муошарати хонандагони синни хурди мактабӣ** .............................................................. 16

1.1. Муошират масъалаи муҳимми таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ...... 16

1.2. Хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабӣ ............................................................................ 39

1.3. Омилҳои назариявии психологияи муошират хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим ........................................... 60

Хулосаи боби якум .......................................................................... 98

**Боби II. Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошират хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим....** 107

2.1. Озмоиши истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошират хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.......................................................................................... 107

2.2. Тавсияҳо оид ба истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муошират хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим ........................................................................ 138

Хулосаи боби дуюм ......................................................................... 154

Хулосаҳои умумӣ ............................................................................ 158

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот..................... 160

Рӯйхати адабиёт................................................................................ 163

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия............................................ 179

Замимаҳо........................................................................................ 182

# ИХТИСОРАҲО

ДДОТ ба номи С. Айнӣ – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

МТМУ – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

МТОК – муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

ФР – Федератсияи Россия

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

диг. – дигарон

ғ. – ғайра

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Ҷаҳонишавии босуръат дар замони муосир ва дар ин замина рух додани тағйироти куллӣ дар тамоми соҳаҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла пайдо шудани масъалаи тамоилҳои мухталиф дар муносибатҳои дохиливу байналмилалӣ ва мушкилоти ташаккули муошират дар чунин муҳит аз масоили мубрам, вале ҳалношудаи илми равоншиносӣ маҳсуб меёбад. Дараҷаи баланди сатҳу сифати инкишофи муошират шарти асосии мутобиқшавии инсон ба муҳити иҷтимоӣ ҳисобида мешавад.

Дар раванди ташаккули фазои ягонаи дунявӣ таҳсилоти муосир бояд на танҳо дар эътирофи арзишҳои хонанда, бахусус хонандаи синни хурди мактабӣ, инчунин дар ташкили шароитҳои зарурӣ барои инкишофи маҳорату малака ва қобилияти муошироти ӯ низ мавқеи намоён дошта бошад. Инкишофи қобилиятҳои муоширатӣ тадриҷан ба ташаккули ҳисси эътибор, шаъну шараф, комилият ва ягонагиву нотакрории шахс, аз ҷумла хонандаи хурдсол мусоидат мекунад.

Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии тарбияи одоби муошират ба сифати ҷузъи таркибию ҳатмии тарбия ва ахлоқ дар муассисаҳои таълимӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [73], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» [74], «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [64], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» [75] ва дигар аснод ба таври мушаххас дарҷ гардидаанд.

Таҳқиқоти илмҳои психология, педагогика ва дигар илмҳо исбот кардаанд, ки суҳбату муколама барои хонандагони синни хурди мактабӣ дар соли аввали таҳсил дар мактабу ҷамъият як қатор душвориҳои кутоҳмуддатро ба миён меоранд. Муколама дорои зарурияти хосса аст, зеро маҳз тавассути он муносибати иҷтимоии минбаъдаи хонандаи хурдсол дар ҷамъият муқаррар ва устувор гашта, мавқеаш муайян мегардад. Тавре маълум аст, агар қобилияти муошират дар синни

томактабӣ ва хурди мактабӣ суст инкишоф ёбад, он минбаъд низ дар синни миёна ва калони мактабӣ нокифоя рушд мекунад. Нутқи муколамавиро аз худ накарда, хонандаи хурдсол хусусиятҳои нутқи монологиро, ки ба он дар давраи мактабхонӣ талабот бештар мегардад, ба таври бояду шояд омӯхта наметавонад.

Иштирок дар сухбату муколама маҳорати мураккаби шунидан ва дарки нутқи ҳамсӯҳбат, ифодаи ақидаи худ дар ҷавоб, дуруст баён кардани он бо воситаи нутқ, дар партави фикрҳои ҳамсуҳбат ташкили мубодилаи афкор, нигоҳ доштани оҳанги муайяни эмотсионалӣ, риояи дурусти шакли забонӣ, ки фикр дар он таҷассум меёбад, дарки нутқи худ бо мақсади назорати меъёрӣ ва ҳангоми зарурат воридсозии тағйироту ислоҳотро талаб мекунад.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ пас аз муассисаи томактабӣ дар низоми маориф ва таълиму тарбияи хонандагони хурдсол зинаи муҳимму пурмасъул ҳисобида шуда, дар ин ҷараён инкишофи нутқ ва муошират яке аз муҳимтарин вазифаҳо барои ин гурӯҳи хонандагон ба шумор меравад. Раванди инкишофи нутқ бо назардошти хусусиятҳои синну соли азхудкунии нутқ дар муассисаи таълимӣ ҳамчун асоси таълиму тарбияи хонандагони хурдсол ба шумор меравад. Омӯхтани нутқи муназзаму мураттаб ба хонанда имкон медиҳад, ки фикрашро дуруст баён намуда, нутқи дигаронро низ дарк кунад, ки ин амал минбаъд боиси инкишофи муошират бо ҳамсолон ва калонсолон шуда, имконияти иҷтимоишавии хонандаи хурдсолро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ-маънавӣ васеъ мегардонад.

Ҳамин тавр, ихтилоф миёни талаботи иҷтимоӣ оид ба хусусиятҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ ва таҳқиқи нокифояи ин мавзуъ дар назарияи психологӣ-педагогӣ, инчунин дар таҳқиқи нопурраи мазмун, технология ва асоси меъёрии ҷараёни инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ аз нигоҳи илми психология ба вуҷуд меояд.

Зарурати муайян намудани асосҳои назариявию методии хусусиятҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим ва таҳқиқи нокифояи ин масъала аз нигоҳи психологӣ-педагогӣ ***мубрамияти*** мавзуи интихобнамудаамонро муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омилҳои мазкур муҳаққиқонро ба дарки муайянкунандаҳои асосӣ дар амалияи инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ, зарурати мавқеъ ва нақши он дар ҷомеа, омӯзиши пурраи фаъолияти муошират дар сатҳи ҷамъиятиву фардӣ ва ҷустуҷӯи воситаи инкишофи муоширати хонандагони хурдсол вазифадор мекунанд. Дар асоси ин гуфтаҳо мо ба таҳқиқи масъалаи хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим рӯ овардем.

Дар баробари таҳқиқи васеи паҳлу ва хусусиятҳои гуногуни муошират аз нуқтаи назари муҳаққиқони муосир, дар асарҳои классикони тоҷику форс низ мушкилоти мазкур мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифтааст, аз ҷумла дар эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Ҷалолуддини Румӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абударахмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон вобаста ба риояи одоби муошират ва фарҳанги муносибати байни одамон на танҳо барои калонсолон, ҳамчунин барои кӯдакону наврасон низ афкори баландғояи пандомӯз ҷой дорад [107, с.87].

Муошират яке аз мавзуъҳои муҳимми психология ба шумор рафта, дар доираи он аз тарафи олимон таҳқиқоти психологии зиёде анҷом дода шудааст, ба монанди Я.Л. Коломинский [63], А.Б. Добрович [45], А.Н. Леонтев [79], Г.М. Андреева [6], А.А. Бадалев [14], Н.И. Жинкин [51], И.С. Кон [64], Р.Атахонов [12], Б. Маҷидова [92], Н. Юнусова [165], Н. Абдурашитов [94], Б. Саидзода [119], З. Сафарова [121], С. Латифзода [76] ва дигарон.

Дар масъалаи инкишофи муошират аз худ кардани забони модарӣ ва истифодаи моҳиронаи воситаҳои баёни он дар раванди ташкили шаклҳои гуногуни гуфтугӯ дар давраи мактабхонӣ, ки талаботи ҳиссиёти хонандаи хурдсол ба иттилооти забонӣ бештар аст, бошиддат чараён мегирад, ки вобаста ба ин масъала муҳаққиқон М.М. Конина [65], Ф.А. Сохина [124], О.С. Ушакова [136], Е.А. Флерина [139], М. Лутфуллоев [88], Л.М. Иматова [89] ва дигарон пажуҳишҳои ҷолиб анҷом додаанд.

Муоширатро ҳамчун хориқа ва ё падида намояндагони илмҳои дигар ба монанди фалсафа (Я. Одинаев [106], Ш. Бердиев [16], Б. Самиев [120], Б.С. Шомуродов [158]), адабиёт (А. Раҳмонов [111] ), педагогика (М. Лутфуллоев [88], Б. Маҷидова [92], Л. Иматова [56], Г. Ҷалолова [155]), таърих, сотсиология, физиология ва ғайра (А.А. Бадалев [14], Л.С. Виготский [18], В.В. Давидов [43], И.А. Зимняя [53], Б. Ломов [86], А.Р. Лурия [87], А.В. Мудрик [100], С.Л. Рубинштейн [114] ва диг.) низ ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Муҳаққиқон дар таҳқиқоти худ имконияти таълими муошироти диалогӣ дар марҳалаҳои гуногуни синнусолӣ ва мазмуни он, дар баробари ҷабҳаҳои психологӣ, инчунин азхудкунии системаи овозҳо, сохти грамматикӣ, таркиби лексикии забони модарӣ ва нутқи ҷумлагиро муайян намудаанд. Дар баробари ин, зимни таҳқиқи муфассали масъалаҳои зикршуда ба инкишофи муошироти нутқии хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим аз нигоҳи психологӣ низ диққати махсус дода мешавад.

Муҳаққиқони соҳаи педагогикаи ватаниву хориҷӣ бар он ақидаанд, ки бачагони синни хурди мактабӣ барои дуруст ба роҳ мондани муошират бо атрофиён забони модариро, пеш аз ҳама, бо тақлид ба нутқи калонсолон аз худ мекунад. Ин афкор дар осори муҳаққиқон М. Лутфуллоев [88], Л. Иматова [56], Б. Маҷидова [92], А. Нуров [109], Б. Раҳимов [110], И. Абдуллоев, Ш. Котибова, Р.Е. Левина [79], Е.И. Тихеева [132], А.П. Усова [135], Д.Б. Элконин [160] ва дигарон мақоми муҳим дорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи илмии мазкур дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, мазмун ва мундариҷаи он бо барномаҳои таълимии ихтисосҳои психологӣ ва педагогӣ робитаи зич дорад. Мақсад ва вазифаҳои рисолаи мазкур дар самти татбиқи усулҳои муосири таълим ва тарбияи хонандагони синни хурди мактабӣ, ки иҷрои онҳо дар Барномаҳои давлатӣ таъкид ёфтааст, мусоидат мекунад. Мазмун ва мундариҷаи рисола дар амалӣ намудани талаботи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълим ва тарбияи кӯдак» (2024) саҳм дорад.

Инчунин, дар рисолаҳои илмии Г.С. Ҷалолова «Шароитҳои психологӣ-педагогии тарбия намудани одоби муошират дар бачагони синни томактабӣ» (2020), С.Р. Чоксум «Общение как объект психолого-акмеологического исследования» (2000), А.Н. Байкулова «Устное неофициальное общение и его разновидностьи» (2015), С.Х. Расулов «Роль политического общения в процессе трансформации общества: на материалах Республики Таджикистан» (2010) ва дигарон ба ягон ҷиҳати масъалаи шароитҳои психологӣ ва таъсири он ба одамони синну соли гуногун андешаҳои ҷолиб баён шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ омӯхтан ва ба таври амалӣ муайян намудани хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим мебошад.

Барои расидан ба мақсади гузошташуда **вазифаҳои зерини таҳқиқот** муайян гардиданд:

1. Таҳлил ва асосноккунии маҷмуи стандартҳои ибтидоӣ, ки принсипҳои психологию педагогии рушди муоширати хонандагони синфҳои ибтидоиро ташкил медиҳанд.

2. Муайян намудани меъёрҳои хусусиятҳои психологию педагогии ҳамкории хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон, инчунин таъсири онҳо ба раванди таълим.

3. Муқаррар намудани меъёр ва дараҷаҳои хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.

4. Санҷиш ва исботи озмоишии истифодаи роҳу усулҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.

5. Коркарди хулоса ва тавсияҳои илмӣ-амалии хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.

**Объекти таҳқиқот** – инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** – хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.

**Фарзияи таҳқиқот** – инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим таъмин карда мешавад, агар:

– асосҳои назариявӣ ва методологии дар заминаи омӯхтану таҳлил намудани таҳқиқоти илмии психологӣ-педагогӣ муайян карда шаванд;

– моҳият ва мундариҷаи хусусиятҳои психологӣ-педагогии муоширати хонандагони синни худи мактабӣ дар раванди таълим ошкор гарданд;

– заминаҳои илмӣ ва амалии хусусиятҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ асоснок ва баррасӣ карда шаванд;

– имкониятҳои маҷмуи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муайян карда шаванд;

– бо воситаи ташкилу баргузор намудани корҳои озмоишӣ дараҷа ва меъёрҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим санҷида шаванд;

– дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои психологӣ-педагогӣ инкишофи муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим шароитҳои мусоиду самарабахш таъмин карда шаванд.

**Марҳила, макон ва даврai таҳқиқот**. Таҳқиқот давра ба давра дар се марҳила гузаронида шудааст (солҳои 2019-2024).

**Марҳилаи якум – ҷустуҷӯӣ-назариявӣ (**солҳои 2019-2020). Ҷамъоварӣ ва омӯзиши адабиёти мавҷуда дар доираи мавзуи таҳқиқот, ташхис, таҳлил ва баҳогузории ҳолати мавҷудаи таҳқиқот ва ташкили давраи муқарраротии озмоиш.

**Марҳилаи дуюм – таҷрибавӣ озмоишӣ** (солҳои 2021-2022). Иҷрои давраи ташаккулдиҳандаи озмоиш, ки дар ҷараёни он сифатнокии муносибатҳо, асосҳо, шаклҳо ва роҳу усулҳо муайян карда шуда, шароитҳои таъмини инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ муқаррар гардиданд.

**Марҳилаи сеюм – ҷамъбастӣ (**солҳои 2022-2024). Ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои кори таҳқиқотии назариявӣ ва амалӣ, таҳлилу баррасии натиҷаи кори озмоишӣ-таҳқиқотӣ, коркарди оморӣ ва таҳияи маводди диссертатсионӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** консепсияи инкишофи муошират ба воситаи нутқи хонандагони синни хурди мактабӣ, ки дар таҳқиқоти А.В. Запорожетс, А.Н. Леонтев, Д.Б. Элконин, Ж. Пиаже, Л.С. Виготский, С.Л. Рубинштейн ва диг.; назарияи инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ, ки дар рисолаҳои илмии М.М. Алексеев, Ф.А. Сохин, Е.И. Тихеева, О.С. Ушакова, В.И. Яшина, А.Г. Арушанова, Т.И.

Гризик, З.К. Тарланов ва диг.; назарияи педагогии инкишофи муошырати хонандагони синни хурди мактабӣ, ки дар пажуҳишҳои Г.Н. Волков, А.А. Григорева, Д.А. Данилов, Н.Д. Неустроев, И.С. Портнягин, А.Д. Семенова, К.Д. Уткин, К.С. Чиряев, А. Абдуқодиров, Р. Иззатуллоев, Л.М. Иматзода, Д.И. Каримова, М. Лутфуллоев, Б. Маҷидова, Н.Н. Насруллоева, Я.К. Одинаева, А. Раҳмонов, А. Шарофов ва диг. инъикос ёфтааст, ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Таҳқиқот аз маҷмуи муқаррароти фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ иборат буда, равишҳои консептуалии татбиқи ҷараёни инкишофи муошират, муқаррароти психологӣ ва педагогиро дар бораи муошират ҳамчун намуди фаъолият, дар бораи хусусиятҳои фаъолияти нутқӣ ва қонуниятҳои азхудкунии он, дар бораи аҳаммияти забони модарӣ дар ташаккули шахсияти хонандагони синни хурди мактабӣ дар бар мегиранд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаи асосии диссертатсия китобҳои дарсӣ, матни автореферат ва диссертатсияи илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ** Дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда аз усулҳои таҳлили назариявии фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ, адабиёти методӣ оид ба масъалаи таҳқиқот, озмоиши психологӣ-педагогӣ, мушоҳида, тест, пурсиш, суҳбат, методикаҳои А. Сукерман «Дастпӯшакҳо», «Роҳ ба сӯи хона» ва «Кӣ ҳақ аст», омӯзиши барнома ва ҳуҷҷатгузории муассисаҳои таълимӣ ва таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ ба таври васеъ истифода шуданд.

**Пойгоҳи таҳқиқотӣ:** Таҳқиқот дар заминаи МТМУ-и №7, 11, 10, 9-и шаҳри Душанбе бо ҷалби 100 нафар хонандагони синни 7-10-сола ва волидон.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

1. Дар илми психологияи тоҷик бори аввал дар доираи раванди таълим маҷмуи нуктаҳои ибтидоии асосҳои психологию педагогии

ташаккули малакаҳои муошырати хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

2. Тартибу меъёрҳои хусусиятҳои психологӣ ва педагогии инкишофи муошырати хонандагони синни хурди мактабӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон дар ҷараёни таълим мушаххасан муайян карда шуд.

3. Меъёр ва дараҷаҳои хусусиятҳои психологӣ–педагогии инкишофи муошырати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муқаррар карда шуд.

4. Усул ва роҳҳои истифодаи методҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муошырати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим тариқи ташхиси экспериментали санҷида ва исбот гардид.

5. Дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба инкишофи хусусиятҳои психологӣ-педагогии муошырати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим таҳияву коркард шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Раванди таълимии синфҳои ибтидоӣ ҳамчун муҳити мусоид барои азхудкунии малакаҳои муошират бо дигарон ва азхудкунии шаклҳои гуногуни муошират ҳам шифоҳӣ ва ҳам ғайривербалӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи ин аст, ки кӯдаки синни хурди мактабӣ ҳамчун субъекти мукаммал тадриҷан ташаккул ёфта, минбаъд барои ба муҳити иҷтимоии нав ва нисбатан мураккаб мутобиқ шудан, махсусан дар байни ҳамсолон бомуваффақият омода мешавад.

2. Малакаҳои муошират ва хусусиятҳои психологӣ-педагогии рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсолро дар раванди таълим бо ёрии бозиҳои дидактикӣ инкишоф додан лозим аст, зеро ин шакли фаъолият метавонад фикррониро фаъол, нутқро сайқал ва захираи луғавии ин гурӯҳи бачагонро бой гардонида, онҳоро водор созад, ки маҳз ба ин

васила дар ҷараёни таълим ба ҳамдигар меҳрубон ва ба талабу хоҳишҳои дигарон диққат диҳанд.

3. Дар доираи раванди таълим, ки ба рушди малакаҳои муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, зарур аст, равишҳои психологӣ истифода шаванд, ки хусусиятҳои синнусолии кӯдакони аз 7 то 10-соларо ба назар мегиранд. Ин равишҳо бояд дастрас ва ба дарки онҳо мувофиқ бошанд ва рушди бомуваффақияти қобилиятҳои коммуникатсионӣ дар марҳилаҳои ибтидоии омӯзишро таъмин кунанд.

4. Дараҷаи муайянгардидаи инкишофи малакаҳои муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим барои интихоби шакли таҳқиқот ва методикаҳое имконият медиҳад, ки бо ёрии онҳо ташкили корҳои ислоҳии малакаҳои алоҳида дар инкишофи самараноки маҳорати муошират ба роҳ монда шавад. Ҳангоми дуруст истифода бурдани шароитҳои психологӣ ва педагогӣ дар ҷараёни таълими хонандагони синни хурди мактабӣ инкишофи малакаҳои муошират самараноку натиҷабахш хоҳанд гардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки шароитҳои психологӣ-педагогии пешниҳодшуда, воситаҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим, маводди ташхисии таҳияшуда ва тавсияҳои методиро омӯзгорон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаи таҳсилоти мактабӣ истифода бурда метавонанд. Маводди таҳқиқотро ҳангоми ташкили курсҳои махсус барои донишҷӯёни коллеҷ ва мактабҳои олии педагогӣ, ба сифати боб ё фасли барномаҳои таълимиву китобҳои дарсии самти ихтисоси псхологияи омӯзгорӣ ва синну солӣ, ҳангоми гузарондани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, дар амалияи оммавии тарбияи мактабӣ ва оилавӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии методологии муқаррароти ибтидоии кори илмӣ, истифодаи усулҳое, ки ба объект, предмет, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мутобиқанд, айнан такроршавии натиҷаҳо ва аёнияти маълумоти ҳосилшуда, таҳлили миқдорӣ ва сифатии онҳо, мутобиқати натиҷаҳои ҳосилшуда ба фарзияи таҳқиқот таъмин шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни кори диссертатсионӣ ба мазмуни шиносномаи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 – Психологияи педагогӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот ва матраҳ сохтани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда иборат аст. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи рисола маҳсуб меёбанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ, тренингҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳо оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда; дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласа ва семинарҳои илмӣ-методӣ; дар маърузаҳои конференсияҳои солонаи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони ДДОТ ба номи С. Айнӣ шунида шуда мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот зимни маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ (солҳои 2019-2024), семинар ва мизҳои мудаввар муҳокима шуда, дар 15 мақолаи илмии батабърасида инъикос ёфтаанд, ки аз он ҷумла, 7 адад дар нашрияҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 5 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар ҳаҷми 181 саҳифаи чопӣ, 4 ҷадвал ва 12 диаграмма инъикос ёфтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 166  номгӯй маводди назариявию методӣ ва дигар сарчашмаву маъхазотро фаро мегирад.

--

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ХУСУСИЯТҲОИ МУОШИРАТИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ

## 1.1. Муошират масъалаи муҳимми таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ

Дар шароити муосири рушди низомҳо ва технологияҳои таълимӣ масъалаи муошират дар таҳқиқоти психологию педагогӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Муошират ҳамчун падидаи бунёдии фаъолияти инсон дар раванди таълиму тарбия нақши калидӣ дошта, аз насл ба насл интиқол додани дониш, арзишҳо, меъёрҳои иҷтимоӣ ва анъанаҳои фарҳангиро таъмин менамояд. Дар заминаи амалияи таълимӣ он ҷузъи ҷудонашавандаи ҳамкории омӯзгор ва хонанда мегардад, ки на танҳо самаранокии раванди таълим, балки сифати ташаккули шахсияти мактаббачаро низ муайян мекунад.

Масъалаҳои марбут ба омӯзиши механизмҳо ва хусусиятҳои муошират педагогӣ объекти таваҷҷуҳи бисёре аз муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ гардидаанд. Таваҷҷуҳи онҳо ба чунин ҷанбаҳо, аз қабили воситаҳои муошират шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ, монеаҳои равонӣ ва бартараф кардани онҳо, таъсири салоҳияти муоширатии омӯзгор ба натиҷаҳои таълим, инчунин нақши муносибатҳои байнишахсӣ дар муҳити таълим нигаронида шудааст. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мушкилоти муошират маҷозӣ (виртуалӣ) ва таъсири он ба раванди таълиму тарбия низ мубрамтар мегардад.

Таҳқиқоти психологиву педагогӣ нишон медиҳанд, ки муошират бомуваффақияти иштирокчиёни раванди таълим ба фароҳам овардани фазои мусоиди таълим мусоидат намуда, хонандагонро ба иштироки фаъолона дар ҷараёни таълим водор месозад ва дастовардҳои таълимии онҳоро афзун менамояд. Аммо, сарфи назар аз ҳаҷми назарраси

таҳқиқот, бисёр ҷанбаҳои ин мушкилот ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд, ки таҳлили минбаъдаи амиқ ва таҳияи равишҳои навро тақозо мекунад.

Дар раванди таълим, ки яке аз фаъолиятҳои пешбаранда барои хонандагони синни хурди мактабӣ маҳсуб меёбад, хонандаи синни хурди мактабӣ бо воситаи муошират имлои забони модарӣ, луғат ва фонетикаи онро аз худ карда, маҳз дар ибтидои инкишофи фаъолияти таълимӣ вазифаҳои махсуси таълимиро иҷро мекунад, ки дар натиҷаи инкишофи ин фаъолият хусусиятҳои худназораткуниву худбаҳодиҳӣ ва асоси муошират ташаккул меёбанд.

Аз ин лиҳоз, масъулини муассисаҳои таълимӣ бояд дар ҷараёни таълими хонандагони синни хурди мактабӣ дар инкишофу шаклгирии муошрати ин гурӯҳи бачагон аз нигоҳи психологӣ-педагогӣ ва аз худ намудани забони модарӣ диққату эътибори махсус диҳанд.

Аз таҳқиқоти психологии Ф.А. Сохина бармеояд, ки: «Аз тарафи хонандагони синни хурди мактабӣ муошират низ ба монанди дигар намудҳои фаъолият аз худ карда мешавад» [124, с. 80].

Вобаста ба ин масъала дар рисолаи А.В. Чулкова қайд мешавад, ки: «Хонандагони синни хурди мактабӣ аз муошират ҳаловат бурда, диалогҳоеро месозанд, ки сохтори мураккаб дошта, аз якчанд мавзуъҳои хурд иборатанд, вале ин диалогҳо каммазмунанд, зеро ин гурӯҳи бачагон бештар аз ҷумлаҳои содаву яккхела истифода мебаранд» [145, с. 46].

Л.С. Виготский: «Асосҳои муносибати илмиро ба таҳқиқи масъалаҳои тарбия, рушд ва ҳамкорӣ дар раванди муошират гузошт. [19, с. 76]. Ӯ бори аввал тавассути як қатор мисолҳои муътамад нақши калидии маорифро дар рушди равонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ равшан нишон дод ва инчунин робитаи байни таълим ва рушдро асоснок намуд, ки ин ба пояи назарияи таълими рушдёбанда табдил ёфт»

Илми психология, аз ҷумла психологияи ватанӣ исбот намудааст, ки яке аз соҳаҳои асосии ташаккул ва зуҳуроти хусусиятҳои равонии шахс

муошират ба шумор меравад. Чунин нуқтаи назар дар осори Я.Л. Коломинский [63], А. Добрович [45], А.Н. Леонтев [79], Г.М. Андреева [6], А.А. Бадалев [14], Н.И. Жинкин [51], И.С. Кон [64], М.Г. Ярошевский, Д.И. Фелдштейн [137], В.Ҳ. Солеҳбоев, Н.Н. Турсунов, Н. Атахонов [5], Н.С. Сафаров, С.Н. Алиев [10], А. Пудинаев, Н.М. Юнусова [165], Н. Амонов [9], М. Давлатов [41], М. Назруллоева [102], Т. Мустафоқулов [101], А.Р. Мансурова, М.Б. Ҳакимова, А.Ю. Мингбоев, У. Немонов, Ҷ.Х. Файзализода ва дигарон дар мавридҳои мухталиф баён шудааст.

Муошират муҳимтарин воситаи иҷтимоишавии инсон маҳсуб меёбад, ки ниёзҳои доимӣ ва зарурии ӯро қонеъ мегардонад. Дар миёни гуногунии муносибатҳои инсон бо олами атроф, муҳимтарини онҳо ҳамкориҳои ӯ бо дигар одамон ва ҷомеа ба ҳисоб меравaнд. Ин ҳамкориҳо тавассути муошират амалӣ мегарданд, ки дар раванди он мубодилаи иттилоот, танзими иҷтимоии фаъолият ва ташаккули робитаҳои байнифардӣ сурат мегирад. Муошират равандест мураккаб ва бисёрҷабҳа, ки барои барқарор ва амиқ намудани муносибатҳои бар асоси майл ба ҳамкорӣ бунёд ёфтааст, мусоидат мекунад ва таркиби он аз мубодилаи андешаҳо, кор дар якҷоягӣ ва ба даст овардани ҳамдигарфаҳмӣ иборат мебошад.

Дар ин робита, нависанда ва файласуфи шинохтаи фаронсавӣ А.С. Экзюперӣ менависад, ки: «Шукӯҳу шаҳомати асосӣ ва бебаҳо барои ман – ин муошират инсонист» [159, с. 124].

Тавре маълум аст, муоширати иҷтимоӣ дар раванди рушди равонӣ ва шахсиятии инсон нақши калидӣ мебозад. Иҷтимоикунонӣ ба ҳамкориҳои самаранок ва пурсамар, малакаҳои муошират ва фарҳанг сахт алоқаманд буда, инчунин ба азхудкунии арзишҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва рафтор, ки барои ҷомеа муҳимманд, асос ёфта, қобилияти иштирок дар ҳаёти ҷамъиятиро дар инсон ташаккул медиҳад.

Дар раванди иҷтимоикунонӣ, шахс меъёрҳои иҷтимоиро аз худ мекунад ва роҳҳои иҷрои нақшҳои иҷтимоиро меомӯзад, ки малакаҳои

зарурииро барои ҳамкорӣ дар ҷомеа пайдо менамояд. Иҷтимоикунонӣ раванди азхудкунии воқеияти иҷтимоӣ мебошад.

Ба манбаъҳои асосии иҷтимоикунонии инсон инҳо дохил мешаванд:

– таҷрибаи синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ, ки дар он вазифаҳои асосии равонӣ ва шаклҳои ибтидоии рафтор ташаккул меёбанд (иштибоҳҳое, ки дар ин давра рух медиҳанд, дар синни балоғат ислоҳ кардани онҳо душвор аст);

– муассисаҳои иҷтимоӣ, ба монанди низоми маориф, таълим ва иттилоот;

– ҳамкории одамон дар раванди муошират ва фаъолияти якҷоя.

Иҷтимоикунонӣ азхудкунии «шаклҳои тайёри иҷтимоӣ»-и шахсият нест, балки раванди фаъоли худрушд аст, ки аз шароити муайяни иҷтимоӣ вобаста аст. Он ба инсон имкон медиҳад, ки узви комилҳуқуқи ҷомеа гардад ва муносибати худро нисбат ба арзишҳои ҷамъиятӣ муайян намояд. Ҳарчанд мӯд, завқ ва тамоилҳои истеъмолӣ метавонанд тағйир ёбанд, мавқеъҳои ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои фарҳанги инсонӣ нисбатан устувор боқӣ мемонанд.

Ҳар як насл ҳангоми ҳамгироӣ ба ҷомеа бо мушкилоти беназир рӯ ба рӯ мешавад. Иҷтимоикунонӣ маънои эҷоди наслҳои нав тибқи қолабу намунаҳо ва шабоҳати анъанаҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои гузаштаро надорад. Агар волидон метавонистанд фарзандони худро танҳо тибқи шабоҳати худ «ташаккул диҳанд», раванди таърихи рушди инсонӣ қатъ мешуд. Иҷтимоикунонӣ ин раванди азхудкунии механизмҳои иҷтимоӣ ва равонӣ аст, ки барои ҳамкории муносиби насли наврас дар ҷомеа заруранд.

Усулҳои иҷтимоикунонӣ, агар бо диққат назар кунем, бисёр вақт аз он вобастаанд, ки муносибати байни калонсолон ва кӯдакон чӣ гуна ба роҳ монда шудааст. Яъне, то кадом андоза калонсолон мавқеи бартарӣ доранд ва кӯдакон то чӣ ҳад имкони изҳори андешаи худро пайдо мекунанд.

Дар ҷомеаҳои ибтидоӣ ё низомҳои тоталитарӣ, одатан, ин раванд бештар яктарафа сурат мегирад. Кӯдакон бе чандон савол ё таҳлил рафтор ва арзишҳои калонсолонро қабул мекунанд, гӯё ки онҳо ягона роҳи дурусти зиндагӣ бошанд. Дар чунин муҳит ҷой барои андешаи мустақил ё интихоби шахсӣ камтар мемонад.

Аммо дар ҷомеаҳои мутамаддини демократӣ вазъият каме дигар аст. Дар ин ҷо муносибати байни наслҳо бештар ба ҳамкорӣ ва эҳтироми мутақобила асос меёбад. Кӯдакон на танҳо пайрав, балки иштирокчии фаъол мешаванд: онҳо метавонанд фикри худро баён кунанд, савол диҳанд ва ҳатто дар доираи арзишҳои умумибашарӣ роҳи рушди худро интихоб намоянд.

Ба андешаи мо, маҳз чунин муҳит барои ташаккули шахсияти озод, мустақил ва масъул мусоидат мекунад, зеро кӯдак на танҳо аз дигарон меомӯзад, балки худ низ тадриҷан дар ин раванд нақш мегирад.

Раванди ошно кардани шахсият бо мероси иҷтимоӣ шомили ошноӣ бо фарҳанги ҷомеа ва дастовардҳои башарият, ки дар арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ва меъёрҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷассум ёфтааст, марбут мебошад. Фарҳанг мисолҳои рафтори ҳатмии одамонро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, меҳнат, фаъолияти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ дар бар мегирад.

Бояд дар назар дошт, ки дар раванди муошират аксар вақт мансубияти касбии ҳамсуҳбат аён мегардад, ки метавонад ба қабули паёмҳои ӯ таъсир расонад.

Масалан, муошират бо намояндагони илм ва санъат истеъдоди ғайритабиӣ ва донишманду закӣ буданро бештар талаб мекунад, аз ин нуқтаи назар, ҳар нафаре, ки бо намояндагони илму санъат ба муошират ворид шудан мехоҳад, бояд нозукиҳои муошират намудан бо ин гурӯҳро омӯзад.

Қайд кардан муҳим аст, ки барои муошırати муассир сохтори онро фаҳмидан лозим аст, ки он бо се вазифаи ба ҳам алоқаманд шарҳ дода мешавад: коммуникативӣ, интерактивӣ ва персептивӣ (даркӣ).

Вазифаи иртиботии (коммуникативии) муошират дар мубодилаи ахбор, дониш ва иттилоот, ки маҷмуи андешаҳо, ақидаҳо, шавқ, ҳолатҳо, эҳсосот ва ҳадафҳои ҷонибҳои муошıратро дар бар мегирад, ифода меёбад. Вазифаи интерактивӣ ташкил намудани ҳамкорӣ ва таъсири байниҳамдигарии иштирокчиёни муошıратро дар назар дорад, ки мубодилаи на танҳо донишҳо ва андешаҳо, балки амалҳоро низ дар бар мегирад. Вазифаи персептивӣ инъикосгари дарки байниҳамдигарии муошıраткунандагон ва худфаҳмии онҳо мебошад. Дарк ё худфаҳмӣ ба муқоисаи муҳтавои суханҳои худ бо ҷавобҳои ҳамсуҳбат асос ёфта, тавассути се сифатҳои асосӣ зоҳир мегардад:

- **идентификатсия** – дарки ҳамсуҳбат бар асоси монандӣ бо хусусиятҳои худ;
- **эмпатия** – қобилияти дарк намудани эҳсосоти ҳамсуҳбат, аз ҷумла меҳрубонӣ, ҳамдардӣ ва ғамхорӣ;
- **рефлексия (инъикос)** – тарзи инъикосшавии дарки ҳамсуҳбат ба монанди оина.

Ҳамчунин, дарки мутақобила бо падидаи ҷазбият, ки бар асоси эҳсосоти мусбати пешакӣ ташаккулёфта ба вуҷуд меояд ва ба барқарории муносибатҳои эътимоднок мусоидат мекунад, тавсиф меёбад.

Илова бар вазифаҳои муошират, муҳтаво, воситаҳо ва усулҳои он низ фарқ мекунанд. Усулҳои калидӣ мубодилаи андешаҳо, ахбор, дониш, малака ва маҳоратҳоро дар бар мегиранд. Роҳҳои таъсир ба ҳамсуҳбат метавонанд тавассути чунин механизмҳо зоҳир шаванд, ба монанди сироят, таъсир, боваркунонӣ ва насиҳат:

– **сироят** – ҷалби нохудогоҳии шахс ба ҳолати муайяни эҳсосӣ мебошад. Масалан, қарсакзаниҳои тӯлонӣ метавонанд дар сухангӯ эҳсоси шодӣ ва ҳаяҷонро ба вуҷуд оранд;

– **таъсир** – таъсир мақсаднок аст, вақте ки сухангӯ тавассути усулҳои эҳсосӣ ва иродавӣ дар ҷараёни муошират ҳамдардӣ пайдо мекунад ё ба фоидаи худ қарори зарурӣ қабул мекунад. Самаранокии таъсир аз сатҳи огоҳии шунавандагон ва эътибору нуфузи сухангӯ вобаста аст;

– **боваркунонӣ** – расидан ба мувофиқати шунаванда тавассути далелҳои мантиқист, ки дар ҷомеа қабул шудаанд ва шунавандаро ба амалҳои муайян таҳрик медиҳанд.

Олимон ва мутахассисон мафҳуми муоширатро ба тарзҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Масалан, Е.М. Габуева онро ҳамчун раванди мураккаб ва гуногуни ташкилу рушди муносибатҳои инсонӣ мебинад: «Ниёз ба фаъолияти муштарак эҷод мекунад ва мубодилаи иттилоот, рушди дурнамои ҳамкорӣ ва амалҳои якҷояро дар бар мегирад» [25, с. 177]. Л.С. Виготский, дар навбати худ ақида дорад, ки: «Муошират яке аз шаклҳои асосии равонӣ буда, тавассути он шахс дар ҳамкорӣ бо дигарон ба шахсият мубаддал мегардад. Муошират метавонад ҳам мустақим ва ҳам бавосита бошад ва ҳамчун асоси фаъолияти касбӣ ё дӯстона дар қолаби субъект-субъект ё субъект-объект хизмат кунад» [19, с. 46].

Яъне, муошират ҷараёни ҳамкории мутақобилаи одамон буда, дар ҷараёни он муносибатҳои байнишахсӣ пайдову зоҳир ва ташаккул меёбанд, маҳз ба воситаи муошират шахс дар ҷамъият мавқеи худро пайдо мекунад, аз фард ба шахс ва аз шахс ба шахсият ва асоситар аз ҳама аз хурдсол ба калонсол табдил меёбад.

Тавре аз таҳқиқоти озмоишӣ бармеояд, дар кӯдаки аз имконияти муошират бо атрофиён маҳрум гардида, боздории инкишофи психикӣ ба назар мерасад, ки дар натиҷаи он маҳдудияти зиёд ба миён омада, тағйироти ислоҳнашаванда пайдо мешаванд. Масалан, ҳолатҳои аз тарафи ҳайвоноти ваҳшӣ ба воя расонида шудани кӯдаки инсон далели

ин гуфтаҳоянд, ҳарчанд ин бачагон минбаъд ба ҷамъияти одамон ворид гардида, аз ҷиҳати биологӣ пурра инкишоф ёфтаанд, вале комилан иҷтимоӣ нашудаанд (Лобо-духтарак-гург - 1845-1852, Мария Чапман - духтараки дар тӯдаи маймунҳо тарбиёт ёфта – 1959, Шамдео - духтараки дар тӯдаи гургон ба воя расида – 1972, Оксана Малая – духтараки дар галаи сагон зиста - 1991, , ва ғ.). Маълум аст, ки барои инкишофи муътадили кӯдак алоқаи доимӣ бо калонсолон, бахусус бо модар зарур аст.

Дар баробари ин, муошират ба сифати фаъолияти инсон низ таъсиррасон аст, мутахассисон мушоҳида кардаанд, ки: «Дараҷаи зоҳиршавии ин ё он сифат, хусусиятҳои рафтор ва самаранокии фаъолияти инсон бештар ба он вобаста аст, ки ӯ танҳо амал мекунад ё дар ҳузури одамони дигар ва ё ҳамроҳи онҳо пеш меравад. Ин мушоҳидаҳо маълум кардаанд, ки ҳатто ҳузури ғайрифаъоли шахсе сифати шахси фаъолияткунандаро тағйир медиҳад. Тағйироти назаррас бештар вақте рух медиҳанд, ки дигарон ҳамон як супоришро иҷро мекунанд ва ё дар ҷараёни иҷрои ин супориш бо ҳамдигар муошират мекунанд» [20, с. 56].

Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муошират тартиби дохилии фаъолияти якҷояи одамонро ташкил медиҳад, яъне афзоиши нақши муошират ва муҳиммии омӯзиши муошират чунин вобастагӣ дорад: аксар вақт дар муошрати бевоситаи ҷамъият (якчанд нафар) қарорҳое қабул мешаванд, ки метавонистанд аз тарафи як нафар қабул шаванд.

«Дар заминаи меъёри мақсадҳои муошират чунин вазифаҳои онро муайян кардан мумкин аст:

– **иртиботӣ** - ба роҳ мондани робита чун ҳолати омодагии тарафайн ба қабулу пешниҳоди ахбор ва тафоҳуму ҳамдигарфаҳмии доимии ҷонибҳо;

– **иттилоотӣ** - мубодилаи ахбор (қабул ва пешниҳоди маълумот ба дархост), табодули афкор, мақсад ва қарорҳо.

– **водоркунанда** - ҳавасмандгардонии фаъолнокии ҳамсуҳбат бо мақсади талқини ӯ ба иҷрои амалҳои муайян;

– **ҳамоҳангкунанда** - дарк ва мувофиқ сохтани амалҳои ҷараёни ташкили фаъолияти якҷоя;

– **идрок** - дарки мутобиқатии мазмуни ахбор ва идроки мақсад, тамоил, ҳиссиёт ва вазъият;

– **эмотивӣ** - бедор намудани ҳолати эмотсионалии ҳамсуҳбат ва баръакси ин раванд нисбати худ ба ин васила;

– **ташкили муносибатҳо** - дарк ва муайянсозии мавқеи худ дар системаи робитаҳои нақшӣ, мавқеӣ, корӣ, байнишахсӣ ва дигар робитаҳои ҷамъиятӣ;

– **таъсиррасонӣ** - тағйири ҳолат ва рафтори шахсию маънавии ҳамсуҳбат (мақсад, тамоюл, қарор, тасаввурот, талабот, амал ва фаъолнокӣ).

Дар ҷараёни муоширати байнишахсӣ одамон ҳамеша ба ҳамдигар таъсиррасонанд» [22, с. 96].

Ҷанбаи иртиботии муошират ба ошкор намудани хусусияти ҷараёни иттилоотӣ дар ҷамъият ҳамчун субъектҳои фаъол аз муносибати шарикон, яъне тамоил ва мақсади онҳо вобаста аст. Ин раванд на танҳо сабабгори рушду пешрафт ва ҳаракати босуръати иттилоот аст, инчунин омили ислоҳу такмили донишу маълумот ва табодули афкори ҷамъияти муошираткунандагон низ мебошад.

Ҷараёни иртиботӣ чунин тавсиф дода мешавад: таъсиррасонии иштирокчиён ба ҳамдигар, таъсир расонидан ба рафтори шахси дигар, таъмини муаррифии худ ба шахси дигар ва шартҳои зарурӣ дар истифодаи забони ягона, инчунин дарки ягонаи вазъияти муошират.

Муошират, агар каме амиқтар ба он назар кунем, танҳо як раванд ё амал нест, он як падидаи бисёрҷабҳа ва то андозае мураккаби психологӣ-

педагогӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб, муносибат ба он бояд ҳамеша бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва эҳтиром ба одобу фарҳанги ҳар давраи рушди шахсият сурат гирад.

Дар асл, моҳият ва мазмуни иҷтимоии муошират дар он зоҳир мегардад, ки он ба як василаи муҳим барои интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Яъне, тавассути муошират на танҳо иттилоот, балки арзишҳо, меъёрҳо ва унсурҳои гуногуни фарҳанг аз як насл ба насли дигар мегузаранд. Масалан, ҳатто одитарин шаклҳои рафтор ё тарзи гуфтор аксар вақт маҳз дар раванди муошират аз худ карда мешаванд.

Ба ҳамин замина такя намуда, Каримова И.Х. нозукии муоширатро махсус таъкид мекунад. Ба андешаи ӯ: “Ҷанбаи фаъоли муошират на танҳо мубодилаи фикр аст, балки пеш аз ҳама ташаккули маҳорати умумии ҳамкориро дар бар мегирад. Яъне, дар раванди муошират шаклҳои гуногуни ҳамкории байни одамон ба вуҷуд меоянд, ки асоси онҳо ду равиши муҳим - ҳамкорӣ ва рақобат маҳсуб меёбанд” [59, с. 18].

Агар ба таҷрибаи воқеӣ назар андозем, ин андеша хеле равшан тасдиқ мешавад: дар баъзе ҳолатҳо одамон барои расидан ба ҳадафи умумӣ ҳамкорӣ мекунанд, дар ҳолатҳои дигар бошад, рақобат ба рушди фаъолият мусоидат мекунад. Ба назари ман, маҳз ҳамин ҳамгироии ҳамкорӣ ва рақобат муоширатро ба як механизми зинда ва рушдёбанда табдил медиҳад.

Дар ҷараёни идроки муошират байнишахсӣ якчанд «воситаҳо» пайдо мешаванд, аз қабили воситаи ибтидоӣ будан, ахбори нав (навигарӣ) ва ғайраҳо, ки ин ҷо падидаҳои монандкунӣ ва хислатҳои тасодуфӣ низ нақши назаррас доранд. Идроки хусусиятҳои мазкур муайян намудани мазмуни психологияи раванди ҳамдигарфаҳмиро дар ҷараёни муошират имконпазир мегардонад.

«Набояд фаромӯш кард, ки дарки шахси дигар дар ҷараёни муошират байнишахсӣ натиҷа ва шарти муошират ҳисобида мешавад. Дарки шахси дигар, пешбинӣ ва ташаккули тасаввурот дар бораи ӯ,

тавсифи симои зоҳирии ӯ, маҷмуи хулосаҳо дар бораи сифатҳо, қобилиятҳо ва муносибати ӯро нисбат ба ҷанбаҳои гуногуни воқеият, нисбат ба худ ва дигарон дар бар гирифта, дар бораи мансубияти иҷтимоию гурӯҳии ӯ низ маълумот медиҳад» [13, с. 73].

Маълум аст, ки чӣ қадар тасаввуроти мо дар бораи шахси дигар пурраву аниқ бошад, ҳамон қадар мо усули мувофиқтари рафторро дар муошират бо ӯ интихоб менамоем. Сарчашмаи асосии ташаккули тасаввурот дар бораи шахси дигар симои зоҳирӣ, рафтор, хусусият ва натиҷаву сифати фаъолияти ӯ ҳисобида мешаванд. Новобаста аз он ки аксарият медонанд, миёни хусусиятҳои симои ҷисмонӣ ва сифатҳои шахсияти инсон алоқаи бевосита вуҷуд надорад, хулосаҳо оид ба мавҷудияти чунин алоқаҳо ба таври васеъ паҳн шудаанд.

Вобаста ба ин, касоне низ ҳастанд, ки бошуурона хусусиятҳои симои зоҳириро ба сифатҳои шахсият алоқаманд меҳисобанд. Чунин хулосабарорӣ натиҷаи салоҳияти психологии нокифоя ва таҳлили сатҳии таҷрибаи муошироти шахсӣ бошад ҳам, вале мавҷудияти чунин омилҳо воқеиянд. Хусусияти тасаввурот дар бораи ба шахсияти одамони дигар таъсир расондани омилҳои зикршуда ҳам далели ин гуфтаҳост.

Азбаски мавзуи таҳқиқоти моро ҷараёни таълим, тарбия, таҳсил ва омӯзиши хонандагони синни хурди мактабӣ, умуман мактабу маориф аз нигоҳи психологӣ-педагогӣ дар бар мегирад, дар қисмати назариявӣ дар бораи масъалаи муошироти омӯзгорӣ низ маълумоти мушаххас хоҳем овард.

Дар масъалаи муошират мавқеи психологияи муошироти омӯзгорӣ нақши муассиру пешбарандаро дорад, зеро он шарти муҳимми мутобиқшавии омӯзгор ва талаботи доимию зарурии ӯ дар ҷараёни таълиму тарбия ба ҳисоб меравад.

Мавқеъ, мақоми иҷтимоӣ ва вазифаҳои субъектҳои муоширираткунанда гуногун аст (омӯзгор - хонанда, хонанда - хонанда,

омӯзгор - омӯзгор, омӯзгор - волидон ва ғайраҳо) ва ин ҷо самимияти байниҳамдигарӣ шарти муҳимму асосӣ маҳсуб меёбад.

Дар психологияи муосир дар баробари дигар намудҳо, асосан ду шакли муошират тасниф мегардад:

– нутқӣ;

– ғайринутқӣ (имою ишора, кинетика, паралингвистика).

Дар баробари ин, масъалаи интерактивӣ (фаъолнокӣ) будани муошират маънои онро дорад, ки дар ҷараёни он «табодули фаъолият ва амал», яъне зарурияти ҳамкории мутақобила пайдо мегардад.

Дар психологияи иҷтимоӣ ин шакли ҳамкорӣ чунин тавзеҳ мегардад:

– кооператсия/ҳамкории кооперативӣ - муттаҳид сохтани иштирокчиёни муошират;

– рақобат ва ё ҳамкорӣ дар ҷараёни пайдоиши низоъ, ки ҳангоми омӯзиши он шаклҳои мухталифи муносибат ва муошират корӣ барқарор мегардад.

Тавре қаблан ишора карда будем: «Муошират персептивӣ шаклест, ки бо мақсади дарки ҳамдигар роҳандозӣ мегардад:

– дарки мақсад, маром ва талаботи шарик;

– қабул мақсад, маром ва талаботи шарик. Идроки мутақобила дар асоси муқоисаи худ бо дигарон, монандкунӣ (идентификатсия), рефлексия ва аттраксия пайдо мешавад» [50, с. 48].

Аз таҳлилҳои психологӣ маълум мегардад, ки вазифаҳои муошират имкон медиҳанд, амиқии мазмуну моҳияти муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва муҳиммии ҳамдигарфаҳмии одамон муайян гарданд.

Дар асоси хулосаҳои таҳлилҳои психологӣ-педагогӣ, муошират хонандагони хурдсолро чунин тавсиф кардан мумкин аст: он таъсиррасонии мутақобилаи ду ё якчанд шахс мебошад, ки бо мақсади барқарор намудани муносибатҳои мутақобила, расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ва ташкили фаъолияти якҷоя сурат мегирад. Муошират яке аз омилҳои муҳимми инкишофи равонӣ ва иҷтимоии ҳар шахс буда, барои

хурдсолон василаи муҳимми аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи муоширатро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, Б.Ф. Ломов чунин мешуморад, ки: «Ҳангоми омӯзши ҳаёти шахси мушаххас, бо он набояд маҳдуд гардем, ки ин шахс коре ва ё амалеро чӣ гуна ба сомон мерасонад, ҳамзамон бояд муайян намоем, ки муоширати ӯ бо атрофиён чӣ гуна аст ва онро чӣ гуна роҳандозӣ намудааст» [86, с.39].

Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки дар баррасии масъалаи муошират ва ташаккули он бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва инкишофи равонии хонандагони хурдсол, мактаби педагогӣ ва психологӣ, ки ба назарияи М.И. Лисина, муҳаққиқи шинохтаи рус мансуб аст, бештар такя намоем. Маҳз М.И. Лисина масъалаи ташаккули муоширати хонандагони хурдсолро мавриди омӯзиш қарор дода, дар илми психология мафҳуми наверо бо унвони «психологияи муоширати хурдсол бо калонсолон»-ро ворид кардааст. Ба ин васила, муошират ҳамчун падидаи нави фаъолияти иртиботӣ пазируфта шуда, аз ҷузъҳои таркибӣ, аз қабили талабот, предмет, маром ва восита иборат мебошад.

Дар асоси баррасиҳои М.И. Лисина чунин хулоса кардан мумкин аст, ки: «Асоси фаъолияти муоширати инсонҳоро робита ба воситаи забон ташкил дода, дар он майл ва хоҳиши дарку арзёбии нутқи ҳамсуҳбату атрофиён инъикос меёбад. Матлаб, мақсад ва мароми мушаххаси шахсро ба фаъолияти иртиботӣ водорсозанда, ҳамон сифатҳои шахсии фарду атрофиён, ки замина барои ворид шудан ба муошират мегузоранд ва ба рушди сифатҳои маърифатӣ, корӣ ва шахсии афроди мутақобил мусоидат мекунанд.

Маҷмуи амалҳо воситаҳои муошират ҳисобида шуда, ба ин восита фаъолияти иртиботӣ ва коммуникативӣ дар амал татбиқ мегардад» [83, с. 18].

Аз нигоҳи педагогӣ-психологӣ Б. Маҷидова воситаҳои асосии муоширатро тариқи зайл гурӯҳбандӣ намудааст:

«а) интихоби маҷмуи калима ва ибораву қоидаҳои асосии ҷараёни нутқ ҳангоми муошират;

б) хушоҳангӣ, ифоданокӣ ва эмотсионалии нутқ;

в) имою ишора, нигоҳ, ҳаракат ва қоидаву тартиби худро дар ҷараёни муошират нигоҳ дошта тавонистан;

г) риояи одату анъанаҳои мардумӣ, фарҳанги ботинӣ, боварию эътимод ба ҳамдигар, мавқеи иҷтимоӣ, синну сол, ҷинсият ва ҳоказо» [97, с. 38].

Дар хонандагони синни хурди мактабӣ меъёр ва андозаҳои ба роҳ мондани муошират дар тамоми зинаҳои инкишоф мустаҳкам буда, шаклҳои сифатан нави муоширатро ба миён меоранд.

Бино ба андешаи М.И. Лисина: Вазифаи муошират механизми дутарафа буда, он аз тағйири фаъолияти хонандагони синни хурди мактабӣ иборат аст. Калонсолон на танҳо соҳиби восита ва намунаи иҷрои амалҳо, ҳамчунин шахсияти беҳамтои татбиққунандаи марому маъноҳои шахсии худанд. Хусусияти хурдсолон дар рафти аз худ кардани арзишҳои зиндагӣ дар раванди муошират, фаъолият ва таассуроти якҷоя ифода мегардад» [84, с. 64-66].

Дар ин радиф, дар илми психологияи бачагона таъкид шудааст, ки тағйирёбии фаъолияти пешбарандаи бача қонунияти ягонаи муайянкунандаи пайдарҳамӣ ва дар асоси ҳамдигар пайдо шудани фаъолияти пешбарандаро доро буда, дар он муҳим будани нақши калонсолон зикр гардидааст (Д.Б. Элконин, Е.О. Смирнова).

Тавре маълум аст, таъмикунандаи алоқамандии кӯдак бо ҷомеа шахси калонсол мебошад, ки ин гурӯҳро моҳиятан чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

– калонсол таҷассумгари арзишҳои маънавӣ бо воситаи қоидаву меъёрҳои одоби муошират буда, таҷрибаи ҳаётияшро дар раванди мақсадноки таъсиррасонӣ ба шахсияти бача истифода мебарад;

– калонсол дар ҷараёни таълим ва тарбия таҷрибаи иҷтимоиро аз насл ба насл интиқол медиҳад.

Дар муҳити мактаб ва оила, ба фарҳанги муошират ва риояи қоидаю меъёрҳои одобу ахлоқи миллию умумибашарӣ, мавқеи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва волидон муҳим аст. Дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ, фардиву шахсиятӣ ва иҷтимоӣ-гендерӣ, хонандаи хурдсол ба воситаи тақлид ва ёдгирӣ аз шахсони иҳотакарда (мактаб, ҷомеа), барқарор кардани муошırату муносибати дутарафаро дар чаҳорчӯбаи «омӯзгор-хонанда», “хонанда-омӯзгор”, «хонанда-хонанда», «омӯзгор-волидон», “хонанда-волидон”, “волидон-хонанда” аз худ мекунад. Ба роҳ мондани маҷмуи муошират ва муносибат душвориҳои хоси ботинӣ-психикӣ, ташкилӣ-педагогӣ ва педагогӣ-психологиро доро буда, онҳо таҳлилу таҳқиқи сифатҳои психологӣ-педагогиро тақозо доранд.

Вобаста ба ин масъала, таъкид кардан бамаврид аст, ки таҳқиқи масъалаи одоби муошират вазифаи асосии психологияи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, зеро он фарҳанг, арзишҳои маънавии шахс, гурӯҳ, қавм, миллат ва инсониятро дар бар гирифта, ба воситаи захираи луғавӣ, калима ва ибораҳои таркибии забони модарии ҳамон миллат амалӣ мегардад.

Агар дар одамон бо воситаи робита андешаҳо баён гарданд, пас ҳангоми муошират хоҳишу дархост ва ҳиссиёту ҳаяҷони мансуб ба зарурати муошират ифода мегардад.

Мушкилоти истифодаи мафҳуми муошират аз нигоҳи психологӣ-педагогӣ ҳамеша мавриди баҳс ва мунозираҳои мухталифи муҳаққиқон қарор дорад. Истифодаи мафҳуми муошират ба ду маънӣ роиҷ мебошад: якум - шакли мавҷудияти инсон, дуюм – фаъолияти психикӣ, дар ҳоле, ки

муошират шакли муҳимму афзалиятноки фаъолияти нутқӣ буда, танҳо хоси инсон аст.

Инчунин, омилҳои этнопсихологӣ таъсиррасонандаи мазмун ва усулҳои муошират низ ба шумор меравад, ки он объекти таҳқиқоти этнопсихология мебошад, ин раванд дар асоси таъсири омилҳои фарҳангии шахс, гурӯҳ ва халқияту миллатҳо роҳандозӣ мешавад.

Муҳаққиқи дигар А.А. Бадалев мегуяд: «Муоширатро чун шакли фаъолият ҳисобида шуда, бидуни муошират ташаккули арзишмандии шахсият ҳамчун субъекти фаъолият ва фардият таъмин намегардад» [14, с. 64].

Ҳангоми муошırати мутақобила қаноатмандии эмотсионалӣ имкон медиҳад, шиддатнокии руҳӣ паст гардад, ки дар натиҷа дар аз худ кардан ва риояи меъёрҳои одоби муошират таъсиррасон бошад. Мавҷудияти қаноатмандии эмотсионалӣ ба маромҳои ташаккули муошırати солим, ҳамдигарфаҳмӣ, ба мақсад расидан, роҳи ба даст овардани руҳияи психологӣ-маънавӣ табдил ёфта, метавонад муҳити солимро таъмин созад, ки он устувории одоби муошират ва муносибати хайрхоҳонаи калонсолону хурдсолонро таъмин менамояд.

Г.М. Андреева меҳисобад, ки: «Бо воситаи психологияи иҷтимоӣ сохтори муошират ҳамчун раванди маърифатӣ, омӯзиши муҳити атроф, ҷараёни барқарорсозии робита ва таъсири мутақобилаи инсон маҳсуб меёбад» [5, с106].

Дар навбати худ, муҳаққиқи ватанӣ И.Р. Изатуллоев низ кӯшиш намудааст, фарҳанги муоширатро ҳамчун инъикоскунандаи қисми таркибии фарҳанги ахлоқ ва одоби ҷомеа арзёбӣ намуда, сохтори онро ба тариқи зайл муқаррар менамояд:

«1.Таърихӣ ва маданӣ (муошират дар ҷомеаи гуногуни таърихӣ ва ҳаёти маданӣ).

2.Этнографӣ (мардумшиносӣ, шиносоӣ бо ҳаёти халқиятҳои гуногун).

3.Муошырати сотсиологӣ (донистани табақаҳои гуногуни ҷомеа, маълумот, касб, мактаб, синну сол, оиладорӣ, муҳити зист, фаъолияти меҳнатӣ).

4.Муошырати психологӣ-мутаассиршавӣ, хушҳолӣ, рафтори фидокорона, меҳрубонӣ, серғайратӣ, хотира, ҳиссиёт, бошуурӣ» [52, с. 204].

Андешаҳои муҳаққиқи мазкур бештар ҷанбаи фарҳангшиносӣ дошта, он раҳнамои шаклгирии одоби муошират ва муносибати мутақобилаи калонсолон ҳисобида мешавад. Заминаи азхудкунии қоида ва меъёрҳои одобу рафтор хонандагони синни хурди мактабӣ ин намунаи фарҳанги муошырати ҳаррӯзаи калонсолон аст, чунки дар зинаи давраи хурди мактабӣ нутқи гуфтугӯӣ барои хонандаи хурдсол вазифаи барқарорсозии муошират ва ба даст овардани иттилоотро иҷро намуда, баъдан он дар суҳбат, фаъолияти суханварӣ ва рисолати муошират дарҷ меёбад. Хонанда минбаъд чун шахси калонсол амалҳоеро амсоли муошырату хулосабарорӣ, маълумотгирӣ ва ифодаи фикр дар ҷараёни фаъолияти амалӣ ва маърифатӣ мавриди истифода қарор медиҳад.

Пас муошират таъсири мутақобилаи иттилоотӣ, эмотсионалӣ ва ашёӣ буда, дар рафти он муносибатҳои байнифардӣ амалӣ ва хусусиятҳои шахсии психикӣ зоҳир ва шакл мегиранд. Одам дар вақти муошират на танҳо маълумот ва ахбореро қабул мекунад, инчунин онҳоро ба дигарон низ дастрас сохта, таъсири дуҷонибаро бо атрофиён барқарор месозад.

Ин нуктаҳоро хулоса намуда, гуфтан мумкин аст, ки муошират ҷараёни мураккаби муносибатҳои мутақобилаи ба ҳам омехтаи таъминкунандаи фаъолиятҳои бо якдигар муттаҳид аст. Ҷамъбасти ниҳоии муошират ба истифодабарандагони он равона гардида, онҳо метавонанд ба ҳамдигар вобаста ба имконият ва тавоноии шахсӣ баҳогузорӣ намоянд.

«Аломат ва нишонаи асосии муоширaт ҳамчун раванди гуфтор ба тариқи умумияти маънавӣ, боварӣ ба ҳамдигар, самимият, хайрхоҳӣ тавзеҳ ёфтааст. Ҳангоми суҳбат бо хонандагон муносибат ва муҳокимаи ҳолату вазъиятҳои гуногун ба вуҷуд меоянд, ки дар он на ҳама вақт фикру андешаҳо бо ҳам мувофиқанд» [155; с. 41].

Дар психология, фалсафа, фарҳангшиносӣ ва сотсиология таъкид мешавад, ки фарҳанги муошират маҷмуи арзишҳои маънавӣ буда, инсоният тӯли асрҳо онро эҷод намудааст ва он бо риояи қоидаву меъёрҳои ахлоқӣ асоснок гардидааст.

Маданияти муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ бо воситаи иҷрои қоидаҳои муносибати эҳтиёткорона, боэҳтиром, некукорию некхоҳӣ, боодобию хушмуомилагӣ дар хона, муассисаҳои таълимӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ нисбат ба ҳамсолону калонсолон зоҳир мегардад.

Одоби муошират ҳамчун масъалаи маданияти нутқ дар адабиёти илмии фарҳангшиносӣ, педагогӣ, психологӣ ва сотсиологӣ арзёбӣ шуда, аз ҷумла омадааст, ки ягонагӣ, пайвастагии тарафайни ҳар як халқи соҳибтамаддун зери мафҳумҳои ватан, фарҳанг, забони модарӣ, анъанаҳо ва дигар арзишҳои моддию маънавӣ ифода мегардад.

Фарҳанг маҷмуи хусусиятҳои фикрӣ, маънавӣ ва ботинӣ буда, дараҷаи маданияту фарҳанги ҷомеа ё гурӯҳҳои иҷтимоиро мушаххас мекунад ва фарогирандаи мафҳумҳои зиндагӣ, ҳуқуқи асосии башар, низомҳои арзишӣ, суннатҳо ва ғайраҳо мебошад.

Мафҳуми “муколама” дар адабиёти илмӣ ва воситаҳои ахбори омма ҳамчун синоними «муошират” истифода мешавад. Аммо, ба андешаи мо, “муколама» бештар ба маънии калимаи “гуфтугӯ” наздик буда, он метавонад ҳамчун ҷузъ ва ё кулли муошират фаҳмида шавад. Муҳиммии муколама дар азхудкунии фарҳанг, робитаҳои байнифарҳангӣ, муоширати касбӣ-фарҳангӣ, забономӯзӣ ва дигар масъалаҳо аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои психология, забоншиносӣ, фарҳангшиносӣ,

фалсафа ва педагогика мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Инчунин муколама ҳамчун воситаи омӯзиши забони хориҷӣ ва рушди нутқи шифоҳии кӯдакон дар муассисаҳои таълимӣ тавсия дода мешавад. Ин аст, ки дар заминаи луғатҳои ду ва ё бисёрзабона бештар луғатҳои муколамавӣ таҳия мешаванд.

Дар илми муосир, муошират тавассути нутқ ба намудҳои гуногун тақсим мешавад: робита, алоқаи фосилавӣ, робитаи бавосита ва бевосита, шифоҳӣ ва хаттӣ, диалогӣ ва монологӣ, шахсӣ ва расмӣ, инчунин байнишахсӣ ва оммавӣ.

Ба андешаи мо, муошират тавассути нутқ ҳамон вақт ташаккули шуури бачаро таъмин мекунад, ки агар он мазмунан фаҳмо, дастрас ва дақиқ бошад. Идроки нутқи ифодашудаи раванди муошират ба иштироккунандагони он баробар тааллуқ дорад. Муошират нутқӣ чун шакли фаъолият сохтори мураккаби психологӣ дошта, дорои маром (ваҷҳ, мотив), амалҳо ва натиҷаи худ аст.

Коршиносон маромии муошират нутқиро ба мубодилаи ахбор, барқарор намудани алоқаи иттилоотӣ ва таъсир расонидан ба объекти муошират мутааллиқ дониста, маромии муоширатро асоси қонеъ гардондани талаботи ботинӣ - маънавӣ меҳисобанд.

Вобаста ба ин, идроки нутқро чун раванди ягонаи ба ҳам алоқаманд ҳисобидан мумкин аст, зеро дарки калимаву ибора имкон медиҳад, маъно ва мафҳуми он дар ҷараёни нутқ дуруст фаҳмида шавад.

Тавре маълум аст, кӯдак дар соли аввали ҳаёт кӯшиш мекунад бо атрофиён робита барқарор намояд, ки он дар муносибати эмотсионалии ӯ бо калонсолон мушоҳида мегардад ва он заминаи муҳимми раванди азхудкунии нутқ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, фаъолияти пешбарандаи кӯдак то 1-солагӣ муошират эмотсионалӣ бо атрофиён буда, дар ин ҳангом инкишофи психикии ӯ таъмин карда мешавад.

Бо такя ба донишҳои биологӣ, физиологӣ ва психологӣ маълум аст, ки аз рӯзҳои аввали ҳаёт мағзи сари кӯдак ба қабули таассуроти нав, ки

заминаи ташаккули талаботи иҷтимоӣ ҳисобида мешаванд, тайёр буда, ин талабот минбаъд дар вақти муошират бо модар қонеъ гардонида мешаванд. Набояд фаромӯш кард, ки қонеъ нагардидани талаботи бача бо воситаи муносибату муошрати эмотсионалӣ сабабгори пайдоиши нуқсонҳо дар инкишофи психикӣ ё худ асоси деприватсия (норасоӣ)-и психологиву иҷтимоӣ гардида, ин ноқисӣ таъсири худро дар фаъолияту зиндагии ӯ то охири умр боқӣ хоҳад гузошт. Бештар чунин ҳолат дар бачагону наврасоне, ки аз рӯзи таваллуд то синну соли муайян аз меҳру навозиши модарӣ дур мондаанд, ба назар мерасад.

Вобаста ба ин масъала М.И. Лисина таъкид месозад, ки: «Азхудкунии нутқ чун воситаи муошират дар тӯли умри инсон идома ёфта, се давраи асосӣ дорад:

– давраи то азхудкунии нутқ,
– давраи ташаккули нутқ;
– инкишофи муошират бо воситаи нутқ.

Ба ҳар як давра якчанд омилҳо таъсир мерасонанд ва дар татбиқи амалҳои нутқронӣ муҳимманд, дар давраи ташаккули муошират тавассути нутқ, дар доираи мазмуни он як қатор дигаргуниҳо ба вуҷуд омада, ба ин васила бача идора кардани фаъолияти нутқрониро меомӯзад» [85, с. 107].

Муҳиммии ин амал дар он аст, ки хонандагони синни хурди бачагӣ маънои калимаҳоро фаҳмида, ба ҳамсуҳбати худ расонидани ахбороти нисбатан мураккабтарро меомӯзанд. Мувофиқи ин нишондиҳанда, дар давраи хурди мактабӣ шаклҳои муошрати «ғайриситуативӣ» бо калонсолон ба вуҷуд меоянд, ки ба хонанда дар раванди аз худ намудани маводди таълимӣ таъсири мусбат мерасонанд. Тибқи андешаҳои Д.Б. Элконин: «Чунин вазъият зарурати азнавсозии таъсири мутақобиларо дар амали нутқронӣ бо ҳамсуҳбат ба миён меорад» [158, с. 79].

Ҷанбҳаҳои дигари муошрати хонандагони синни хурди мактабӣ дар таҳқиқоти Б. Маҷидова, А. Нуров, С. Туронов, М. Обидова, З.

Сафарова, М. Дадобоева, Н. Абдурашитов ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, муайян гардидааст, ки хонандагон дар раванди муошират дар баробари азхудкунии таҷрибаи маънавӣ-иҷтимоӣ, меъёрҳои нутқрониро низ меомӯзанд.

«Муошират ин таъсиррасонии ду ё якчанд нафар аст, ки бо ҳадафи барпо намудани муносибатҳои мутақобила, расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ва ташкили фаъолияти якҷоя сурат мегирад. Муошират яке аз омилҳои муҳимми инкишофи равонӣ ва иҷтимоии шахсият маҳсуб мешавад. Барои кӯдакони хурдсол, муошират воситаи муҳимми аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад» [91, с. 85].

Ба андешаи мо, маҳз ҳамин хусусият муоширатро ба як омили калидии ташаккули шахсият табдил медиҳад. Чунки инсон на танҳо тавассути омӯзиш, балки пеш аз ҳама тавассути муошират меомӯзад, таҷриба мегирад ва тадриҷан ҷойгоҳи худро дар ҷомеа пайдо мекунад.

Фарқият байни муносибати амалӣ ва назариявии хонандаи хурдсол ба воқеияти нутқронӣ ҳамчун муносибат ба таълим ва инкишоф муайян мегардад. Ҳатто калонсол наметавонад бе омӯхтани хусусиятҳои воқеият ва забон онҳоро ба пуррагӣ аз худ кунад. Нутқи хонандагони хурдсол аз нутқи калонсолон фарқ мекунад, зеро онҳо ба маъно ва талаффузи калимаҳо таваҷҷуҳи бештар медиҳанд. Таҳқиқи ҷанбаҳои азхудкунии нутқ ва истифодаи калимаҳои сермаъно асосан вазифаи соҳаҳои психолингвистика, нейропсихология ва дигар соҳаҳои психология ва забоншиносии муосир мебошад.

Қисми таркибии муошират аз фаъолияти иттилоотӣ ва иртиботии инсон иборат буда, дар ҷараёни он шахс тавассути нутқ кор карда, изҳори ақида менамояд. Ин раванд бояд бо талаботу меъёрҳои истифодаи забони модарӣ ва қоидаҳои рафтору ахлоқ мувофиқат дошта бошад.

Аз таҳқиқоти мавҷуда бармеояд, ки: «Риояи қоида ва меъёрҳои одоби муошират ба хонандаи синни хурди мактабӣ имконияти

бартарафсозии низоъҳои байниҳамдигариро фароҳам меорад (Т.А. Репина, Л.В. Лидак, С.Г. Якобсон), муносибати дӯстонаро ба роҳ монда (А.В. Булатова), зарурияти иҷрои қоидаҳои рафторро (С.В. Петерина) бошуурона дарк карда тавонад» [19, с. 68].

«Одоби муошират ин малака ва маҳорати шахсият барои барқарор намудани фаъолияти иртиботӣ мебошад, ки дар он мазмуни иттилоот, воситаҳои баёни нутқ ва рафтор шароит фароҳам меоранд, то муносибати мутақобила бо атрофиён ба таври самаранок ташкил карда шавад» [70, с. 26].

Набояд фаромӯш кард, ки нуқтаи меҳварии одоби муошират мазмун ва мундариҷаи иттилоот аст, зеро он воситаи татбиқи муносибатҳои байниҳамдигарии раванди муошират ҳисобида мешавад. Асоси муошират бошад, аз гуфтугӯ - диалог иборат буда, дар раванди он сохторҳои одитарини наҳвӣ, имлоӣ ва миқдори муайяни воҳидҳои луғавӣ истифода мешавад.

Аз нуқтаи назари забоншиносӣ, шакли гуфтугӯии нутқ тағйири босуръати мақсад ва аксуламали фаврии шахсони ба ҳам таъсиркунандаро тақозо мекунад. Барои дарки нутқи ҳамсуҳбат, идроки биноӣ, шунавоӣ ва имову ишораи дуҷониба муҳим аст, инчунин оҳанги нутқ дар тағйир додани маънои калима нақши назаррас дорад. Дар муошират, нутқи гуфтугӯӣ нисбат ба шакли монологӣ вақти камтар талаб мекунад ва таъмини муҳити махсуси нутқронӣ аҳаммияти бештар дорад.

Нутқи гуфтугӯӣ бо истифодаи воситаҳои ифоданокӣ, аз қабили оҳанг, ист, овоз, суръат ва рангу тобиши эмотсионалӣ хос мебошад. Ин воситаҳо тарзу услуби баёни фикрро ба хонандаи хурдсол мерасонанд. Дар ҷараёни нутқронӣ, рафтори хонандаи хурдсол аз маҷмуи маҳорат ва малакаҳои мураккаб иборат аст, ки барои ташаккул, мустаҳкамсозӣ ва автоматизатсия ба таври мунтазам ва мақсаднок истифода мешаванд. Илова бар ин, рафтори хонандаи синни хурди мактабӣ дар ҷараёни

нуткронӣ дар заминаи меъёр ва қоидаҳои муайян ташаккул ёфта, тибқи талаботи забони модарӣ танзим мегардад.

Дар баробари ба эътибор гирифтани хусусиятҳои ташаккулу инкишофи муошират бо истифода аз роҳу усулҳои психологӣ-педагогӣ олимону мутахассисони ватаниву хориҷӣ (А.С. Киселева, Т.Л. Ладиженская, О.О. Соротская, М.В. Иляшенко, М. Лутфуллоев, И. Каримова, С. Шербоев, Ф. Шарифзода, Ш. Котибова ва дигарон) таълиму тарбияи фарҳанги муошират хонандагони хурдсолро бо масъалаи аз худ намудани забони модарӣ дар мактаб низ алоқаманд меҳисобанд.

Дар таҳқиқоти психологӣ, аз ҷумла омӯзишу баррасии муошират муҳаққиқон бештар аз адабиёти психологӣ, педагогӣ, забоншиносӣ ва фанҳои ҷомеашиносӣ, ки масъалаи мазкур дар алоқамандӣ бо дастовардҳои якҷояи илмҳои мазкур баррасӣ шуда, ба таври васеъ истифода бурда мешавад ва мо низ вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ аз чунин тарзи пажуҳиш кор хоҳем гирифт.

## 1.2. Хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабӣ

Дар асоси таҳлилҳои психологӣ муқаррар гардидааст, ки: «Инкишофи психикӣ набояд бо инкишофи организм омехта гардад, зеро инкишофи биологии организм тамомшаванда бошад ҳам, вале инкишофи психикӣ беохир ва бемаҳдуд аст. Инкишофи психикӣ бо роҳи тафриқа (интегратсия) ба амал меояд: тақсимоти функсияҳои алоҳидаи психика бо якҷоянамоии онҳо дар шакли нав зоҳир меёбад, тафриқаи функсияҳо боиси пайдоиши амалҳои гуногун ба мисли идрок, диққат, хотира, тафаккур ва эҷодиёт мегарданд. Тафриқа дар пайвастнамоӣ ва ташаккули сохторҳои нави фаъолияти психикӣ низ нақши назаррасро

соҳиб аст, ҳарчанд ин сохторҳо ба тарзи мураккаб омода мегардандy аломатҳои онҳо босуръат меафзоянд» [1, с. 49].

Вобаста ба хусусиятҳои хонандагони хурдсол Л. С. Виготский низ ба ин масъала рӯ оварда, нутқи эгосентрикии кӯдаконро бо усули озмоиш омӯхтааст. Натиҷаи тадқиқот нишон додааст, ки дар синни 5-солагӣ нутқ вазифаи банақшагириро иҷро мекунад. Нутқи дохилӣ инкишоф ёфта, хусусияти хоси худро пайдо мекунад: кӯдак ҳангоми ба нақша гирифтан бо овози баланд сухан гуфта, онро ба шахси дигар равона мекунад ё худ ба худ гап мезанад. Ин раванде, ки “нутқи дохилӣ” номида мешавад, шунаванда чизе талаб намекунад ва он дар доираи вазъияти худи кӯдак сурат мегирад. Ба воситаи нутқ кӯдак на танҳо муошират мекунад, балки инчунин фаъолияти худро низ ба нақша низ мегирад.

Аввалин маротиба дар илми психология мафҳуми “буҳронҳои синнусолӣ” аз тарафи Л. С. Виготский истифода бурда шудааст: “Он дар тавсифи дигаргуниҳои шахсияти кӯдак доимӣ буда, дар давраи гузариш аз як синнусол ба синну соли дигар ба вуҷуд меояд. Дар давраи буҳрони синнусолӣ инсон руҳияи худро таҳлил мекунад: Кӣ аст? Кӣ шудан мехоҳад? Чӣ дорад? Чӣ доштан мехоҳад? ва ғайра” [20, с. 148].

Педагог-психологи рус А. Н. Леонтев назарияи психологияи фаъолиятро кор карда баромада, махсусан ба фаъолияти пешбарандаи ҳар як давраи синнусолӣ диққат додааст: «Дар психологияи бачагона 3 аломатеро, ки ба фаъолияти пешбаранда хос аст, муайян намудааст. Аз ҷумла, ӯ қайд кардааст, ки дар ҳар давраи синнусолӣ фаъолияти пешбаранда ба инкишофи равандҳои психикӣ, ташаккули шахсият ва дигар намудҳои фаъолият таъсир мерасонад» [79, с. 177].

Дар таърихи илми психология дар моҳият ва омилҳои инкишофи психикӣ гузаришҳои гуногун мавҷуданд, вобаста ба «инкишофи маҳдудияти фаъолияти психикӣ», аз ҷумла В. Вундт инкишофи ҳар як функсияҳои психикиро бо дараҷаи гуногуни ҳолати шуур алоқаманд намудааст. Бихевиористон бошанд, инкишофро ба тағйироти рафтор

алоқаманд менамоянд, зеро қонунияти инкишоф ин тағйироти физиологӣ ва психологии ҳар як инсон маҳсуб меёбад. Дар навбати худ, адабиёти муосири психологӣ низ бо мақсади омӯзиши масъалаҳои инкишоф гузаришҳои зиёди назариявиро мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додааст.

Маълум аст, ки назарияи асосии инкишофи психикаро олими барҷастаи рус, педагог-психологи шинохта Л.С. Виготский кор карда, онро «назарияи фарҳангӣ-таърихии инкишоф номидааст. Мавсуф назарияи худро ба он хотир “таърихӣ” номидааст, ки то ба воситаи он равандҳои дар таърихи ҷамъияти инсон бавуҷудояндаро омӯзад, “фарҳангӣ” маънои онро дорад, ки ашёву ҳодисаҳо бо воситаи маданият ва фарҳанги инсонӣ инкишоф меёбанд» [20, с67].

Маҳз дар доираи инкишофи психика, дар раванди ташаккулу инкишофи дигар равандҳои психикии маърифативу фардӣ, муоширати инсон ба вуҷуд меояду тадриҷан ва бо мурури замон дар асоси донишу таҷрибаҳои ҳаётӣ ба зинаи муайян мерасад.

Сифатан тағйир ёфтани ҳаёти психикӣ, яъне инкишоф, на танҳо дар давраи бачагӣ, балки дар давоми онтогенез- аз рӯзи таваллуд то охири умр ба вуҷуд меояд. Дар ҳаёти калонсолон низ тағйирот дар фикру ақидаҳо, ҷаҳонбинӣ, талабот, шаклҳои нави фаъолият ба вуҷуд меоянд.

«Хусусиятҳои психологии кӯдакон пурра ба қонуниятҳои инкишофи психика такя карда, ин қонуният аз замина, шароит ва омилҳои муайян иборатанд ва ба инкишофи психикаи бачагон таъсир мерасонанд. Ин омилҳо чунинанд:

- биологӣ;
- иҷтимоӣ ва табиӣ;
- таълим ва тарбия;
- фаъолнокии кӯдак.

Ба заминаҳое, ки инкишофи кӯдакро муайян менамоянд, хусусиятҳои табиии узвҳои бадани кӯдак (яъне сохтор ва фаъолияти майнаи сар) ва муҳити иҷтимоӣ дохил мешаванд. Сохтор ва фаъолияти

узвҳои бадани кӯдак аз насл ба насл ба воситаи ирсият мегузарад. Системаи асаб ва майнаи сар имконият медиҳад ба узви мураккаби фаъолияти психикие, ки танҳо ба одам хос аст, мубаддал гардад, бе майнаи сар сифатҳои психикие, ки ба одам хос аст, пайдо намешаванд» [18, с. 89].

Шароите, ки инкишофи кӯдакро муайян мекунад, муҳити иҷтимоӣ аст, зеро кӯдак дар муҳити иҷтимоӣ ба дунё меояд ва он муҳити сунъиву бехатар буда, ба ташаккули малака ва одатҳо таъсир мерасонад. Танҳо дар ин гуна шароит фарзанди инсон инкишоф мeёбад ва инкишофи фарҳангии ӯ пеш меравад.

Ба сифати омили иҷтимоӣ дар инкишофи психика оила, муассисаи таълимӣ, ҷамъият ва таълиму тарбия нақши муайян дошта, зери таъсири онҳо насли наврас ташаккул ва фаъолиятро аз худ мекунад, ҳамчун шахсият ба воя мерасад.

«Аз ҷумла, тарбияи одоби муошират бача низ хусусиятҳои фардиро талаб мекунад, бачагон меҳру муҳаббатро эҳсос мекунанд ва суханони меҳрубононаро меписанданд» [6, с. 68].

Муошират раванди мураккабу бисёрҷабҳаи барқарор ва вусъат додани робитаи байниҳамдигарии одамон аст, ки дар асоси хоҳиши фаъолияти якҷояи онҳо ба вуҷуд омада, мубодилаи афкор, ҳамкорӣ ва дарки ҳамдигарро дар бар мегирад. Муошират фаъолияти иҷтимоии инсонро вусъат бахшида, дар раванди он инкишофи равонӣ ва худифоданамоии фард сурат мегирад.

Дар шаклгирии муоширати солим ва дуруст синну соли томактабии кӯдакон асосӣ ҳисобида шуда, минбаъд он дар синни хурди мактабӣ мустаҳкам мегардад. Синну соли хурди мактабӣ, хонандагони синфҳои 1-4-умро дар бар гирифта, аз рӯйи таснифот ба ин зинаи синнусолӣ бачагони 7 то 10-сола рост меоянд. Маҳз синни хурди мактабӣ яке аз зинаҳои муҳимми ба даст овардани таълим ва тарбия аз тарафи ин гурӯҳи бачагон ба шумор меравад, зинаи азхудкунӣ, баландбардории

дараҷаи дониш ва зинаи босуръати омӯзиш буда, дар иҷрои муваффақонаи ин вазифаи муҳим, хусусиятҳои хоси бачагон мусоидат мекунанд, аз қабили доштани боварӣ ба таъсири обрӯи калонсолон, хушзеҳнӣ, қобилияти баланди дарккунӣ, бодиққатӣ, мавҷудияти майлу ҳавас ба бозӣ ва ғайраҳо.

Набояд фаромӯш кард, ки муошират дар ташаккули психикаи хурдсолон, инкишофу шаклгирии он ва рафтори фарҳангӣ нақши калидиро мебозад, зеро бача маҳз ба воситаи муошират бо атрофиёни аз ҷиҳати психологӣ инкишофёфта ва ба шарофати имкониятҳои васеи ёдгирӣ, қобилияту сифатҳои беҳтарини шахсиро ҳосил мекунад. Тавассути муоширати фаъол бо шахсиятҳои инкишофёфта худи инсон ҳам тадриҷан ба шахсият табдил меёбад.

Агар аз рӯзи таваллуд инсон аз имконияти муошират бо одамон маҳрум шуда бошад, минбаъд наметавонад шахсияти мутамаддин, фарҳангӣ ва хушахлоқ гардад, яъне то охири ҳаёт ҳамчун одами нимваҳшӣ боқӣ монда, танҳо зоҳиран ва аз нигоҳи анатомию физиологӣ ба инсон-монанд хоҳад буд.

Бо далелҳои сершумори илмӣ исбот карда шудааст, ки: «Инсони аз муошират бо атрофиён маҳрум монда, ҳарчанд ҳамчун организми худро пурра нигоҳ дошта тавонад ҳам, вале дар инкишофи психологии худ ҳамчун махлуқи биологӣ боқӣ хоҳад монд» [83, 87, 102, 111].

Аз ҳодисаҳои ба қайд гирифта шуда бармеояд, ки дар баъзе кишварҳои хусусияти субтропикӣ дошта, фарзанди инсониро аз галаи ҳайвонҳои ваҳшӣ пайдо кардаанд, ки онҳо муддати тӯлонӣ (аз овони тифливу бачагӣ) аз ҷамъияти инсонӣ ҷудо зиндагӣ кардаанд ё аллакай дар синни калонсолӣ ба асари ҳодисаи нохуш танҳо монда, бо сабабҳои мухталиф муддати дуру дароз аз одамони дигар ҷудо умр ба сар бурдаанду (масалан, пас аз даст додани шахси наздик, бемории вазнин, баъди садамаи нақлиётӣ ва ғ.) муоширатро аз даст додаанд ва ё аз он дур шудаанд.

Инкишофи психикии кӯдак аз муошират оғоз меёбад ва ин шакли аввали фаъолнокии иҷтимоӣ буда, дар онтогенез пайдо мешавад, ки ба шарофати он кӯдаки хурдсол маълумоти барои инкишофи шахсӣ заруриро ба даст меорад. Дар мавриди фаъолияти моддӣ, ки он ҳам ба сифати шароит ва воситаи инкишофи психикӣ зоҳир мегардад, метавон гуфт, ки он дертар - дар соли дуюм ё сеюми ҳаёт пайдо мешавад. Дар раванди муошират, сараввал таҷрибаи асосии ҳаётии кӯдак ба воситаи тақлид ва баъдан тавассути дастурамалҳои шифоҳӣ ҳосил мешавад. Атрофиёне, ки кӯдак бо онҳо муошират мекунад, барои ӯ намояндагони ҳамин таҷриба буда, кӯдак танҳо ҳангоми муошират бо онҳо ин таҷрибаро аз худ мекунад. Шиддати муошират, гуногунии мазмуни он ва ҳадафу воситаҳо омилҳои муҳимми муайянкунандаи инкишофи кӯдакон мебошанд. Намудҳои гуногуни муошират ба инкишофи паҳлуҳои мухталифи психология ва рафтори инсон мусоидат мекунанд. Масалан, муошırати расмӣ ба ташаккул ва рушди қобилиятҳои инсон кумак намуда, ҳамчун воситаи азхудкунии донишу малакаҳо хизмат мекунад. Бо истифодаи ин намуди муошират инсон маҳорати ҳамкорӣ бо одамонро такмил медиҳад ва минбаъд дар ин замина сифатҳои зарурии корӣ ва ташкилотчигии ӯ инкишоф меёбанд.

Хонандаи хурдсол - инсонест, ки малакаҳои муоширатро фаъолона аз худ мекунад ва дар ин давра ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона бошиддат ҷараён мегирад. Ғайр аз ин, омӯхтани малакаҳои ҳамкории иҷтимоӣ бо гурӯҳи ҳамсолон ва тавоноии пайдо кардани дӯстон яке аз вазифаҳои асосии инкишоф дар ин марҳилаи синнусолӣ ба шумор меравад.

Ҳангоми муайян намудани мафҳуми инкишоф ва синну сол, А.Н. Леонтев қайд мекунад, ки: «Тағйири мавқеи кӯдак дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ барои фаҳмидани қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи равонии ӯ аҳаммияти калон дорад. Дар асарҳои А.Н. Леонтев, давраҳои инкишофи шахсият муайян шудаанд, ки дар онҳо

мавқеи кӯдак дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шакли пешбарандаи фаъолият тасвир гардидааст» [81, с. 56].

Равоншинос М.И. Лисина дар баробари дигар масъалаҳои психология ба омӯзиши мушкилоти муносибат низ машғул гашта, чунин ақида дошт, ки дар заминаи усули амалии ҷамъбасти муносибат маҳсул ё натиҷаи он - фаъолияти иртиботӣ (коммуникатсионӣ) фаҳмида мешавад. Муносибат ва муошират ба ҳам алоқаи зич доранд: муносибат ҳангоми муошират пайдо шуда, хусусиятҳои онро инъикос менамоянд ва баъдан ба ҷараёни муошират таъсир мерасонад. Дар як қатор таҳқиқоте, ки бо роҳбарии М. И. Лисина гузаронда шуданд, яқинан исбот шудааст, ки маҳз муошират барои муносибатҳо дар байни одамон, аз ҷумла кӯдакон, заминаи мусоид фароҳам меорад, на ташкили намудҳои самараноки фаъолият ё худи фаъолияти самаранок, зеро объекти ҳамкории шарикон (объекти фаъолияти иртиботӣ) инсон аст. Зимни омӯзиши таъсири муошират ба инкишофи умумии психологии кӯдак ин муҳаққиқ нақши фаъолияти муоширатиро дар ташаккули фаъолнокии маърифатӣ муайян намуд.

Мафҳуми фаъолнокии маърифатиро М.И. Лисина ба консепсияи фаъолият ворид намуд, яъне фаъолияти маърифатӣ, таҳқиқотӣ ва робитавиро ба муошират вобаста гардонид. Дар системаи фаъолияти маърифатӣ, ба андешаи ӯ, фаъолнокии маърифатӣ мавқеи таркибӣ дорад. Фаъолнокии маърифатӣ ба фаъолияти маърифатӣ монанд нест: фаъолнокӣ - омодагӣ ба фаъолият, яъне ҳолати пеш аз фаъолият буда, онро ба вуҷуд меорад, фаъолнокӣ пеш аз фаъолият пайдо мешавад. Ташаббускорӣ як шакли фаъолнокӣ ва нишонаи сатҳи баланди он аст. Фаъолнокии маърифатӣ ба андозаи муайян ба талаботи маърифатӣ монандӣ дорад, ин ҷо, аҳаммияти бегумони асоси табиӣ доштани фаъолнокии маърифатиро бояд эътироф намуд. М.И. Лисина қайд менамояд, ки муошират дар давраи кӯдакӣ омили муҳимми инкишофи фаъолнокии маърифатӣ аст» [83, с32].

Муҳаққиқи номбурда ба ин эътимод дошт, зеро чунин далел бо мушоҳидаҳои сершумор ва натиҷаҳои озмоишҳои бевоситаи ӯ ва ҳамкорону шогирдонаш исбот шудааст. Яъне, ҳар қадар синну соли кӯдак хурд бошад, ҳамон қадар бештар муошират бо атрофиён хусусиятҳои миқдорию сифатии фаъолнокии кӯдакро муайян менамояд ва муносибат бо калонсолон ба таври устувор муносибати ӯро бо олами атроф алоқаманд мегардонад. Таъсири муошират ба фаъолнокии маърифатӣ хеле мураккаб аст ва дар ин радиф, андешаи ӯ, дар марҳилаҳои гуногуни давраи кӯдакӣ механизмҳои таъсири муошират ба фаъолнокии маърифатӣ яксон нестанд. Дар баробари инкишофи кӯдакон таъсири муошират ба фаъолнокии маърифатӣ беш аз пеш бо ташаккули шахсият ва худогоҳӣ ба таври ғайримустақим ифода меёбад, ки ба он дар навбати аввал алоқа бо одамони дигар таъсир мерасонад.

Аз ҷумла, таҳқиқот дар бораи пайдоиш ва инкишофи нутқи кӯдакон, ки дар заминаи таълифоти М.И. Лисина ва бо роҳбарии ӯ анҷом дода шуданд, дар илми психологияи ҷаҳонӣ ҳамто надоранд. Дар ин таҳқиқот: «Нутқ ҳамчун унсури таркибии сохтори фаъолияти иртиботӣ баррасӣ мегардад, ки мавқеи амал ё ҳаракат (воситаи муошират)-ро ишғол карда, ба таркибҳои дигари он, пеш аз ҳама, ба мазмуни талабот дар муошират вобастагӣ дорад» [80, с74].

Ҳамин тавр, фарзияи маъмуле ба вуҷуд омад, ки нутқ аз талабот ба муошират пайдо мешавад; барои талаботи он ва дар шароитҳои муошират танҳо дар ҳамон лаҳзае, ки иҷрои фаъолияти робитавии кӯдак бе азхудкунии ин воситаи муҳим номумкин аст. Такмилу инкишофи минбаъдаи нутқ дар заминаи мураккабшавӣ ва тағйири муошират кӯдак бо атрофиён ва бо таъсири тағйироти куллии вазифаҳои робитавии дар назди ӯ гузошташуда сурат мегирад.

Масъалаи муошират ва ҷанбаҳои гуногуни он диққати олимони соҳаҳои педагогика, психология, сотсиология, фалсафа, забоншиносӣ ва адабиётшиносиро ба худ ҷалб кардааст. Чунончи, А.А. Бодалев [14], Л.С.

Виготский [18], М.И. Лисина [81], Т.П. Гаврилова, А.Б. Добрович [45], Я.Л. Коломинский [60], А.Г. Ковалев, А.В. Мудрик [98], В.С. Мухина, Н.П. Сарева ва дигарон ба масъалаҳои муошырати байнишахсии хонандагони хурдсол ва ҷиҳатҳои омӯзиш ва бартараф намудани душвориҳои муносибатҳои байни онҳо диққати махсус дода, монеаҳои гуногуни хусусияти психологию иҷтимоидоштаи ҷараёни муоширатро муайян карданд. Вайроншавӣ, душвориҳо, монеаҳои муошират дар асарҳои Ф. Зимбардо, А.П. Егидеса, Е.В. Залюбовская, В.Н. Кунисина. Б.Д. Паригина, Е.В. Суканова ва дигарон таҳлилу баррасӣ шудаанд [15, с. 137].

Тавре дар боло қайд намуда будем, дар навбати худ муҳаққиқони ватанӣ низ аз лиҳози талаботи илми педагогика А. Нуров, Б. Маҷидова, М. Лутфуллоев, Л. Иматова, Г. Ҷалолова, дар самти психология Р. Атахонов, Х. Буйдоқов, Н. Юнусова, Т. Мустафоқулов, Н. Амонов, М.Н. Шарипова, Н. Абдурашитов, С. Алиев ва дигарон дар таҳқиқоти худ ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаи муошират, аз ҷумла муошырати хонандагони синни хурди мактабӣ диққати махсус зоҳир карда, андешаҳои ҷолиб иброз намудаанд.

Ҷараёни муошират раванди содаву одӣ нест, яъне одатан мо як сифати муошыратро мушоҳида менамоем – муносибати як шахс бо шахси дигар, сифати асосии муошират - талабот ва омилҳои водоркунандаи муошырати як шахс бо шахси дигар аз назар дур мемонад. Танҳо ҳамсуҳбати худро хуб дониста, фаҳмида, бо ӯ муошырати ҳақиқӣ барқарор намудан мумкин аст.

Дар давраи кӯдакӣ солимии ҷисмонӣ аҳаммияти бузург дорад, зеро фаъолнокии ҷисмонӣ муваффақияти инкишофи равонӣ ва иҷтимоиро муайян мекунад. Шахси калонсоле, ки фаъолнокии ҷисмониро аз даст додааст, метавонад ҳамоно фаъолнокии равонӣ ва иҷтимоӣ дошта бошад ва ба сахтиҳои зиндагӣ муқовимат намояд. Кӯдак бояд аз аввал солим бошад, зеро фаъолнокии ҷисмонӣ аксар вақт пешрафти ӯро аз нигоҳи

ақлонӣ ва шахсият муайян мекунад. Фаъолнокии иҷтимоии кӯдаки синни хурди мактабӣ ба якчанд омилҳо, пеш аз ҳама, ба услубҳои муошират вобаста аст.

Дар ин замина, бояд махсус таъкид намоем, ки инкишофи психикӣ, аз ҷумла муошırати хонандаи синни хурди мактабӣ низ ба давраҳои синнусолӣ вобаста буда, хусусиятҳои инкишофи анатомӣ - физиологӣ, психологӣ ва қонуниятҳои ба худ хосро дорад. Ҳар як давраи синнусолӣ аз якдигар бо суръати инкишоф, дигаргунӣ ва тағйироташ фарқ мекунад ва ин тағйирот дар шакли ҷаҳиш гузашта, дониш ва тасаввуроти бачаро бою рангин месозад, ки онро буҳрони синнусолӣ меноманд.

Давраҳои синнусолӣ моҳияти таърихӣ доранд, яъне дар ҷараёни тараққиёти таърихии ҷамъият шароитҳои иҷтимоӣ, шароити ҳаёту фаъолият, шаклҳои таълим ва тарбия, мазмун ва мундариҷаи методҳои таълимӣ тағйир меёбанд ва он бевосита ба давраҳои синнусолӣ таъсир мерасонанд. Дигаргунӣ дар ҳаёти ҷамъият, пешрафти илмӣ- техникӣ ва фарҳангӣ, беҳтар шудани шароитҳои таълиму тарбиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ, такмил ёфтани системаи маълумот ба ҳаёти кӯдак таъсир расонида, инкишофро метезонад ва ин омилҳо ҳудудҳои синнусолиро тағйир медиҳанд. Ҳудудҳои синнусолӣ вобаста ба урфу одат ва анъанаҳои тарбия, хусусиятҳои системаи маълумоти ин ё он давлат метавонад, гуногун бошад. Мисол, то соли 1940 кӯдакон аз 8-9-солагӣ ба мактаб фаро гирифта мешуданд ва онҳо 4 сол дар мактаби ибтидоӣ таҳсил мекарданд. Бо мурури замон мувофиқи талаботи ислоҳот дар соҳаи мактабу маориф кӯдаконро аз 7-солагӣ ба мактаб қабул мекарданд ва соли 1967 дар мактаби ибидоӣ таҳсили талабагон се сол муқаррар карда мешавад. Дар мамлакатҳои Ғарб кӯдакон аз синни 5-солагӣ ба мактаб қабул мешаванд, имрӯз бошад, талабот ва пешравии илму техника имконият фароҳам овардааст, ки кӯдак ба мактаб аз синни 6-солагӣ қабул шавад.

Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки ҳудудҳои синну соли доимӣ, мутлақ ва тағйирнопазир набуда, он вобаста ба шароитҳои таърихӣ-иҷтимоӣ тағйир меёбад ва ба инкишофи кӯдак таъсир мерасонад.

Ҳар як давраи синнусолӣ дар кӯдак навгониҳоеро ба вуҷуд меорад, ки дар ин ҳолат ӯ сифатан ва миқдоран тағйир меёбад.

Мувофиқи таълимоти Л.С. Виготский: «Ҳар як синну соли минбаъда аз пештара бо навгониҳо фарқ мекунад» [18, с. 217].

Навгонӣ ҳамон навъи таркиби шахсияту фаъолият ва дигаргуниҳои руҳию иҷтимоиро ташкил мекунад, ки дар он ин ё он зинаи синнусолӣ бори аввал ба вуҷуд омада, тамоюлоти шуур, муносибати фардро ба муҳит, ҳаёти ботинию берунӣ ва равиши инкишофро муайян мекунад.

Л.С. Виготский муҳити иҷтимоиро ҳамчун манбаи инкишофи психика шуморида, мафҳуми “вазъи ё муҳити” иҷтимоии инкишофро ҷорӣ карда, нишон додааст, ки: «Дар ҳар давраи синнусолӣ байни кӯдак ва муҳити атроф муносибати ба худ хоси ягонаву нотакрор ташаккул меёбад, ки он муносибати иҷтимоӣ буда, ҷараёни инкишофи фардро муайян менамояд» [19]. Муҳит ё худ вазъи иҷтимоии инкишоф барои ба вуҷуд омадани навгониҳои психологӣ мусоидат мекунад.

Гузариш аз як давраи синнусолӣ ба давраи дигар бухронро ба вуҷуд меорад, ки дар навбати худ ҷаҳиш дар инкишофи психика ба амал меояд. [19, с. 74].

**Ҷадвали 1. Даврабандии синнусолӣ**

| № | Давраҳои синнусолӣ | Бухрони синнусолӣ | |
|---|---|---|---|
| 1. | 0 то 2-3 – моҳа | Бухрони давраи навзодӣ | |
| 2. | 11-12 – моҳагӣ | Бухрони давраи 1-солагӣ | |
| 3. | 2, 8 -3 – сола | Бухрони давраи 3-солагӣ | Давраи I |
| 4. | 6 - 7 – сола | Бухрони давраи 7-солагӣ | |
| 5. | 10 то 14-15 – сола | Бухрони давраи наврасӣ | Давраи II |

Ба ақидаи Л.С. Виготский: “Инкишоф ин ҷараёни ҷаҳишмонанд буда, давраҳои нисбатан ороми инкишоф бо дигаргуниҳои пурталотум, яъне «буҳронӣ» иваз мешаванд, ба буҳрони синнусолӣ чунин хусусиятҳо хос аст”:

а) буҳрон ногаҳон пайдо мешавад, саршавӣ ва ба итмомрасии онро муайян кардан мушкил аст;

б) дар ҳолати ба вуҷуд омадани буҳрон тарбияи кӯдак душвор мешавад: ҳолати эмотсионалии кӯдак вазнин шуда, муносибаташ бо одамоне, ки ӯро иҳота мекунанд, душвор мегардад» [17, с. 128].

Сабаби пайдошавии буҳрони синнусолӣ ба аломатҳо ва ҳодисаҳои манфӣ вобаста буда, ҳар як навгоние, ки дар кӯдак ба вуҷуд меояд, шакли пештара ва куҳнаи рафтору шуури кӯдакро тағйир медиҳад ва ин метавонад сабаби пайдошавии буҳрон гардад.

Тағйир ёфтани шахсияти кӯдак ва шуури ӯ дар навбати худ онро мефаҳмонад, ки вазъи куҳнашудаи инкишоф ба талаботи нав мувофиқат намекунад, натиҷаи он зиддиятҳои диалектикӣ буда, бо воситаи буҳрони синнусолӣ инъикос меёбад. Мисол, вазъи иҷтимоии инкишофи кӯдаки навзодро ду хусусияти ба ҳам муқобил ташкил медиҳад: якум, навзод ҳамчун ҷисми заиф ва нотавон ба дунё меояд ва талаботи ӯро калонсол конеъ мегардонад; дуюм, ӯ ҳанӯз воситаи муҳимми муошират - нутқро намедонад. Ҳамин тариқ, дар давраи навзодӣ дар зиддияти байни афзалиятҳои баландтарини иҷтимоӣ ва имконияти камтарини муошират таҳкурсии инкишофи кӯдак гузошта мешавад.

Навовариҳое, ки бача бори аввал дар ин давраи синнусолӣ бо онҳо вомехӯрад, боиси ба вуҷуд омадани тағйироти психикӣ ва иҷтимоӣ дар ӯ мегарданд. Аз ин рӯ, ба ҳар як давраи синнусолии инкишофи бачагон аз нуқтаи назари иҷтимоӣ баҳо додан зарур аст. Ҳар як навигарие, ки дар кӯдакон ба вуҷуд меояд, шакли пештара ва куҳнаи рафтору шуури онҳоро тағйир дода, сабаби пайдошавии буҳрони синнусолӣ мегардад.

«Бачагон аз рӯзи таваллуд то ба давраи ба мактаб рафтан се давраи бухрони синнусолиро аз сар мегузаронанд:

– дар охири 1-солагӣ;

– дар 3-солагӣ;

– дар синни 7-солагӣ.

Дар ин давра онҳо ба мактаб мераванд ва фаъолияти бозӣ ба таълим иваз мешавад, бачаи 6-7-сола худро фарди иҷтимоӣ ҳисоб мекунад, дар ӯ дигаргуниҳои психикӣ ба вуҷуд меоянд. Дарки муҳити ҳаёти нав ва дигаргуниҳо ба вуҷуд омада, бача худро ҳамчун шахсият меҳисобад. Тадриҷан дар ӯ худбаҳодиҳӣ ба вуҷуд меояд, инчунин ин давраи синнусолӣ зинаи мутобиқшавӣ ба ҷамъият ва ба даст овардани ҳурмату эҳтироми атрофиён аст. Нишонаи асосии бухрони 7-солагӣ ин тақлид ба рафтори калонсолон буда, давраи бачагии ӯ ба характери мукаммал табдил меёбад, чизҳое шавқовар мешаванд, ки дар бораи онҳо бештар донистан мехоҳад. Дигаргуниҳои ҳаёти бача ба психикаи ӯ таъсир мерасонанд, нишонаҳои ин дар рафтори ӯ мушоҳида мешавад: бадҷаҳлӣ, одамгурезӣ, дамдуздӣ ва ғайра. Баъзе бачагони ин синнусол тарсончак мешаванд (аз хонаи торик, аз танҳо мондан ва ғ.)» [15, с. 237].

Маълум аст, ки бухрони 7-солагӣ дар миёнаи давраи томактабӣ ва давраи хурди мактабӣ ба вуҷуд омада, нишонаҳои асосии ин бухронро чунин муайян кардан мумкин аст:

– бача дар ин давра вобастагии худро аз калонсол канда мекунад, яъне мустақил будан мехоҳад;

– рафтори табиии бача тағйир меёбад.

Бачагони ин гурӯҳи синнусолӣ ҳолати эмотсионалии худро аз атрофиён пинҳон медоранд, масалан намехоҳанд атрофиён ғамгинии онҳоро пай баранд. Дар баробари ин, дар муддати на он қадар зиёд рафтори худро тағйир дода метавонанд, дар рафторашон мушкилиҳо мушоҳида мешаванд, баъзан рафтори агрессивӣ ба назар мерасад (агрессия дар шакли шифоҳӣ ва ҷисмонӣ). Дар баъзе бачагон муносибати

вайронкорона нисбат ба ашё низ пайдо мешавад. Бача дар ин давра тундмизоҷ, бадҷаҳл, асабонӣ шуда, ба талабот ва хоҳиши калонсолон дағалона ҷавоб гардонида, якрав, бадрафтор ва гапнодаро мешавад, бо касе муошират кардан намехоҳад. Дар баъзе бачагон ҳатто чунин ҳолат мушоҳида мешавад, ки ба сифати эътироз аз хӯрокхӯрӣ ва ё ба мактаб рафтан ва ё аз пӯшидани либоси тавсиявии калонсолон даст мекашанд. Инчунин, ҳолатҳои баръаксро дар бача дидан мумкин аст, ки ба камфаъолии ӯ алоқаманд аст, ин гуна бачагон падару модарро ба ташвиш меоранд, зеро фаъолнокии бача паст шуда, ӯ парешонхотир мешавад. Психикаи бачаи 7-10 - сола бо хусусиятҳои баланди дарк нисбат ба атрофиён фарқ мекунад, ки ин хусусият дар ташаккули муносибатҳои бачагон кумак мерасонад. Маҳз дар ҳамин давра дарки мафҳумҳои хуб ва бад босуръат ташаккул меёбад. Мавҷуд набудани ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамдардӣ байни кӯдак ва калонсолон аз ҳамин эҳсосот сарчашма мегирад. Дар чунин ҳолат, кӯдак мекӯшад диққати дигаронро ба худ ҷалб кунад ва талаботи нав дар муносибатҳои ӯ ба вуҷуд меоянд. Агар ин талабот қонеъ нагарданд, кӯдак ба исён ва саркашӣ майл мекунад [18, с. 159].

Л.С. Виготский дар инкишофи психикии хурдсолон баҳисобгирии давраҳои синнусолиро пешниҳод намуд ва ба давраи томактабӣ диққати махсус дод. Ӯ таъкид намудааст, ки дар давраи аз 3 то 7-солагӣ дар бача дигаргуниҳои муҳим ба вуҷуд меоянд. Дар ин давра бухроне ба вуҷуд меояд, ки дар ҳаёти бача нақши худро мегузорад. Дар аввали синни 7-солагӣ гузариш аз як давра, яъне аз давраи бачаӣ ба давраи хурди мактабӣ, ба амал меояд, ки дар бача як қатор дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд.

Л.С. Виготский ба давраҳои гузариш баҳо дода, қайд кардааст, ки: «Маҳз ҳар як давра дар бача бухронеро ба вуҷуд меорад, ки барои инкишофи минбаъдаи психикии ӯ таъсир мерасонад. Ба вуҷуд омадани маҳорати худбаҳодиҳӣ, худшиносиро дар 6-7-солагӣ Л. С. Виготский

«аломатҳои бuҳрон» дар ин давра номидааст, ки он тадриҷан ба анҷом мерасад. Ин навовариҳои дохилии руҳӣ, пеш аз ҳама, муборизаи дохилиеро ба вуҷуд меоранд, ки на ҳама вақт намоёнанд» [18, с. 206].

Муошırати кӯдак дар оила як масъалаи муҳимме мебошад, ки бо ворид шудани ӯ ба мактаб, вазъияти иҷтимоии наве эҷод мекунад ва ба тағйири услуби муоширати ташаккулёфтаи оилавӣ сабаб мегардад. Масалан, услуби авторитарӣ, ки асосан бар роҳбарии сахтгирона, пахш кардани ташаббус ва маҷбуркунӣ асос ёфтааст, вақте кӯдак ба мактаб меравад, худро ҳамчун зарурати ба интизоми мактаб мутобиқ кардани кӯдак нишон медиҳад. Ин услуб дар баробари меҳру муҳаббати нисбатан сахтгирона шаклҳои хосе ба мисли дӯғу пӯписа ва ҷазои ҷисмониро дар бар мегирад. Дар чунин оилаҳо кӯдакон бо мушкилоти худбоварӣ, асабоният, ё хусумат ва фармонравоии хос ба воя мерасанд. Дар мактаб ин хусусиятҳои шахсият дар муносибат бо ҳамсолон ошкор мешаванд.

Дар баробари ин, услуби либералӣ ва бепарвоёна, ки дар асоси рафтори беҳад озоду бидуни маҳдудият асос ёфтааст, кӯдакро ба рафторҳое, ба мисли талаб кардани пайвастаи “Деҳ!”, “Аз ман!”, “Мехоҳам!”, бо нозу озурдагӣ одат мекунад. Бепарвоӣ дар чунин ҳолатҳо боиси он мегардад, ки кӯдак ҳамчун шахсияти баркамоли иҷтимоӣ инкишоф наёфта, намедонад, ки дар ҳаёт вуҷуд доштан ва риоя кардани талаботи иҷтимоӣ, аз қабили “даркор аст”, чӣ маъно дорад. Дар чунин оилаҳо кӯдакон бо худпарастӣ ва ноқаноатмандӣ ба воя мерасанд ва дар мактаб бо муоширaт ба мушкилӣ дучор мешаванд, чунки ёд нагирифтаанд, ки ба фикри дигарон эътибор диҳанд ё хоҳишҳои худро ба манфиатҳои умумӣ мутобиқ созанд.

Як усули дигари услуби либералӣ ва бепарвоёна ғамхории аз ҳад зиёд дар оила аст. Ин ғамхории аз ҳад зиёд кӯдакро аз худмухторӣ дар инкишофи ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ маҳрум мекунад. Дар ин ҳолат, тамоми таваҷҷуҳи оила ба кӯдак равона мегардад: барои ҷилавгирӣ аз ҳодисаи нохуш ё беморӣ, кӯшиши ҷуброн кардани нокомиҳои худ бо

муваффақияти кӯдак, ё ба далели пиндоштани кӯдак ба ҳайси нобиға. Волидон, ки тамоми ҳастии худро ба кӯдак бахшидаанд, дар интизори сипосгузорӣи кӯдак ҳастанд, аммо онҳо намефаҳманд, ки ин гуна ғамхорӣ кӯдакеро бо худбоварии паст, гирифтори невроз ва маҳрум аз худмухторӣ ба воя мерасонад. Ақибмондагию вобастагӣ ӯро аз муошират бо ҳамсолону ҳамсинфон маҳрум мекунад. Вале ӯ дар байни ҳамсинфон пуштибон пайдо карда, мавқеи мукаммалро ба даст меорад.

Муносибати арзишманд ба кӯдаки рефлексияи баланддошта ва масъулият барои ӯ услуби бештар самараноки тарбия аст. Дар ин ҷо волидон ба кӯдак дӯстдорию хайрхоҳӣ нишон медиҳанд ва бо ӯ бозӣ карда, дар мавзуъҳои барои ӯ шавқовар суҳбат мекунанд. Илова бар ин, ба кӯдак таълим медиҳанд, ки на танҳо ба худ такя кунад, балки ҳангоми зарурат аз дигарон кумак пурсад. Ӯ мефаҳмад, ки «даркор аст» чӣ маъно дорад ва метавонад боинтизом бошад. Дар чунин оила кӯдаке ба камол мерасад, ки иззати нафс дорад, масъулияти дигаронро эҳсос мекунад ва дар мактаб зуд соҳибихтиёриро ба даст оварда, муносибати дурустро бо ҳамсинфон ба роҳ монда, интизомро риоя мекунад.

Маҷидова Б. таъкид менамояд, ки: “Тарбияи дуруст дар муҳити оилавӣ на танҳо ба рушди мустақилияти кӯдак мусоидат мекунад, балки заминаи ташаккули масъулиятшиносӣ, худназоратӣ ва малакаҳои иҷтимоиро низ фароҳам меорад. Ба андешаи ӯ, маҳз дар чунин шароит кӯдак меомӯзад, ки чӣ гуна байни мустақилият ва ҳамкорӣ тавозун нигоҳ дорад, ки ин барои мутобиқшавии минбаъда дар муҳити мактаб аҳамияти калон дорад”[97, с.88].

Ҳарчанд услубҳои муошириати дар боло номбаршуда дар оила дорои фарқият ҳастанд, онҳо як хусусияти умумӣ доранд: волидон нисбат ба фарзандони худ бепарво нестанд. Онҳо фарзандони худро дӯст медоранд, ва услуби тарбия аксар вақт меросӣ буда, аз насл ба насл дар оила мегузарад. Танҳо оилае, ки хусусиятҳои инфиродии кӯдакро ба назар мегирад, метавонад бошуурона услуби самараноки тарбияи ӯро интихоб

намояд. Албатта, фарҳанги тарбияи оилавӣ бояд дар оила рушд ёбад ва дастовардҳои он ба наслҳои оянда мерос гузошта шаванд, зеро дар замони мо шароитҳои фаровоне барои таҳсил ва пешрафти минбаъда мавҷуданд.

Таҳлили услубҳои тарбия бе зикри як услуби дигар, ки ба тарбия умуман равона нашудааст, нопурра хоҳад буд. Ин ҷо сухан дар бораи муносибатҳои сард ва бетаваҷҷуҳӣ дар оила меравад.

Услуби муносибатҳои сард ба бепарвоии амиқи калонсолон нисбат ба кӯдак ишора мекунад. Дар чунин шароит, волидон ё фарзанди худро нодида мегиранд ё аз муошират бо ӯ канораҷӯӣ намуда, аз ӯ фосилаи равонӣ мегиранд. Бепарвоии волидон ба рушди равонӣ ва эҳсосоти дохилии кӯдак ӯро танҳо ва ноумед мекунад. Дар натиҷа, кӯдак муносибати сард ё ҳатто хусуматро нисбат ба дигарон рушд медиҳад. Дар мактаб, чунин кӯдак аксар вақт нобовар, гирифтори невроз мешавад ва бо ҳамсолон муносибати душворро таҷриба мекунад.

Ин услубҳои муносибат бо кӯдак дар оила душвории роҳи инкишофи шахсиятро нишон медиҳанд. Дар амал, ин равандҳо боз ҳам мураккабтаранд. Дар як оила, якчанд услубҳои тарбия метавонанд ҳамзамон истифода шаванд: падару модар ва бобою бибӣ ҳар кадом услуби худро дуруст ҳисобида, дар ин замина баҳс мекунанд. Илова бар ин: «Муносибатҳои байниҳамдигарии калонсолон низ ба тарбияи кӯдак таъсири амиқ мерасонанд» [14, с. 43].

Услуби муносибатҳои оилавӣ тарзи тарбияи кӯдакро муайян мекунад. Яке аз масъалаҳои ҷиддии иҷтимоӣ муносибатҳои хусуматомез дар оила аст, вақте ки хусумат нисбат ба ҳар як аъзои оила равона шудааст. Сабабҳои чунин хусумат метавонанд гуногун бошанд: бетаҳаммулии равонии калонсолон, норозигии онҳо аз ҳаёт, муносибатҳои оилавӣ, ё мавқеи корӣ; набудани муҳаббати байниҳамдигарии ҳамсарон, майзадагӣ ва нашъамандӣ; бефарҳангӣ ва

хиёнат, латукӯби якдигар, зӯроварӣ нисбат ба модар ё кӯдак – чунин ҳолатҳо дар оилаҳои хусуматомез ба назар мерасанд.

Хусумати дохилиоилавӣ ба ташаккули шахсияти кӯдак таъсири манфӣ мерасонад, ки ӯ бо дашному ҳақорат, муштзӯрӣ, кинаю адоват ва азиятрасонӣ кӯшиш мекунад, мавқеи худро пайдо кунад. Чунин кӯдак ба меъёрҳо ва талаботи иҷтимоӣ мувофиқат карда наметавонад ва аз риояи қоидаҳои рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва мактаб саркашӣ мекунад. Дар синну соли шаш-ҳафтсолагӣ, ӯ метавонад бо рафтори худ омӯзгоронро ба ғазаб оварда, дашному ҳақорат гӯяд, дар рӯйи фарш ғелад ё ба ҳамсинфонаш дарафтад. Дар синф, кӯдаки оилаи хусуматомез наметавонад мавқеи худро ёбад ва аксар вақт дар таҳсил ақиб мемонад ва ба шароити омӯзиш мутобиқ намешавад. Барои ӯ мактаб душвор, нофаҳмо ва дилгиркунанда аст.

Кӯдак аз оилаи номусоид ба таваҷҷуҳи махсус ниёз дорад, зеро ӯ баъзан ҳатто намедонад, ки муносибатҳои одамон то чӣ андоза метавонанд меҳрубононаю самимӣ бошанд.

Оилае, ки яке аз волидон ва ё ҳарду, дигар аъзоён майпараст, нашъаманд ва ё дорои ахлоқи манфиянду дар оила ҳамеша зиддияту хусумат ва низоъ ҳукмфармост, барои хурдсолон муҳити хатарнок ҳисобида мешавад. Одатҳои номатлуб (майпарастӣ, нашъамандӣ ва ғ.) дар асоси майпарастии калонсол ва ё шабнишиниҳои доимии оилавӣ пайдо шуда, ба рафтори иҷтимоии дигар аъзоёни оилаву ҷамъият таъсири манфӣ мерасонанд. Ин омили номатлуб минбаъд ба паст гардидани интизоми меҳнату таҳсил ва пайдо шудани рафтори хусуматомез нисбат ба атрофиён ва ғайра оварда мерасонад, ки мутаассифона, ҳамаи ин равандро кӯдакон мушоҳида ва қабул мекунанд.

Таҳлили хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабӣ нишон медиҳад, ки ин давраи синнусолӣ барои ташаккули сифатҳои асосии шахсият, малакаҳои когнитивӣ ва салоҳиятҳои иҷтимоӣ марҳилаи муҳим ба ҳисоб меравад. Синни хурди

мактабӣ бо рушди фаъоли ҷисмонӣ ва равонӣ, инчунин сатҳи баланди пластикии системаи асаб, ки шароитҳои мусоид барои азхудкунии маводи таълимӣ, гирифтани донишҳои нав ва ташаккули ҳавасмандӣ нисбат ба таълимро фароҳам меорад, тавсиф мешавад.

Дар асоси назарияҳои баррасишуда ва таҳқиқоти эмпирикӣ метавон хулоса кард, ки инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабӣ бо як қатор хусусиятҳои хос фарқ мекунад. Якум, он бо гузариш аз фаъолияти бозӣ ба омӯзиш алоқаманд буда, талаб менамояд, ки усулҳои таълим тағйир ёбанд, усулҳои фаъоли омӯзиш истифода шаванд ва ба раванди таълим унсурҳое, ки тафаккури интиқодӣ ва қобилиятҳои эҷодиро инкишоф медиҳанд, ворид карда шаванд. Дуюм, рушди соҳаи эҳсосӣ-иродавӣ, аз ҷумла малакаи танзими рафтори худ, ифодаи эҳсосот ва барқарор кардани робитаҳои иҷтимоӣ, ҳамчун ҷузъи муҳимми ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад.

Ҳамзамон, муҳити таълимӣ ва шароитҳои педагогӣ бояд хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолии хонандагони синни хурди мактабиро ба назар гиранд, то ки ба мутобиқшавии муваффақонаи онҳо ба таълим ва муҳити иҷтимоӣ мусоидат намоянд. Вазифаи муҳимтарини омӯзгор эҷоди фазои дастгирӣ ва таҳрикдиҳанда мебошад, ки ба рушди муносибати мусбат ба таҳсил, эътимод ба қувваи худ ва мустақилияти хонандагон равона шудааст. Ҳамин тариқ, хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабӣ зарурати равиши комплексӣ ва системавӣ ба раванди таълимро тақозо мекунад, ки ба назар гирифтани қонуниятҳои синнусолӣ ва ниёзҳои кӯдаконро дар бар мегирад ва ин ба ҳалли самараноки вазифаҳои тарбия ва омӯзиши онҳо имкон медиҳад.

## 1.3. Омилҳои назариявии психологияи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим

Дар шароити кунунии тараққиёти ҷамъият ва талабот ба дараҷаи маърифатнокии ҳар як шахс, кори ба мактаб омода намудани кӯдакон ба масъалае табдил ёфтааст, ки тарзи он муносибати ҳаматарафаро талаб мекунад. Одатан ду тарзи тайёрии бача ба мактаб мавҷуд аст: умумӣ ва психологӣ, ки дар якҷоягӣ сифатнокии фаъолияти минбаъдаи таълими хонандаро таъмин менамоянд.

Масъалаҳои тайёрии умумии бача ба мактаб бештар бо мафҳуми инкишофи умумии ҷисмонии вай алоқаманд буда, дар оила ва муассисаҳои томактабӣ заминагузорӣ ва инкишоф дода мешаванд. Аз ҷумла, ҳосил намудани малакаҳои гигиенӣ ва рафтори бофарҳангона низ лаҳзаи муҳимми ба мактаб омода намудани кӯдак аст.

Тайёрии психологӣ қисми асосии тайёрии кӯдак ба мактаб буда, он самтҳои гуногуни раванди омода гардонидани кӯдак ба мактабро дар бар мегирад.

Тайёрии ҳиссию иродавӣ ҷиҳати дигари омодагии психологии бача ба мактаб мебошад, ки дар маҳорати идора карда тавонистан ва ба талаботи фаъолияти таълимӣ мутобиқ сохтани рафтору хоҳиши худ ба дараҷаи ихтиёрӣ будани равандҳои психикӣ ифода меёбад.

Тавре маълум аст, раванди психикӣ дар синни томактабӣ, асосан, беихтиёр аст, масалан, кӯдак чизи зарурӣ, балки ба чизи маъқул бештар диққат медиҳад. Вале таълим дар мактаб талаб мекунад, ки ӯ на танҳо бо амалу бозии ба худаш маъқул машғул бошаду диққат диҳад, инчунин дар бартараф намудани душвориҳо низ бояд малакаву маҳорат ба даст орад (чунин маҳорат дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ пайдо мешавад). Ин душвориҳо дар аз бозӣ ва намоишҳои шавқовари телевизион даст кашида, ҳар рӯз мунтазам дарс тайёр кардан, дарки ногузирии ба охир

расонидани кори оғоз намуда, ҳатто дар мавриди дилгиркунанда будани он ва дигар талаботи ҷараёни таълим ифода меёбанд.

Тайёрии зеҳнӣ низ ҷиҳати муҳимми тайёрии психологии бачаро ба мактаб инъикос менамояд. Масалан, бачае, ки ба мактаб меояд, бояд дараҷаи муайяни дониш дошта бошад, ки он заминаи ташкили кори таълимӣ мегардад. Чунин дониш аз пешакӣ омӯхтани маводди таълимии синфи якум (навиштан, хондан, ҳисоб, расмкашӣ) иборат нест, балки он маҷмуи тасаввуроти таҷрибаи ҳаётист, ки бача зери таъсиру таълими калонсолон ҳосил мекунад (маълумот дар бораи ҳайвонот, растаниҳо, ченкунӣ ва муқоисаи бузургиҳои одитарин ва ғайра).

Аз ҳамин нуқтаи назар, дар бачагон ҳосил намудани чунин маҳорату малака, монанди нутқи фаҳмою бонизом, ки дар ташаккули он суҳбати мақсадноки волидон бо фарзанд, ба онҳо нақл ё хондани ҳикояҳои бачагона ва мазмуни ҳикояҳоро мустақилона баён кардани онҳо нақши назаррас дорад.

Дигар ҷиҳати омодагии психологии ба мактаб омода будани бача шаклу ҳолатҳои гуногуни муносибатҳои байниҳамдигарист. Муваффақияти кори таълимии бача ва қаноатмандии вай аз мавқеи худ дар назди ҳамсолон аз он вобаста аст, ки муносибати хонанда ба ҳамсолону омӯзгор чӣ гуна сурат мегирад. Маҳз дар натиҷаи ҳаматарафа омӯхтани хусусиятҳои психологӣ-педагогии бача ва ташкили муошırату муносибати дурусти тафриқавӣ омӯзгор метавонад пешравии онҳоро дар таълиму тарбия дастрас гардонад.

Академик М. Лутфуллоев вобаста ба ин масъала андеша дорад, ки: «Инкишофи шахсияти бача ба асоси хусусиятҳои онҳо, яъне қобилият, дониш ва шавқу ҳавас нисбат ба таълим вобастагӣ дорад» [86, с. 204].

Бо мақсади дарёфти роҳҳои баландбардории самаранокии раванди таълим, ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон, дар онҳо инкишоф додани маҳорати мустақилона фикр кардан, озодона ибрози ақида намудан мавзуи мазкур интихоб карда шуд. Барои он ки омӯзгор дарсро

ба таври самаранок ташкил кунад, зарур аст, ки хусусиятҳои инфиродии кӯдакро ба назар гирад, сатҳи инкишофи равонии ӯро дуруст арзёбӣ намуда, рушди мустақилӣ, диққати ихтиёрӣ, хотира ва тафаккури мантиқиро дар кӯдак ташаккул диҳад.

Омӯзгор бояд бо назардошти хусусиятҳои фардии кӯдакон бо онҳо муносибатро барқарор кунад ва ба онҳо мувофиқи дараҷаи фаҳмиш ва қобилияташон супоришҳо диҳад. Бо ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ омӯзгор на танҳо зеҳни тези хонандагонро инкишоф медиҳад, балки худ низ ба дарс эҷодкорона омодагӣ мебинад, қобилияти эҷодии хешро истифода мебарад.

Нақши асосиро дар инкишоф ва ҳамкории организм бо муҳити гирду атроф системаи марказии асаб мебозад. Ҳанӯз пеш аз оғози таҳсил, дар кӯдак раванди босуръати тафриқа (диференсиатсия)-и гуногун ба вуҷуд меояд, ки дараҷаи инкишофи он аз хусусиятҳои мухталифи ахлоқӣ ва фаъолияти равонии кӯдак вобаста аст. Азхуд кардани рушди мағзи сар ва дигар шуъбаҳои системаи марказии асаб нишон медиҳад, ки бачагони 6 -7 -сола аллакай фаъолияти зиёд пайдо кардаанд.

Ба кӯдак лозим аст, ки диққати худро идора кунад, сарҷамъ бошад ва ба ҳар як ангезанда (ба ангезандаҳои гуногун)-и таъсиррасон диққаташро равона накунад. Инчунин, шаклгирии ихтиёрият ҳамчун раванди психикӣ ба амал меояд, ки барои ба мақсадҳои гузошта шуда ноил гаштан зарур аст. Шаклгирии ин раванд инчунин ба кӯдак имконият медиҳад, ки моҳирона вариантҳои оптималиро барои ба мақсадрасӣ, дурӣ ҷустан аз мушкилот ва ё бартараф кардани душвориҳои ба амал омада, барояш интихоб намояд.

Дар ибтидо кӯдакон масъалаҳои гуногунро ҳал намуда, аввал амалҳои худро қадам ба қадам бо омӯзгор муҳокима мекунанд, баъдтар дар онҳо маҳорати чӣ тавр ботинан масъаларо мебоист ҳал кард, шакл мегирад, яъне нақшаи амалҳои ботинӣ шакл мегирад.

Яке аз талаботи асосие, ки дар назди кӯдак гузошта мешавад, ин ба саволҳои додашуда ба таври кушод ҷавоб додан ва нишон додани исботи натиҷаҳо буда, аз ибтидои таълим омӯзгор ин ҷараёнро бояд назорат намояд.

Асоси ҷудо намудани ҷавобҳои намунавӣ аз хулосабарориҳо фикру ақидаи худи кӯдак ба шумор рафта, шаклгирии маҳорати мустақилона баҳо додан, дар рушди рефлексия шарти асосӣ ба ҳисоб меравад.

Талаботи дигар – маҳорати идоранамоии амалҳои худ, яъне худидоранамоии амалҳост, то ба мактаб шомил шудани кӯдак, барои ӯ нигоҳдории хоҳиши давидан, ҷаҳидан, гап задан ва ғ. зарур набуда, ниҳоят ба вазъияти барояш нав ворид шуда, кӯдак маҷбур мешавад, ки ба қоидаҳои дар наздаш гузошташуда итоат кунад (дар саҳни мактаб надавад, дар давоми дарс гап назанад ва бо чизҳои берун аз дарсӣ машғул нашавад).

Аз тарафи дигар, ӯ бояд ҳаракат ва амалҳои душворро аз қобили навиштан, расм кашиданро иҷро кунад ва ин амалиёт аз кӯдак худназораткунӣ ва ё худидоракунии зиёдро талаб мекунад, ки дар шаклгирии онҳо ӯ, албатта, ба ёрии калонсолон муҳтоҷ аст.

Дар давраи синни хурди мактабӣ чунин вазифаҳои психикӣ амсоли тафаккур, идрок, хотир ва нутқ инкишоф ёфта, дар 7-солагӣ дараҷаи тараққиёти идрок ниҳоят баланд аст, идроки бинойӣ ва шунавоӣ низ дар дараҷаи баланди тараққиёт қарор дорад.

**Нутқ** – кӯдак дар ин син аллакай бе ягон душвории грамматикӣ бо назардошти ба эътибор гирифтани мавқеи пешоянду пасояндҳо ва замонҳои феълӣ нутқашро баён карда метавонад.

**Фикр** – дар ибтидои ин давра, дар кӯдакони синфҳои поёнии мактаб тафаккури амалӣ-ашёӣ ҳукмфармост, ки бо гузашти вақт ва дар давраи синфҳои миёнаи мактабӣ ба тафаккури аёнӣ-образӣ иваз мегардад. Дар ин син, тафаккури амалӣ-ашёӣ ба тафаккури аёнӣ-образӣ табдил меёбад ва хотира ва диққат хусусияти мақсаднок пайдо мекунанд.

Ин давра - давраи басо мураккаб ва пур аз зиддиятҳои инкишофи хонандагон аст. Бачае, ки ба синфи якум меояд, аслан аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва психологӣ аз бачагони синни томактабӣ фарқи куллӣ надорад, танҳо вазифаи душвори хониш ба дӯши ӯ афтида, тадриҷан дар ӯ хусусиятҳои барои таҳсил зарурӣ ба вуҷуд меояд.

Омӯзгор ба хонандаи хурдсол аз рӯйи барномаи махсус таълиму тарбия медиҳад, онро бо дониши маҳорату малакаҳо мусаллаҳ менамояд, ба кору чорабиниҳои созмонҳои талабагӣ ҷалб месозад.

Ҳарчанд омӯзгор ва мактаб ба назди хонандагон талаботи якхелаву ягона мегузоранд, вале онҳо дар кори хониш хусусиятҳои худро зоҳир менамоянд, инкишофу ташаккули шахсияташон гуногун мешавад, чунки таъсири чорабиниҳои тарбиявӣ ба ҳама якранг нест, майлу ҳавас, завқу шавқи бачагон низ гуногун аст. Новобаста аз ин, мактаб вазифадор аст, дар шогирдон талаботи ботинии зистану таҳсил карданро мувофиқи қоидаҳо пайдо кунонад.

Маълум аст, ки кӯдакон ба мактаб бо шавқу завқи зиёд меоянд, вале душвориҳои хониш – навиштану хондан, дар дарс ором нишастан, такрори чандкаратаи чизҳои фаҳмою дастрас онҳоро баъзан дилгир месозад. Агар омӯзгор ба ин масъалаҳо эътибор надиҳад, метавонад ба хонандагон таъсири манфӣ расонад.

Дар пешрафти кори хониши хонандагони хурдсол ба роҳ мондани муносибатҳои дурусти байниҳамдигарӣ аҳаммияти калон дошта, фаъолон дар ин ҷо ёвари омӯзгор шуда метавонанд. Омӯзгор бояд чунин андеша надошта бошад, ки кори асосӣ хониш ва донишгирии шогирдон аст, балки ҳадафи асосӣ аз хониш инкишофи фикрӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, зебоифаҳмӣ ва ҷисмонии онҳост, ки доимо дар маркази диққат меистад. Ҷалби бачагон ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ мувофиқи қобилият, ташкили экскурсияҳо ба истеҳсолот ва шинос гардонидан бо касбу ҳунарҳо барои меҳнатдӯст шуданашон саҳм мегузоранд. Агар дар хонандагони хурдсол сифатҳои неки ахлоқию иродавӣ – меҳнатдӯстӣ,

ғайратмандӣ, завқи баланди хониш, ҳисси масъулият ба вуҷуд оварда шаванд, душворию камбудиҳо осонтар бартараф карда хоҳад шуд. Фаъолият шавқовару ҷолиб набошад, хонандагони хурдсол ба он машғул нашуда, ба дигар корҳо даст мезананд. Ба диққати онҳо бояд расонид, ки кори хониш ё омӯзиш заҳматест, ки бе саъю кӯшиши ҷиддии иродавӣ иҷрояш муяссар намешавад. Инчунин диққати устувор, қобилияти меҳнатӣ, идоракунии амалиёти худ ҳар қадар тезтар дар бачагон пайдо шавад, самаранокии ҳамон таълим меафзояд.

Ба хонандаи хурдсол кунҷковӣ ва серҳаракатӣ хос буда, ӯ бисёр чизҳоро донистану фаҳмидан мехоҳад ва вобаста ба ин, ба калонсолон саволҳои зиёд медиҳад. Баъзан дар рафтор худдорӣ карда натавонистан, ягон корро карда пушаймон шуданашро мушоҳида кардан душвор нест, ки дар ин маврид омӯзгор онҳоро ба низом меорад. Бароиислоҳашон саёҳат, бозиҳои шавқовар, меҳнати якҷоя, варзиш ва воситаҳоро моҳирона истифода мебарад.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҷрибаи дар коллектив зистан ва фаъолият намуданро ҳосил накардаанд, бинобар ҳамин тез-тез шикоят карда, бахилӣ ва мумсикӣ зоҳир мекунанд, канораҷӯӣ менамоянд, зеро манфиати худро бо манфиати умум пайваста наметавонанд.

Ҳамин тавр, дар давраи синну соли хурди мактабӣ асосҳо, пойдевори шахсият гузошта мешавад. Ба он умед бастан лозим нест, ки камбудиҳои кӯдаконро дертар бартараф кардан имконпазир мешавад. Вақтро ғанимат дониста дар ин самт корро оғоз кардан зарур аст.

Ҳамкории хонандагони синни хурди мактабӣ бо ҳамсолони худ дар раванди таълиму тарбия нисбат ба кӯдакони томактабӣ бештар бомақсад сурат мегирад. Онҳо бештар муттаҳидӣ ва дигар шаклҳои рафтори дорои хусусияти иҷтимоиро нишон медиҳанд. Дар онҳо ҳисси ғамхорӣ, меҳрубонӣ ва дилсузӣ ба назар расида, дараҷаву суръати агрессия, асабоният, низоъ ва хашмгинӣ рӯ ба коҳиш ниҳодааст. Ин гурӯҳи хонандагон ваҷҳ ва мақсадҳои калонсолонро дуруст дарк карда, дар

натиҷа муоширати онҳо бо ҳамсолон бештар босифату муҳим мегардад. Тадриҷан, дар натиҷаи ба синни наврасӣ наздик шудан, вақти бо ҳамсолон гузарондан нисбат ба вақти бо калонсолон будан бештар мегардад. Қаблан қайд намуда будем, ки яке аз қувваҳои ҳаракаткунандаи асосии инкишофи муошират бо ҳамсолон барои хонандагони хурдсол бозиҳои якҷоя ҳисобида мешаванд. Дар муассисаҳои томактабӣ, дар кӯдакони синни калон бозиҳои гурӯҳӣ ба мавқеи пешбар мерасанд. Дар синни хурди мактабӣ, чунин бозиҳо одатан мувофиқи қоидаҳои муайян баргузор мешаванд, ки барои дарки онҳо, азхудкунии малакаҳои муошırати иҷтимоӣ бо ҳамсолон бидуни ҳукмфармоӣ ва маҷбурият зарур аст. Татбиқнамоии ин қобилиятҳо дар бача бо инкишоф додани қобилияти худро дар ҷои дигарон монда тавонистан алоқаманд аст.

Омили дигаре, ки сифати ҷараёни таълимро аз нигоҳи психологӣ-педагогӣ баланд мебардорад, ин инкишофи қобилияти худназораткунии хонандагони хурдсол аст. Зинаи асосии таълиму тарбия барои ин гурӯҳи хонандагон аз худ кардани меъёрҳои фарҳангӣ ва маҳдудиятҳо мебошад. Қобилияти назорат ва танзими рафтори шахсӣ дар асоси қоидаҳо ва меъёрҳои қабулшуда, бо назардошти эҳсосот, хоҳишҳо ва талаботи дигарон, хусусияти муҳимми фард аст, ки шахсро ҳамчун як бачаи ботарбияву бофарҳанг муаррифӣ мекунад. Ин раванд дар хонандагони хурдсол тадриҷан ва оҳиста ташаккул меёбад.

Яке аз омилҳои асосии рушди худназораткунии кӯдак, қобилият ва омодагии ӯ барои қонеъ кардани мақсадҳо ва хоҳишҳо ба хотири ба даст овардани чизҳои арзишноктар дар оянда мебошад. Хусусиятҳои педагогӣ ва равонии ташаккули муоширати хонандагони хурдсол, аз ҷумла дар ҷараёни таълим, дар таҳқиқоти ватанӣ ва хориҷӣ аз ҷониби муаллифоне ба монанди И. Каримова, Б. Маҷидова, А. Нуров, Б. Раҳимов, Л. Иматзода, Ш. Котибова, З. Сафарова, Б. Саидзода, А.К. Дусавитский, А.К. Маркова, А.И. Савенков, В.В. Давидов, В.В. Рубтсов,

Г.А. Сукерман, Д.Б. Элконин, Л.И. Айдаров, Ю.А. Полуянов ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Синни хурди мактабӣ, мувофиқи даврабандии синнусолии Д. Б. Элконин: «Аз 7 то 11-12-солагиро дар бар гирифта, бо оғози таҳсил дар мактаб тавсиф ва сарҳади ин синнусол буҳрони 7-солагӣ шуморида мешавад, ки он ба пайдоиши шуури шахсӣ вобаста асту нишонаҳои зеринро дорад:

– гум кардани табиӣ будан (кӯдак аз он хавотир мешавад, ки амали ӯ чӣ аҳаммият дошта метавонад);

– нозунуз кардан (кӯдак табииятро аз даст дода, моделҳои муайяни рафторро нишон медиҳад);

– нишонаи “талх” (кӯдак таассуроти худро пинҳон мекунад). Одатан дар ин айём идора кардани рафтори кӯдак барои калонсолон душвор мешавад» [11, с. 79].

Муҳаққиқон се самти калидии инкишофи психикии кӯдаконро дар гузариш аз синни томактабӣ ба синни мактабӣ муайян кардаанд: «Азхудкунии рафтори ихтиёрӣ, воситаҳо ва намунаҳои фаъолияти маърифатӣ, инчунин гузариш аз эгосентризм ба десентратсия. Дар синни хурди мактабӣ падидаҳои Пиаже гум шуда, ҳамчун ивазкунандаи эгосентризми (сентратсияи) фикрронии кӯдакона десентратсия, яъне қобилияти фаҳмидани дигар нуқтаи назар зоҳир мешавад. Инчунин, дар кӯдакони ин синну сол тасаввурот дар бораи ин вариантҳо пайдо мегардад. Нишонаи муҳимми ба таҳсил дар мактаб омода будани кӯдак интериоризатсияи қоидаҳои рафтори иҷтимоӣ ба шумор меравад. Д.Б. Элконин чунин омодагӣ ба таҳсили мактабиро ба сифати муносибатҳои байниҳамдигарии кӯдак ва шахси калонсол вобаста медонист: қоида аз аввал дар фаъолияти якҷоя бо шахси калонсол риоя карда мешавад ва баъд интериоризатсия шуда, ба қоидаи дохилӣ табдил меёбад» [158, с. 86].

Пайдоиши рафтори ихтиёрӣ ва қобилияти қоидаҳои бозиро қабул ва мутобиқи он амалу рафтор намудани бача меъёри асосии тайёрии психологӣ ба мактаб маҳсуб меёбад. Ба мактаб омада, кӯдак ба системаи нави муносибатҳо бо муҳити иҷтимоӣ ворид мешавад, ки дар он омӯзгор ҳамчун шахси калонсоли аҳаммияти иҷтимоидошта талаботи ҷамъиятиро нисбат ба шахсият таҷассум мекунад. Дастовардҳои кӯдак дар ин мавридъ ба муносибатҳояш бо волидон ва ҳамсолон таъсир мерасонанд ва дар муносибати ӯ бо омӯзгор таҷассуми муносибати ҷомеа нисбат ба кӯдакро дар маҷмуъ инъикос мекунанд. Барои хонандагони синни хурди мактабӣ, таълим ҳамчун фаъолияти пешбаранда ба ҳисоб меравад, ки ҳадафи асосии он азхудкунии мероси фарҳангӣ ва илмӣ, яъне ашёҳои абстракт ва назариявие мебошад, ки кӯдак бояд тавонад бо истифода аз онҳо амал карданро омӯзад. Дар ин замина, Л.Ф. Обухова қайд кардааст, ки: «Вазифаи асосии мактаби ибтидоӣ таълими хондан ба кӯдак мебошад» [106, с. 107].

Субъекти асосии фаъолияти таълимӣ на фарҳанг ва илм, балки таълимгиранда ҳамчун субъекти ҳамин фаъолият ҳисобида мешавад.

Ҳамзамон, фаъолияти таълимӣ аз хонанда талаб мекунад, ки ба дудилагӣ - дарки «ман кӣ будам» ва “ман кӣ шудам”, яъне баҳодиҳии худ-посух гӯяд, ки ин яке аз шартҳои зарурии ҷараёни таълим мебошад. Бо истифода аз баҳодиҳии берунии педагогӣ, хонандаи синни хурди мактабӣ тадриҷан меомӯзад, ки ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ба худ баҳогузорӣ кунад.

«Фаъолияти таълимӣ аз чор унсур иборат аст:

– супоришҳои таълимие, ки хонандаи хурдсол бояд аз худ кунад;

– амалҳои таълимӣ барои тағйир ва аз худ кардани маводди таълимӣ;

– амалҳои назоратӣ, ки мутобиқати амалҳои кӯдакро инъикос мекунанд;

– амалҳои баҳодиҳӣ барои муайян намудани то чӣ андоза ба натиҷа ноил шудани таълимгирандагон» [159, с. 158].

Масъалаи таълим ва инкишофи равонии хонандагон, махсусан кӯдакони синни хурди мактабӣ, яке аз мушкилоти муҳимми психология ба ҳисоб меравад. Ҳалли дурусти ин масъала аз муайян кардани қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи равонии хонандагон ва интихоби тарзҳо, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои самарабахши ташкили кори таълиму тарбия ва идораи ҷараёни педагогӣ вобаста аст.

Раванди таълим чун фаъолияти якҷояи омӯзгор бо хонанда амалӣ гардида, асоси ташаккули фаъолнокии кӯдак зоҳир гашта, ба нақшаи дохилӣ мегузарад ва ба функсияи нави психикӣ табдил мегардад.

Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳо, намуди наву асосии хоси бачагони синни хурди мактабист, ҷудо карда мешавад:

– «ихтиёрӣ, даркшуда ва дохилӣ будани равандҳои равонӣ, ки дар натиҷаи азхудкунии мафҳумҳои илмӣ аз ҷониби кӯдак ба вуҷуд меоянд;

– дарки тағйироти шахсӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти таълимӣ ба вуҷуд меоянд» [18, с. 89].

Таҳсили муваффақона ба рушди «ҳисси салоҳиятнокӣ» дар сохтори худогоҳии кӯдак мусоидат мекунад. Ин ҳис як шакли нави асосии марҳилаи синнусолӣ дар рушди кӯдак ба шумор меравад. Дар ҳамин ҳолат, мушкилиҳо дар раванди фаъолияти таълимӣ метавонанд дар шакли муносибати манфӣ ба худ ва худбаҳодиҳии паст зоҳир гарданд.

Худбаҳодиҳӣ шакли марказӣ ва ҷавҳари шахсият ба шумор меравад. Ба таҳқиқи худбаҳодиҳӣ ва муносибати шахс ба худ олимон А.В. Захарова, М.И. Станкин ва дигарон машғул шудаанд. «Мафҳуми худбаҳодиҳӣ омили муайянкунандаи мутобиқати иҷтимоии шахсият, инчунин танзимгари фаъолият ва рафтор буда, муносибати шахс ба худ дар ҷараёни муошират, ҳамкории байнишахсӣ ва якҷоя ташаккул меёбад» [52, 127,].

«Таркиби худбаҳодиҳӣ аз системаи мураккаби инкишофёбанда иборат буда, дар ҷузъиёти гуногуни фаъолият мушоҳида мешаванд. Сохтори худбаҳодиҳӣ аз ду таркиб – когнитивӣ ва эмотсионалӣ иборат аст, ҳарчанд баъзе муҳаққиқон таркиби рафториро низ ба он илова мекунанд. Таркиби когнитивӣ маълумотро дар бораи худ дар бар мегирад, дар ҳоле ки таркиби эмотсионалӣ муносибат ба худ ё “аффект ба худ”-ро инъикос мекунад, ки ин муносибат дар асоси дараҷаи қаноатмандӣ аз амалҳои шахсӣ ташаккул меёбад»[63, с. 163,].

Маъмулан дар сохтори худогоҳии шахсият худбаҳодиҳӣ шарт ва воситаи ташаккули “симои ман” ва «консепсияи ман» ҳисобида мешавад.

Тибқи қоида синни хурди мактабӣ бо инкишофи босуръати таркиби когнитивии худбаҳодиҳӣ ва зеҳникунонии муносибатҳои бача ба худ тавсиф гардида, инъикоси муносибати калонсол бо маълумот дар бораи худ бартараф ва ғайримустақим иброз мешавад.

«Масъалаи асосии таҳқиқоти илмии муосири самти субъективии вазъияти иҷтимоии инкишофи кӯдак омӯзиши некуаҳволии субъективии ӯ маҳсуб мешавад. Шарти муҳимми некуаҳволии равонӣ ва рушди мусоиди кӯдак қонеъ гардонидани талаботи эмотсионалии ӯст. Эътироф ва дастгирии эмотсионалӣ аз ҷониби шахсони наздик метавонанд тағйироти мусбатро дар инкишофи хонандаи хурдсол ба вуҷуд оранд» [46, с. 73].

Умуман, муҳаққиқон некуаҳволиро ҳамчун падидаи бисёрҷанба баррасӣ мекунанд, ки «Некуаҳволии ҷисмонӣ, эмотсионалӣ ва иҷтимоии ҳаррӯзаи кӯдаконро дарбар мегирад. Ин баррасӣ оқибатҳои эҳтимолии марбут ба душвориҳои саломатии равонӣ ва дурнамои номусоиди иҷтимоиро, аз қабили беманзилӣ, маҳрумшавӣ аз озодӣ, бекорӣ ва ғайра низ дар назар дорад.

Масалан, бо мақсади омӯзиши консепсияи некуаҳволӣ муҳаққиқони британиягӣ ду равишро истифода мебаранд: таҳлили имкониятҳо ва психологияи коммуникативӣ, иловатан муқаррароти алоҳидаи

психологияи фарҳангӣ-таърихии Л.С. Виготскийро низ мавриди таҳлил қарор медиҳанд.

Равиши таҳлили имкониятҳо ба қобилиятҳои мусбат ва озодии инсон барои ихтиёрдории ҳамон имкониятҳое, ки ӯ дорад, диққат медиҳад. Озодии амалҳои инсон ба имкониятҳои мавҷудаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ алоқамандии сахт дошта, дар он мафҳумҳои қобилият ва фаъолият фарқ карда мешаванд. Фаъолият чун натиҷаи имкониятҳо ҳисобида шуда, дар ин ҷо фарқи қобилият аз фаъолият аз он иборат аст, ки фаъолият натиҷаи ба мақсад расидан, қобилият бошад, имконияти ба мақсад расиданро дорад, яъне фарқи иқтидор ва натиҷа.

Дар ҷараёни фаъолият нақши таълим аз пешниҳоди имкониятҳо иборат буда, аз нуқтаи назари некуаҳволӣ, имконияти қабули қарор дар пешбурди зиндагии шоиста зарур аст.

Имконияти истифодаи қобилиятҳои худ ҳангоми фаъолияти мусбати хонандагони синни хурди мактабӣ бештар аз ҷониби калонсолон (волидон, омӯзгорон ва ғ.) амр (дикта) дода мешавад, ки дар натиҷа озодӣ, некуаҳволӣ ва имкониятҳои субъективии онҳо маҳдуд мегарданд».[78, с. 146].

Баръакс, омӯзгорон ва волидон бояд кӯдаконро бодиққат гӯш карда, ҳолатҳои эмотсионалӣ ва эҳсосии онҳоро дарк намоянд ва дар ҳалли мушкилот ва қабули қарорҳо кумакрасон ва мусоидаткунанда бошанд, то некуаҳволии ояндаи онҳо таъмин гардад.

Дар ин замина, ҳангоми омӯзиши эмпирикии некуаҳволии равонии хонандагони синни хурди мактабӣ, мавзуъҳое, ки кӯдак некуаҳволии худро ба онҳо алоқаманд медонад, метавон ба таври зерин муайян ва дараҷабандӣ кард:

– муносибат бо одамон (ҳамсолон, наздикон, омӯзгорон);

– муҳити атроф (муҳити таълимӣ: ҷои кори инфиродӣ, таҷҳизоти зарурии таълимӣ, майдончаи бозӣ барои истироҳат);

– фаъолнокии ҷисмонӣ (варзиш ва бозиҳои серҳаракат);

– эҷодкорӣ (шаклҳои гуногуни санъат, аз ҷумла мусиқӣ);

– бозиҳо (имконияти интихоби озоди бозиҳо бо ҳамсолон ва таҳсил бо истифодаи бозиҳои дидактикӣ);

– таҳсил (арзиши таҳсил ва захираҳои зарурии он);

– соҳибихтиёрӣ ва интихоби робита бо имконияти мустақилият ва таҷрибаи таҳсил (мавҷудияти фазои шахсӣ);

– қоидаҳо (мавҷудияти қоидаҳо барои таъмини бехатарии кӯдак);

– талабот (қонеъ намудани талаботи асосӣ: ғизо, ғамхорӣ, дастгирӣ ва ғайра).

Бар асоси натиҷаҳои мушоҳида ва омӯзиши некуаҳволии субъективии хонандагони хурдсол, метавон хулоса кард, ки муносибат бо ҳамсолон ва омӯзгорон як ҷузъи муҳимми субъективии вазъияти иҷтимоии рушди кӯдак мебошад.

Дар робита ба ин, таҳқиқоти гузаронидашуда зери роҳбарии Д. Б. Элконин бо усули озмоиш муайян намудааст, ки «Рушди мафҳумҳои назариявӣ ва фикррونии абстрактӣ-мантиқии хонандагони хурдсол, инчунин қобилияти рефлексия дар онҳо муҳим аст. Муқаррар гардидааст, ки шарти асосии азхудкунии мазмуни таълим ҳамкории кӯдак бо калонсолон (омӯзгорон ва волидон) мебошад.

Хусусиятҳои ин ҳамкорӣ дар асарҳои Г.А. Сукерман низ таҳқиқ гардидаанд, ки дар онҳо меъёрҳои фарққунандаи ҳамкории таълимӣ дар синни хурди мактабӣ аз дигар шаклҳои ҳамкории марҳилаҳои барвақтии инкишоф пешниҳод шудаанд. Г.А. Сукерман дар тавсифи ҳамкорӣ бо калонсолон модели назариявие таҳия кардааст, ки асоси он: Даврабандии инкишофи Д.Б. Элконин ва тасаввурот дар бораи ивазшавии намуди асосии фаъолияти синнусолӣ мебошад. Ин сохтор аз чор шакли ҳамкорӣ иборат аст:

– муошарати бевоситаи эмотсионалӣ ҳамчун шарти асосии қабули ибтидоии хонандаи хурдсол;

– ҳамкории мавзуӣ-амалӣ, ки дар он калонсол ҳамчун намояндаи муносибатҳои ҷамъиятӣ барои кӯдак қабул мегардад;

– ҳамкорӣ дар бозии кӯдак бо калонсол;

– ҳамкорӣ дар раванди таълимии кӯдак бо омӯзгор» [141, с227].

Шаклҳои муоширати кӯдак бо калонсолон, ки дар марҳилаи синнусолии навбатӣ ташаккул меёбанд, бо гузашти вақт аз байн намераванд ва дар давраҳои минбаъдаи инкишоф низ боқӣ мемонанд. Г.А. Сукерман бар он аст, ки «Дар ҷараёни таълими хонандагони хурдсол на танҳо шароитҳои зарурӣ барои таҳсил бояд фароҳам оварда шаванд, балки ҳамчунин имконият дода шавад, ки шаклҳои ҳамкорие, ки кӯдакон дар марҳилаҳои аввали инкишоф аз худ кардаанд, ба таври равшан ва дақиқ зоҳир шаванд.

Рафтори хонандаи синфи 1-ум дар рӯзҳои аввал дар мактаб ба рафтори кӯдакони томактабӣ монанд аст. Онҳо ба омӯзгор ҳамон шаклҳои ҳамкориро пешниҳод мекунанд, ки дар марҳилаҳои пешинаи инкишоф, ба монанди муошират бо мураббии боғча, ташаккул ёфтаанд» [143, с. 107].

Муносибатҳои бевоситаи эмотсионалӣ бо калонсолон, ки дар кӯдакӣ ба вуҷуд омадаанд, дар алоқаҳои бевосита (гуфтугӯ рӯ ба рӯ) ва бавосита (гуфтугӯи телефонӣ), инчунин дар хушҳолии эмотсионалӣ (масалан, табассум, амалҳои давидан, паридан, ҷаҳидан ва ғайра) зоҳир мешаванд.

Дар раванди таълиму тарбия, махсусан дар семоҳаи аввал, ки давраи мутобиқшавӣ ба ҳисоб меравад, омӯзгор бояд тадриҷан ба хонандагони синфи 1-ум меъёрҳои муоширати эмотсионалӣ ва риояи қоидаҳои мактабро омӯзонад.

Дар ҷараёни таълим омӯзгорон, инчунин волидон ба бачагони «гурӯҳи хавф» бояд диққати махсусу бештар диҳанд, ба мисли:

– хонандаи гиперфаъол: фаъолнокии зиёд, саросемакорӣ, мутамарказ набудани диққат, ноустуворӣ ва парешонии диққат. Нуқсони мазкур бештар дар писарон мушоҳида гардида, он маҷмуи яклухти

нуқсонҳо аст. Ҳангоми мушоҳидаи чунин нуқсон, пеш аз ҳама диққати ихтиёрӣ бояд ташаккул дода шавад, аъне машғулиятҳои иловагии таълимӣ бояд тибқи ҷадвали алоҳида ташкил гарданд, дар ҷараёни кор бо ин гурӯҳи бачагон, рафтору кирдорҳои манфии онҳо сарфи назар ва ба кирдорҳои мусбияшон бояд бештар диққат дода шуда, сустшавии ҳаракат низ бояд таъмин гардад;

– хонандаи чапдаст. Сатҳи пасти коршоямии ҳамоҳангии биноӣ-ҳаракатӣ, ноқисӣ дар расмкашӣ, хушхат нестанд, сатрро нигоҳ дошта наметавонанд, таҳрифи шаклу хатнависии чаппа, партофтан ва ҷойивазкунӣ ҳангоми навишт, ғалаткорӣ дар муайян намудани самтҳои «рост» ва «чап», дурнамои махсуси коркарди маълумот, ноустувории эмотсионалӣ, зудранҷӣ, изтиробнокӣ ва коршоямии паст.

Дар раванди мутобиқшавии хонандагони синни хурди мактабӣ, ки нуқсони чапдастӣ доранд, қоида ва шароитҳои махсуси ислоҳу пешгирӣ бояд истифода гарданд:

а) гардиши моил ба тарафи рост дар дафтар;

б) мунтазам ва ҷиддӣ талаб накардани хатнависии бефосила;

в) тавсияи дар назди тиреза аз тарафи чапи миз нишастан;

г) ба эътибор гирифтани нуқсонҳои соҳаи эмотсионалӣ-иродавӣ.

Илова бар ин, барои ҳалли масъалаи таълим ва инкишофи равонӣ зарур аст, ки таносуби байни омилҳои табиӣ-биологӣ ва муҳит ва тарбия дар инкишофи равонии хонандагон мавриди омӯзиш қарор гирад. Ин муҳим аст, зеро тарбияи як фарди бошуур ва шахсияти намунавии ҷамъиятиро бе фаҳмидани қонуниятҳои инкишофи равонӣ, омилҳои асосӣ ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи он наметавон ба таври дуруст ба низом даровард. Дар ин замина, барои таҳқиқи инкишофи психикӣ муайян кардан зарур аст, ки одам бо кадом хусусиятҳои табиӣ-биологӣ таваллуд мешаваду хусусиятҳоро дар ҷараёни зиндагӣ ва таълиму тарбия аз худ мекунад.

Дар педагогика омадааст, ки таълим ҷараёни махсуси мақсадноки муташаккил буда, дар рафти он хонандагон донишҳо, маҳорату малакаҳо пайдо мекунанд ва ҷаҳонбиниашон ташаккул, ақлу қобилияти онҳо инкишоф меёбад. Ба кори таълим омӯзгор роҳбарӣ мекунад. Дар раванди таълим омӯзгору хонанда ба ҳамдигар таъсир мерасонанд.

Асоси таълимро дониш, маҳорату малакаҳо ташкил менамоянд. Таълим ҷанбаи тарбиявӣ дорад, чунон ки тарбия ҳам доимо унсурҳои таълимро дар бар мегирад. Маълум аст, ки таълим тарбия мекунад ва тарбия таълим медиҳад.

Аз нуқтаи назари психология: «Таълим ҳамчун равиши махсус ва муташаккили омӯзонидани таҷрибаи таърихӣ ва маданияти инсоният ба насли наврас таъриф мешавад. Психологҳои шинохтаи рус, аз ҷумла Л.С. Виготский, С.Л. Рубинштейн, А.Н. Леонтев, В.В. Давидов ва дигарон дар муайян намудани алоқаи байни инкишофи равонии хонандагони синни хурди мактабӣ ва раванди таълиму тарбия саҳми арзанда гузоштаанд» [18, 114, 80, 42].

Таълим ин фаъолияти якҷояи хонанда ва омӯзгор, хонанда бо хонанда буда, ҳамон вақт самаранок мешавад, агар хонанда мазмуни таълимро дарк намояд. Азбаски заминаи синфи ибтидоӣ муассисаи томактабист, дар кӯдаки синни томактабӣ бояд хоҳиши мактабхон шудан, азхудкунии дониш ва донистагирии чизҳои нав пайдо шавад. Ба он кӯшад, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил кунад. Мутобиқшавии хонандаи хурдсол ба таълим дурудароз давом карда, аз ӯ қувваи ҷисмонию психикиро талаб мекунад. Рӯзҳои аввали таълим дар хонандаи хурдсол ҳолатҳои асабонишавӣ, боздории психикӣ, хоби нооромм, пастшавии иштиҳо, тез мондашавӣ мушоҳида мешаванд, ки ин ҳолатҳо аз вазъи саломатӣ ва дараҷаи омодагии психологии ӯ вобастагӣ доранд. Гузариш аз давраи томактабӣ ба давраи мактабӣ тағйироти муайянеро дар системаи муносибатҳои бача ба вуҷуд меоранд, ки дар ҳаёти минбаъдааш лозим мешаванд. Дар баробари ин, мавқеи мактабхонӣ дар

шахсияти ӯ равияи муайяни ахлоқиро ташкил медиҳад. Барои ӯ таълим на танҳо фаъолияти аз худ кардани дониш, воситаи ба оянда омода шудан, балки фаъолияти меҳнатӣ низ ба шумор меравад, ӯ марҳилаҳои гуногуни ин фаъолиятро аз сар мегузаронад, аз комёбӣ хурсанд мешаваду аз ноомадҳои кори худ ғам мехӯрад. Масъалаи таълими мактабӣ ин масъалаи на танҳо таҳсил, инкишофи зеҳнӣ, инчунин ташаккули шахсияти хонанда ва масъалаи тарбия низ мебошад. Аз ин лиҳоз, масъалаи омодагии бача ба таълими мактабӣ масъалаи ҷиддӣ ба шумор меравад.

Қаблан меъёри омодагии бачаи синни томактабиро ба таҳсил аз дараҷаи инкишофи ақлии ӯ вобаста медонистанд. Аввалин маротиба Л. С. Виготский ақидаеро ба миён гузошт, ки омодагӣ ба мактаб на танҳо аз миқдори захираи тасаввуроту маълумот, инчунин ба дараҷаи инкишофи фаъолияти маърифатии бача низ вобаста аст. Ба ақидаи ӯ, ба таълими мактабӣ омода шудан, пеш аз ҳама, ба маҳорати ҷамъбасткунӣ ва тафриқагузории ашёву ҳодисаҳои муҳити атроф вобаста аст. Аз тарафи А.В. Запорожетс, А.Н. Леонтев, В.С. Мухина, А.А. Люблинская консепсияи омодагӣ ба таълими мактабӣ ҳамчун маҷмуи сифатҳо, маҳорату малакаҳо, бавуҷудоии ҳаваси хондани бачаҳо дастгирӣ ёфта буд. Онҳо мафҳуми омодагӣ ба таълими мактабиро ба дарки вазифаи таълимӣ, бошуурона амал кардан, аз худ кардани малакаҳои худназораткунӣ, худбаҳодиҳӣ, ташаккули сифатҳои иродавӣ, маҳорати мушоҳидакорӣ, гӯш карда тавонистан, ба хотир гирифтан, мақсадон масъала гузоштан, барои ба мақсад расидан кӯшиш кардани бача алоқаманд медонистанд.

Муҳаққиқони мазкур се роҳи ба мактаб омода кардани бачаи синни томактабиро нишон дода буданд:

«1. Инкишофи умумӣ. Дар ҳамон вақт бача мактабхон шуда метавонад, агар инкишофи умумии ӯ ба дараҷаи муайяне расида бошад,

яъне хотир, диққат, тафаккур ва маҳорати фикррониаш инкишоф ёфта бошад.

2. Маҳорати идоракунӣ. Кӯдакони синни томактабӣ, ҳарчанд идроки равшан ва хотираи хуб доранд, аммо ҳанӯз қобилияти кӯчонидани диққат ва идора кардани онро ба таври ихтиёрӣ надоранд. Онҳо қисмҳои алоҳидаи воқеаҳо, ҳодисаҳо ва гуфтугӯи калонсолонро ба хотир гирифта метавонанд, вале диққаташонро дер гоҳ ба онҳо мутамарказонида наметавонанд.

3. Ҳангоми ба мактаб дохил шудан ба бача фаҳмондан зарур аст, ки на танҳо он кореро иҷро кардан лозим мешавад, ки худи ӯ мехоҳад, балки он супоришҳоеро ҳам бояд иҷро намояд, ки аз ӯ талаб мекунанд» [77, с. 194].

«Хонандаи синни хурди мактабӣ ба омӯзгор вобастагии зиёди ҳиссиётӣ дорад. Талаботи эмотсионалӣ, яъне ниёз ба эҳсосоти мусбат аз ҷониби шахси калонсол, барои кӯдакон муҳим аст ва омӯзгор ҳамчун шахси дорои ин нақш бештар ба рафтори хонандаи хурдсол таъсир мегузорад. Услуби муоширати омӯзгор бо ин гурӯҳи хонандагон рафтори онҳоро дар синф ҳангоми дарс ва дар дигар ҷойҳо, ки барои машғулият ва истироҳат ҷудо шудаанд, муайян мекунад» [97, с. 205].

Омӯзгор дар дарс ба синф ва ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ тавассути ҳамон шаклҳои қабулшуда, ки дар анъанаҳо ва қоидаҳои мактаб пешбинӣ шудаанд, таъсир расонда метавонад. Одатан омӯзгор дар назди хонандагон меистад ва вақте мавзуъро шарҳ медиҳад, хонандагон бояд дар ҷойҳояшон нишаста, ӯро гӯш кунанд. Вақте хонандагон менависанд, ҳисоб мекунанд, расм мекашанд ё амалҳои дигарро иҷро мекунанд, омӯзгор миёни қаторҳо гашта, кори ҳар як хонандаро назорат менамояд. Омӯзгор дар дарс ба иҷрои нақшаи кори таълими хонандагон машғул мешавад. Дар ҳама гуна монандии ҷанбаи зоҳирии кори омӯзгор дар синф якчанд услубҳои маъмулии ба хонандагон таъсиррасонии ӯро фарқ кардан мумкин аст.

Баёни боварӣ аз ҷониби омӯзгор хонандагонро дар як иттиҳоди ягона муттаҳид месозад: “Мо – синф”. Вақте ки синф фаъолона меҳнат мекунад, ҳар як хонанда кӯшиш менамояд, ки барои ин иттиҳоди умумӣ саҳмгузор бошад.

Фаъолнокии иҷтимоии хонандаи хурдсол дар мактаб тавассути рафторе зоҳир мешавад, ки ба дастгирӣ ва иҷрои қоидаҳои ҳатмӣ равона шудааст, инчунин дар кӯшиши ёрӣ расондан ба ҳамсолон барои риояи ин қоидаҳо. Фаъолнокии иҷтимоӣ ва равонии бача ҳамзамон инкишоф меёбанд, махсусан, вақте ки бо роҳбарии шахси калонсол худогоҳии хонандагон рушд мекунад.

«Дараҷаи баланди инкишофи муошırати хонандагон бо ҳамсолон ва омӯзгорон – шарти асосӣ барои инкишофи равандҳои маърифатӣ дар хонандагон мебошад. Дар ин давра муошират - ин рафтори мутақобила мебошад, ки дар ҷараёни он табодули маълумот ва ахбор барои расидан ба мақсадҳои ягона мебошад. Дар ин ҷо инкишофи дараҷаҳои баланди малакаҳои муошират бо калонсолон ва ҳамсолон нақши муҳим мебозад, ки ин дар навбати худ дараҷа ва услуби нави шаклҳои муошират бо омӯзгорон, ҳамсолон ва ҳамсинфон шуда метавонад» [54, с. 187].

Муайян кардани таносуби дурусти инкишофи равонӣ ва таълим яке аз масъалаҳои муҳим дар замони муосир ба шумор меравад, ки дар ин замина олимони соҳаи психология таҳқиқоти зиёде анҷом додаанд. Масалан, равоншиноси рус С.Л. Рубинштейн бар он ақида буд, ки: «Ҳалли дурусти масъалаи таносуби инкишоф ва таълим на танҳо барои психологияи омӯзгорӣ, балки барои педагогика низ аҳамияти калон дорад» [114, с. 149].

Таълимро танҳо аз ҳосил кардани дониш ва маҳорату малакаҳои ба ягон фанни таълимӣ хос иборат донистан фаҳмиши маҳдуди таълимӣ мебошад. Дар баробари дигар илмҳои ба омӯзишу таҳлили мафҳуми “таълим” машғул, психологияи омӯзгорӣ низ ин мафҳумро ба маънои васеъ истифода бурда, ба он тамоми арзишҳои маънавие, ки инсон дар

ҷараёни онтогенези тараққиёти худ аз худ мекунад, ворид менамояд. Аз ҷумла, аввалин бор сухан кардан, ба малакаҳои хондану навиштан соҳиб шудан ва асоси рафтори одоби дурусти муоширату муносибатро омӯхтани бача - омӯзиш буда, тавассути таълим амалӣ мегарданд.

Таълим ин равандест, ки ба тарзи муташаккил ва махсус ба насли наврас таҷрибаи таърихӣ ва маданияти инсониятро меомӯзонад. Л. С. Виготский таъкид менамояд, ки таълим на танҳо бо вазифаҳои психикии мукаммали хонандаи хурдсол, балки бо вазифаҳои ҳанӯз номукаммали психикаи ӯ низ сарукор дорад. Ин барои он аст, ки раванди инкишоф на танҳо вазифаҳои мукаммали психикаи кӯдакро, балки вазифаҳои номукаммалро низ дар бар мегирад.

Л.С. Виготский дар ташкили таълими бомақсад донистани ду дараҷаи инкишофи бачаро муҳим мешуморад: дараҷаи мавҷудаи инкишоф ва минтақаи наздиктарини инкишоф. Дараҷаи мавҷудаи инкишоф сатҳи ба даст овардаи инкишофи руҳии хонандаи хурдсолро дар айни ҳол ифода мекунад, ки дар натиҷаи он хонанда метавонад вазифа ё масъаларо мустақилона, бе ёрии калонсолон (омӯзгорон) ҳал намояд. Минтақаи наздиктарини инкишоф бошад, он донишҳо ва амалҳоест, ки хонанда бо кумаки калонсолон ҳосил намуда, ба иҷрои онҳо қодир мегардад.

Л.С. Виготский ин нуқтаро таъкид мекунад: «Бача он чизеро, ки имрӯз бо ёрии калонсолон иҷро мекунад, фардо мустақилона иҷро хоҳад кард». Виготский дар ташкили таълими инкишофдиҳанда ба ҳамкории калонсолону хонанда диққати бештар медиҳад ва таъкид мекунад, ки самаранокии таълим аз сермаҳсулии ин ҳамкорӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, донистани минтақаи наздиктарини инкишофи кӯдак шарти муҳимми пурсамари ташкили ҷараёни таълим мебошад» [18, с45].

Муошират бо калонсолон инчунин дар ҳолатҳои ҳалли низоъ бо ҳамсолон ё калонсолон ба вуҷуд меояд, ки дар ин мавридҳо калонсолон бештар чун ҳакам ё ҳимоятгар баромад мекунанд. Хусусияти муошират

бо калонсолон ба муошироти хонанда бо ҳамсолон таъсири ҳалкунанда мерасонад. Муошироти дуруст бо калонсол ба хонандаи хурдсол эътимоди иловагӣ мебахшад ва муваффақияти муошират бо ҳамсолонро таъмин мекунад.

Мутаассифона, зери таъсири омилҳои гуногун: тарбияи нодурусти оилавӣ, муҳити носолими оила, муносибат барқарор карда натавонистан бо ҳамсолон ва ғайра мушкилот дар муошироти хонандагон ба назар мерасад, ки ин ҳолат волидон, омӯзгорон ва ҷомеаро зери ташвиш гузоштааст. Гарчанде дар ҷомеа мувофиқи психологияи миллӣ - тарбияи ахлоқӣ, эҳтиром ба якдигар дар ҷойи аввал меистад, вале косташавии муошират то ҳол ба назар мерасад.

Аксар мунокишаҳои ҳамсолон ба он вобаста аст, ки нуқтаи назари дигарон ба назар гирифта намешавад, талабот ва хоҳишҳои ҳамсол поймол гардида, дар ин нофаҳмиҳои гуногун ба миён меоянд. «Нокомӣ дар муошират боиси нокомӣ дар дигар амалҳо гашта, ба худи хонандагон, инчунин ба ҷараёни фаъолияти якҷоя, меҳнату истироҳат, таълим, бозӣ ва дигар фаъолиятҳои онҳо таъсир мерасонад» [107, с. 117].

Равоншиносон қобилияти муоширатро ҳамчун хусусиятҳои инфиродӣ-психологии шахс муайян мекунанд, ки: «Самаранокии муошират муносибати шахсро бо дигарон таъмин мекунад.

Қобилияти муошират дар бар мегирад:

– хоҳиши бо дигарон муошират барқарор кардан («ман мехоҳам»);

– донистани риояи меъёр ва қоидаҳои раванди муошират бо дигарон («ман медонам»);

– қобилияти муошират кардан ва ташкили муошират («ман метавонам»)» [72, с. 17].

Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгори синфи ибтидоӣ аз он иборат аст, ки ба хонандагон муошират ва ташаккули малакаҳои зарурии муоширатро омӯзонад. Дар тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули сарҷамъиву муттаҳидӣ дар

синф муошират нақши ҳалкунанда мебозад. Барои ин зарур аст, ки пеш аз ҳама, худи омӯзгор намунаи ибрат дар одоби муошират бошад.

Ташаккули ҷанбаи аввалини малакаҳои муошират - «Ман мехоҳам муошират кунам» ба як қатор мушкилоте марбут аст, ки қариб ҳар як хонанда дар лаҳзаҳои муайяни фаъолияти худ дучор меояд. Ин мушкилот метавонанд сустӣ, якравӣ, номутавозунӣ, хашмгинӣ, адами эътимод ба худ, тарс, дурӯғгӯӣ ва дигар ҳолатҳоро дар бар гиранд, ки ҳар кадоме аз сабабҳои гуногун ба миён меоянд.

Сабабҳои пайдоиши ин мушкилот метавонанд муносибатҳои носолим дар оила, ки ба тарбияи нодуруст оварда мерасонанд, фаъолияти системаи асаб, ки ба хусусиятҳои характер таъсир мерасонад, ихтилоли психофизиологӣ, бемориҳои ирсӣ ва дигар омилҳо бошанд.

Муҳаққиқони психология бар он ақидаанд, ки яке аз сабабҳои ташаккули нодурусти муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ - дурӯғгӯӣ, ки ба хурдсолон хос аст, низ ҳисобида мешавад.

Дурӯғгӯӣ яке аз мушкилиҳои асосии муошırати хонанда бо калонсолон - волидон ва омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Мушоҳидаҳо ва таҳқиқоти психологӣ нишон медиҳанд, ки дурӯғгӯӣ дар натиҷаи эътироф нагардидани хонанда, шахсияти ӯ, дуруст баҳогузорӣ накардан ба маҳсули фаъолияти ӯ ва ғайра метавонад ба вуҷуд ояд. Вақте бача ба мактаб қадам мемонад, мавқеи иҷтимоии ӯ низ тағйир меёбад, фаъолияти пешбарандаи ӯ аз бозӣ ба таълим мегузарад. Фаромӯш набояд кард, ки дар бачагон ин ҷараён гуногун мегузарад: яке ба қоида ва меъёрҳои мактаб зуд мутобиқ мегардад, дигаре бо душвориҳо. Дар ин ҷараён муносибати омӯзгор нақши калидӣ дорад. Дар натиҷаи муносибати омӯзгори аввалин дар хонанда ба худ боварӣ ҳосил мегардад ё паст мешавад. Дар баъзе мавридҳо хонандагон барои аз омӯзгорон ва волидони худ рӯйпӯш кардани баҳои паст ё муноқишаҳои байни ҳамсолон ва омода набудан ба дарс дурӯғро истифода мебаранд, зеро вақте онҳо ба хона бармегарданд, саволи аввалини волидон ин аст:

“Имрӯз баҳои чанд гирифтӣ?”. Агар хонанда баҳои қаноатбахш ё бад гирифта бошад, барои халосӣ аз дашном ва ҷазои ҷисмонӣ (волидоне ҳам ҳастанд аз ҷазои ҷисмонӣ истифода мебаранд), дурӯғро истифода мебарад. Ё ҳолати дигар: агар вазифаи хонагиро иҷро накарда бошанд, боз ягон дурӯғи дигарро мебофанд, ки ин бо мурури замон ба одат табдил меёбад. Дар коллектив барои мавқеъ пайдо намудан низ баъзе хонандагон дурӯғро истифода мебаранд. Сарчашмаи дурӯғгӯӣ ба тарбия дар оила ва муносибати волидон ба фарзанд вобаста аст. Агар ин масъала сари вақт бартараф нашавад, мумкин аст дар синни наврасӣ ё ҷавонӣ шиддат ёбад ва то охири умр ҳамроҳи инсон бимонад.

Равоншиносон Л.А.Головей ва Е.Ф.Рыбалко як сабаби дигар ва ниҳоят муҳимми муоширати ғайрифаъолонаи ҳамсолонро ҷудо мекунанд: «Мавқеи бача нисбат ба худ ва дигарон. Муаллифон мавқеи аввалинро эгоистӣ меноманд, ин дар он ифода меёбад, ки бача ба ҳамсолонаш комилан бепарво аст. Таваҷҷуҳи ӯ асосан ба бозича ва шириниҳо нигаронида шудааст. Фаъолияти бачагони дигар барояш аҳамият надорад. Барои ӯ тела додан, хафа кардан, таҳқир кардани ҳамсолонаш душвор нест, ҳамсолон ин гуна бачагони худхоҳро дӯст намедоранд, бо онҳо дӯстӣ кардан намехоҳанд, якҷоя бозӣ намекунанд ва дар ниҳоят чунин бачагон танҳо мемонанд» [37, с194].

Мавқеи дуюм рақобатпазирӣ аст. Бачаи дорои чунин мавқеъ комилан хуб мефаҳмад, ки муҳимтарин чиз дар зиндагӣ қадру эҳтиром аст. Дар ҳамсол чунин бача танҳо рақибро мебинад, ки аз он пеш гузаштан лозим аст, зеро муваффақият ва дастовардҳои дигарон боиси ҳасад, кина, андуҳи ӯ мегардад, яъне ӯ аввалин нест. Психологон ба он ақидаанд, ки чунин муносибат ба дигарон бояд дар меъёр бошад, зеро дар ҳолати боқӣ мондани он, бача дар зиндагӣ ба душвориҳои зиёд дучор шуданаш мумкин аст.

Хонандае, ки нисбат ба ҳамсолон муносибати инсондӯстона дорад, ҳеҷ гоҳ ба чунин мушкилот дучор намешавад, зеро ӯ ба ҳамсоли дигараш

ҳамчун шахси арзишманд муносибат мекунад. Ӯ ба ҳолати ботинии ҳамсолони худ - ба хоҳишҳо, манфиатҳои онҳо хеле ҳассос аст, ба дигарон бо омодагӣ ва бо ташаббуси худ кумак мекунад, он чизеро, ки дорад, мубодила мекунад, ба дигарон ҳамдардӣ баён карда метавонад. Ташаккули шахсияти хонанда дар зери таъсири муҳити нави иҷтимоӣ оғоз мегардад, аз ин рӯ, дар ҳоле ки он ҳанӯз имконпазир аст, зарур аст, ки шахси дигарро барои хонанда на ҳамчун рақиб, балки ҳамчун як фарди арзишманд бояд нишон диҳем.

Ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ лозим аст, ки ба хонанда ин роҳи душвори инкишофи муоширатро барои бо мушкилиҳои камтар паси сар кардан ёрӣ расонанд.

Омӯзгорон, бо ҳамкорӣ бо волидон ва психологи мактаб, метавонанд ба бачагон як қатор бозиҳо ва машқҳои гуногунро пешниҳод намоянд ва онҳоро якҷоя иҷро кунанд. Ин амал: «Ба нигоҳ доштани таваҷҷуҳ ба муошират бо дигарон, инчунин ба ташаккули хоҳиши муошират кардан бо ҳамсолон ва калонсолон мусоидат мекунад. Волидон метавонанд чунин бозиҳоро дар хона бо фарзандашон ва омӯзгорон дар мактаб ташкил намоянд» [37, с. 84].

Дар танзими рафтори хонандаи хурдсол қоидаҳои одоб аҳаммияти калон доранд. Шинос шудан бо қоидаҳои одоб ҳамчун воситаи ташаккули итоаткорӣ ва интизом, муносибатҳои дӯстона бо ҳамсолон ва фарҳанги рафтору муошират хизмат мекунад. Вале аксар вақт байни дониш ва рафтори воқеии хонандагон ихтилоф вуҷуд дорад, ки ин аз азхудкунии расмии қоидаҳо шаҳодат медиҳад.

Масъалаи тарбияи муносибати бошуурона ба қоидаҳои рафтор (этикет) бояд се ҷузъи ба ҳам алоқамандро дар бар гирад:

– маърифатӣ - донистани қоидаҳои одоби муосир;

– коммуникативӣ - муошırати байнишахсӣ ва дарки якдигар;

– рефлексивӣ - дарки қоидаҳои одоб ва фаҳмиши арзиши ахлоқии онҳо барои худ ва дигарон;

– мувофиқати амалҳо ба қоидаҳои маълум ва худтанзимкунии рафтор.

Хонандагони синни хурди мактабӣ зарурати риояи қоидаҳоро асосан бо шахсият ва нуфузи шахси калонсол, тарси ҷазо ё ба танқиди ӯ алоқаманд мекунанд ва дар рафтори худ бештар ба қоидаҳои маҳдудкунанда диққат медиҳанд (масалан, дар синф баланд садо кардан ё давидан мумкин нест). Ин ҳолат боис мешавад, ки хонандагон қоидаҳои гуногунро аз худ карда, маънои онҳоро дарк намекунанд, ки минбаъд метавонад ба шикастани ақидаҳои ахлоқӣ ва рафтори воқеии онҳо оварда расонад.

Омӯзгор дар кор бо хонандагон, пеш аз ҳама, бояд ба фаҳмонидани моҳияти қоидаҳои одоб, арзиши ахлоқии онҳо ва зарурати риояи ин қоидаҳо такя кунад. Шиносоӣ бо таърихи пайдоиши шаклҳои ахлоқии муошират, анъана ва расму оинҳои мардум, бозиҳои нақшӣ дар асоси таҷрибаи нутқи хонандагон, суҳбатҳо дар асоси муҳокимаи асарҳои бадеӣ, тасвирҳо ва масъалаҳои дигарро барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда дар доираи барномаҳои таълимӣ дар дарсҳои “Этика”, “Адабиёт”, «Маданияти муошират», «Одобнома» ва дигар фанҳои мактаб қисман роҳ додан мумкин аст. [16, с. 39].

Дар рафти фаъолияти тарбиявӣ ба натиҷаи амали пешниҳодшуда барои худ ва дигарон, ба муносибати хонанда нисбат ба ҳамсинфон, ки хилофи қоидаҳо амал мекунад, ба таҷрибаи иҷтимоии ӯ, ба ҳолати эмотсионалӣ диққати махсус додан зарур аст. Якҷоя бо хонанда амалу кирдори ҳар як қаҳрамон, хислати ҳикояро таҳлил кардан, вариантҳои гуногуни баромадан аз вазъияти мушкили ахлоқиро муҳокима кардан лозим аст, то хонандагон таҷрибаи зарурии муошират бо одамони гирду атрофро ба даст оранд, қобилияти худро васеъ намоянд, қоидаҳои ахлоқии рафторро дарк кунанд.

Ба хонандангони синни хурди мактабӣ мувофиқи қоида амал кардан, аз рӯйи қоидаҳои ахлоқӣ рафтор кардан на ҳамеша осон аст.

Тавассути инкишофи ахлоқӣ ва зеҳнӣ хонандагон қобилияти тадриҷан бартараф кардани рафтори импулсивии худро инкишоф медиҳанд. Таҳқиқот дар соҳаи инкишофи ирода робитаи байни инкишофи ирода ва маромҳои шахсиятро исбот мекунад. Танҳо қарори бошуурона аз ҷониби субъекти ҳолатҳои ахлоқӣ, интихоби шахсӣ имкон медиҳад, ки ба фаҳмидани арзишҳои хонанда наздиктар шудан лозим аст. Хонандаи хурдсоли аз қоидаҳои муошират бохабар сифатҳои зерини ташаккулёфтаро талаб мекунад:

1. Донистани меъёрҳои забони адабӣ ва қоидаҳои одоби муошират.

2. Қобилияти мантиқан ва ифоданок баён кардани нутқ.

3. Маҳорати ба назар гирифтани синну сол, ҷинс, мавқеъ, хислатҳои иҷтимоӣ ва фардии шахсияти ҳамсуҳбат.

4. Маҳорати пешгӯӣ кардани муколама ва аксуламалҳои ҳамсуҳбат.

5. Маҳорати ба назар гирифтан, гӯш кардан, эҷод кардан ва нигоҳ доштани фазои неки муошират.

6. Назорат кардани ҳолати эмотсионалӣ ва изҳори эҳсосоти худ [133, с. 204].

Мушкилоти муошироти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар се самти муносибатҳо ба вуҷуд меояд:

-бо волидон;

-бо омӯзгорон;

-бо ҳамсинфон ва ҳамсолон;

Якчанд нишондиҳандаҳои мушкилоти муошират дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавҷуданд:

«-хонанда аз муошират бо одамон худдорӣ мекунад, яъне хоксорона рафтор намуда, миёни ҳамсолон ё калонсолон ҳисси изтиробро эҳсос мекунад;

-бо калонсолони дигар хуб муошират карда метавонад, аммо ҳамсолон ӯро хашмгин ё сохтакор мешуморанд;

-бача дӯст намедорад, вақте ки ҳамсолонаш бо ӯ ё якҷоя фаъолият намекунанд, масхара ё хафа мекунанд;

-бача агрессияи ҷисмонӣ нишон дода, дашномро истифода мебарад, нисбат ба дигар бачагон ҳисси бадбинӣ зоҳир менамояд;

-он қадар бетаваҷҷуҳ, ғавғобардор ё гиперактив аст, ки дигар бачагон аз ин ҳолат асабонӣ мешаванд.

-боварӣ дорад, ки, ки ба дӯстӣ ниёз надорад ва аз муошират бо бачагон ва дигарон дар гурӯҳ худдорӣ мекунад.

-мехоҳад дӯстӣ кунад, аммо намедонад чӣ тавр, новобаста аз он ки волидон ё омӯзгорони ӯ барои бартараф кардани ин мушкилот кӯшиш мекунанд» [116, с. 153].

Омӯзгорон бояд ба хонандагон дар ҳалли мушкилиҳои муошират ёрӣ расонанд. Одатан ба вазъияти синф диққат додан лозим аст. Ҳама хонандагон бояд баробарҳуқуқ бошанд, дастовардҳои ҳар як бачаро на танҳо волидон, балки дар мактаб омӯзгорон низ ба назар гиранд. Ташаббусҳои гуногуни хонандагонро пахш кардан мумкин нест. Баръакс, ин ташаббусҳоро дастгирӣ карда инкишоф додан лозим аст, хусусан агар хонанда эҷодкорона фикр кунад, қобилияти эҷодкорӣ дошта бошад.

Барои ташаккули муносибатҳои хуб дар байни хонанда ва аҳли синф, аввал талаботи бачаро ба муошират қонеъ гардонда, ба ӯ муколамаи дуруст бо ҳамсолонро омӯзондан лозим аст. Дар ташаккули муошират мутақобила бо коллектив қобилияти омӯзгор барои баҳодиҳӣ ба шогирдони худ нақши муҳим мебозад.

Дар доираи ин фаъолият навовариҳои психологӣ ташаккул меёбанд, ки дастовардҳои назаррасро дар инкишофи хонандагон тавсиф мекунанд ва заминае мебошанд, ки инкишофро дар марҳилаи минбаъдаи синну сол таъмин мекунанд.

«Синни хурди мактабӣ давраи инкишофи босуръат ва тағйирёбии сифатии ҷараёнҳои маърифатӣ аст, зеро маҳз дар ин синну сол онҳо хусусияти миёнаравӣ пайдо карда, бошуурона ва худсарона амал карданро меомӯзанд» [96, с. 73].

Дар ин давраи синну сол бача ба доираи нави муносибатҳои иҷтимоӣ ворид гардида, муошират дар ин давра хусусияти ба худ хосро дорост. Олимон зимни таҳқиқот якчанд мушкилиҳои хоси муоширатро дар ин давра муайян намуданд:

а) мушкилоти муошират бо ҳамсолон;

б) мушкилоти муошират бо омӯзгорон;

в) мушкилоти муошират бо волидон ва калонсолони дигар.

Аз нуқтаи назари М.И. Лисина «Муошират ҳамчун ҷараёни ташкили дастгирии алоқаи мақсаднок, бевосита ё бавосита дар байни одамоне, ки аз ҷиҳати психологӣ ба ҳамдигар вобастаанд, фаҳмида мешавад. Татбиқи ин алоқа тағйири ҷараёни фаъолияти якҷояро аз ҳисоби мувофиқати фаъолиятҳои «инфиродӣ» аз рӯйи меъёрҳои муайян ё, баръакс, тақсими функсияҳо (муошırати иҷтимоӣ) ё татбиқи таъсири мақсаднок ба ташаккул ё тағйири шахсияти алоҳидаро дар ҷараёни фаъолияти коллективӣ ё «инфиродӣ», вале фаъолияти бавоситаи иҷтимоӣ (муошırати шахсӣ) имконпазир мегардонад». [82, с86].

Таърифи нисбатан одиро М.И. Лисина пешниҳод мекунад: «Муошират ҳамкории ду нафар ё зиёда аз он одамон буда, ба мувофиқат ва муттаҳид намудани кӯшишҳои ба роҳ мондани муносибатҳо ва ноил шудан ба натиҷаи умумӣ равона шудааст» [83, с79].

Бо доштани чунин асоси назариявӣ мо ба баррасии хусусиятҳои муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ гузашта метавонем, вале дар аввал бо тавсифи умумии ин давра ва хусусиятҳои он шинос мешавем.

Синни хурди мактабӣ (7-10-солагӣ) бо ҳолати муҳим дар ҳаёти бача - ба мактаб рафтан муайян мегардад. Вақте ки кӯдак ба мактаб меравад, ӯ

ба таври худкор дар системаи муносибатҳои инсонӣ мавқеи комилан навро ишғол мекунад: ӯ уҳдадориҳои доимии вобаста ба фаъолияти таълимиро мегирад. Наздикон, калонсолон, омӯзгорон, ҳатто одамони бегона бо бача на танҳо ҳамчун бо шахси ягона, балки ҳамчун бо инсоне муносибат мекунанд, ки (ихтиёрӣ ё маҷбурӣ - муҳим нест) уҳдадории таҳсил карданро ҳамчун бачагони ҳамсоли худ ба зимма гирифтааст.

Дар ин ҷо вобаста ба омодагӣ ба мактаб, ки болотар ба таври мушаххас маълумот дода будем, таъкид кардан зарур аст. Кӯдак то охири синни томактабӣ ба маънои муайян шахсиятро дар бар мегирад. Ӯ дарк мекунад, ки дар ҷамъият чӣ мавқеъ дорад ва дарояндаи наздик кадом мавқеъро бояд ишғол намояд. Яъне, ӯ дар муҳити иҷтимоии муносибатҳои атрофиён барои худ мавқеи навро кашф мекунад. То ин лаҳза ӯ аллакай дар муносибатҳои байнишахсӣ ба дастовардҳои зиёде ноил мешавад: ба муносибатҳои оилавию хешутаборӣ сарфаҳм рафта, дар байни хешону наздикон мавқеи ба мақоми иҷтимоии худ муносибу мувофиқро ишғол карда, бо калонсолон ва ҳамсолон муносибатҳоро ба роҳ монда метавонад. Ӯ аллакай мефаҳмад, ки баҳодиҳии рафтору маромҳои ӯ начандон бо муносибати шахсии ӯ нисбат ба худ, балки пеш аз ҳама, бо чӣ гуна дар назари атрофиён намудор шудани амалҳои ӯ муайян мегардад.

Кӯдак дар давраи томактабӣ дар натиҷаи рӯ ба рӯ шудан бо мушкилии муносибат бо калонсолон ва ҳамсолон, рефлексия нисбат ба дигаронро меомӯзад. Дар мактаб, дар шароитҳои нави ҳаёт ин қобилиятҳои нави рефлексӣ ҳангоми бартараф намудани вазъиятҳои мушкил дар муносибатҳо бо омӯзгорон ва ҳамсолон ба бача хуб хизмат мерасонанд.

Вазъияти нави иҷтимоӣ кӯдакро ба ҷаҳони муносибатҳои ба таври қатъӣ танзимшаванда ҷалб мекунад, мустақилияти муташаккил, масъулиятро барои интизом ва рушди амалҳои марбут ба омӯзиши малакаҳои фаъолияти таълимӣ, инчунин масъулиятро барои рушди зеҳн

талаб мекунад. Ҳамин тавр, вазъияти нави иҷтимоӣ шароитҳои зиндагии бачаеро, ки ба мактаб дохил мешавад, душвор гардонда, шиддати психологиро меафзояд. Ин на танҳо дар солимии ҷисмонӣ, балки дар рафтори бача ҳам инъикос меёбад.

Кӯдаки синни томактабӣ дар шароити оилаи худ зиндагӣ мекунад, ки дар он талаботи ба ӯ равонашуда бошуурона ё бешуурона бо хусусиятҳои инфиродии ӯ мувофиқ мешаванд: оила одатан ба рафтор ва имкониятҳои бача талаботи худро мутобиқ мегардонад. Масъалаи дигар мактаб аст. Ба синф хонандагони зиёд меоянд ва омӯзгор бояд бо онҳо кор карда тавонад, яъне маҳорати педагогӣ-психологиро дошта бошад. Ин ҳатмӣ будани талаботро аз тарафи омӯзгор муайян намуда, шиддати психологиро барои бача меафзояд. То мактаб хусусиятҳои инфиродии бача ба инкишофи табиии ӯ халал нарасонда метавонистанд, зеро ин хусусиятҳо аз тарафи наздикон қабул ва ба назар гирифта мешуданд. Дар мактаб стандартикунонии шароитҳои ҳаёти бача сурат мегирад, ки дар натиҷа тамоилҳои зиёд аз роҳи пешакӣ муайяншудаи инкишоф ошкор мешаванд: мутаассиршавандагии аз ҳад зиёд, серҳаракатии аз ҳад зиёд, ақибмонии намоён. Ин тамоилҳо асоси тарси бачаро ташкил медиҳанд, фаъолнокии иродаро паст мекунанд, ба руҳафтодагии бача оварда мерасонанд ва ӯ маҷбур мешавад, ки ин ҳама санҷишҳои ҷамъшударо бартараф намояд.

Бачагон дар муносибатҳои нав бо калонсолон ва ҳамсолон мутобиқшавиро ба худ ва дигаронро инкишоф медиҳанд. Онҳо бо доштани даъвои эътирофшавӣ дар фаъолияти таълимӣ иродаи худро барои ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ машқ медиҳад. Ба комёбӣ ё нокомӣ дучор шуда, ӯ ба доми шаклҳои нави манфию иловагӣ (ҳисси бартарӣ доштан аз дигарон ва ҳасад) меафтад. Қобилияти инкишофёбандаи ҳаммонандкунии худ ба дигарон ба бартараф намудани фишори шаклҳои нави манфӣ ва инкишофи шаклҳои мусбати муошират мусоидат мекунад.

Дар солҳои якуми мактабхонӣ бачагон тадриҷан аз волидон дур мешаванд, ҳарчанд ба роҳнамоии калонсолон ниёз доранд. Муносибатҳо бо волидон, сохтори оила ва муносибатҳои байниҳамдигарии волидон ба хонандагон таъсири муҳим мерасонанд, аммо натиҷаи васеъшавии алоқаҳо бо муҳити муҳимми иҷтимоӣ он аст, ки калонсолон ба онҳо таъсири бештар мерасонанд.

Муносибатҳо дар байни хонандагон ҳамеша тағйир меёбанд. Агар аз 3 то 6-солагӣ бачагон муносибатҳои худро асосан дар зери назорати волидон ба роҳ монанд, аз 6 то 12-солагӣ хонандагон қисми зиёди вақти худро бе назорати волидон сипарӣ мекунанд. Муносибатҳои дӯстонаи хонандагони синни хурди мактабӣ одатан дар байни бачагони як ҷинс ташаккул меёбанд. Дар баробари суст шудани алоқа бо волидон, бача талабот ба дастгирии рафиқонро бештар ҳис мекунад, инчунин ба ӯ лозим аст, ки бехатарии эмотсионалии худро таъмин намояд.

Дар айёми мактабхонӣ гурӯҳҳои ҳамсолон аз рӯйи хислат, ҷинс, синну сол, мавқеи иҷтимоию иқтисодии оилаҳо, ки бачагон ба онҳо мансубанд, ташаккул меёбанд.

Вақте ки муошırати хонанда бо дигарон аз доираи таҳсил берун мебарояд, дар низоми одамшиносии ӯ тағйироти наву муҳим рӯй медиҳанд. Мазмуни фаҳмишҳои ташаккулёбандаи бача дар бораи хусусиятҳо ва ҷанбаҳои шахсият хеле тағйир ёфта, маҳорати амиқтару дурусттар сарфаҳм рафтан ба зермаъноии психологии амалҳои мураккаб ва баҳодиҳии объективии шахсият дар маҷмуъ инкишоф меёбад. Таҷрибаи доимии муошират бачаро ба мулоҳизаронӣ дар бораи рафтору амали одамон ва ба истифодаи фаъолу доимии донишҳои ташаккулёбанда дар муошират водор менамояд, ҳамин таҷриба дар ҳар як қадам ба бача нишон медиҳад, ки кадом хулосабарорӣ ва баҳогузорӣ дуруст асту кадоме ғалат.

Д.Б. Элконин масъулияти махсуси давраи томактабии бачагонро дар назди марҳилаи оянда, яъне марҳилаи мактабии инкишоф, дар он

мебинад, ки: «Дар ин давра хонандагони хурдсол ба таври фаъол бо муносибатҳои иҷтимоӣ, функсияҳои меҳнатӣ, маромҳо ва вазифаҳои ҷамъиятии одамон шинос мешаванд. Дар натиҷа, то охири ин давра, дар онҳо тамоюли иҷрои фаъолияти ҷиддӣ, муҳимми ҷамъиятӣ ва баҳогузоришаванда пайдо мегардад. Ин омодагӣ барои тайёрии бачагон ба мактабхонӣ аҳаммияти муайянкунанда дорад ва онро балоғати иҷтимоӣ таъмин мекунад, на маҳоратҳои техникӣ, ба монанди хондан ё ҳисоб кардан» [160, с. 154].

Дастовард ба камолоти иҷтимоии кӯдак, ки шарти зарурии бомуваффақият ворид шудан ба фаъолияти таълимӣ мебошад, нақши муҳимми давраи томактабиро дар бар мегирад. Маҳз аз ҳамин сабаб соли охирини ҳаёти томактабӣ – аз 6 то 7-солагӣ “арзиш”-и махсуси психологӣ пайдо мекунад.

Бача ба мактаб рафта, бори аввал бевосита ба воқеияти васеътари иҷтимоӣ дучор меояд, ки ташкили он аз оила аз рӯйи фаъолияти бартаридошта ва аз рӯйи шаклҳои муошират комилан фарқ мекунад. Дар синни томактабӣ воқеияти васеи иҷтимоӣ дар ҳаёти бача бо алоқаҳои нисбатан аҳёнӣ ва тасодуфӣ бо калонсолони бегона пешниҳод шудааст. Барои хонанда он дар муошırати доимӣ бо омӯзгор таҷассум меёбад.

Ба тахмини мо, то охири синни томактабӣ майли атрофиён ба дохилшавии бача ба мактаб дар муносибати ӯ ба воқеияти васеи иҷтимоӣ ва ҳолати иҷтимоии ӯ тағйирот ворид мекунад. Ин тағйирот бояд дар тасаввуроти бачагон дар бораи алоқаҳо бо калонсолони бегона инъикос ёбад. Инчунин тахмин мекунем, ки барои бачаи 6-7-сола ҷанбаҳои муҳимми эмотсионалии муошират бо мураббии боғчаи бачагон ва омӯзгор хеле фарққунандаанд.

Бачае, ки ба мактаб меравад, аз ҷиҳати психологӣ ба низоми нави муносибатҳо бо атрофиён дохил мешавад. Ӯ дар байни наздикон ва дар муҳите, ки “хона” ном дорад, зиндагӣ карда, ҳис мекунад, ки ҳаёти ӯ

куллан тағйир ёфтааст: ба зиммаи ӯ ухдадории на танҳо ҳар рӯз ба мактаб рафтан, балки ба талаботи фаъолияти таълимӣ итоат кардан ҳам гузошта шудаанд. Озодии бачаи томактабӣ бо муносибатҳои вобастагӣ ва тобеият ба қоидаҳои нави ҳаёт иваз мешавад. Оила бинобар зарурати таҳсил дар мактаб, иҷрои вазифаҳои хонагӣ, ташкили қатъии реҷаи рӯз бачаро ба таври нав назорат мекунад. Қатъитар шудани талабот ба бача, ҳатто дар шакли хайрхоҳона ҳам, ба зиммаи ӯ масъулият барои худро мегузорад. Канорагирии зарурӣ аз хоҳишҳои импулсивии вазъиятӣ ва худташкилкунии ҳатмӣ аз аввал дар бача ҳисси танҳоӣ ва дуршавӣ аз наздиконро бедор мекунад. Зеро ӯ бояд барои ҳаёти нави худ масъулиятро ба зимма гирифта, онро ташкил кунад. Давраи душвори санҷиши бача на танҳо бо зарурати мактабравӣ ва интизомнокӣ, балки бо зарурати ташкили реҷаи рӯзи худ дар хона ва оила оғоз меёбад.

Муваффақияти кӯдак дар азхудкунии меъёрҳои зиндагӣ дар шароити нав дар ӯ зарурати эътирофи на танҳо дар шаклҳои қаблии муносибатҳо, балки дар фаъолияти тарбиявӣ низ ба вуҷуд меорад. Хусусияти мутобиқшавӣ ба шароитҳои нави ҳаёт дар синни хурди мактабӣ ва муносибати оила ба бача ҳолат ва инкишофи ҳисси шахсияти ӯро муайян менамояд. Дар шароити нозуки оила кӯдак дар муносибатҳои оилавӣ нисбат ба тағйири мавқеи иҷтимоиаш мавқеи навро ишғол мекунад: хонанда ва шахси масъул мегардад, бо ӯ маслиҳат мекунанд, фикру мулоҳизаҳои ӯ ба эътибор гирифта мешаванд.

Дар охири синни мактабӣ афзоиши хислатҳое, ки дар рафтори ҳамсолон фарқ мекунанд, равшан ошкор мегардад ва кӯдак ба он ҷанбаҳои шахсияте, ки қаблан ба онҳо аҳаммият намедоданд, бештар таваҷҷуҳ мекунад.

Аммо дар хонандагони синфи 5, дар муқоиса бо хонандагони синфи 1, кам шудани таваҷҷуҳ ба баъзе далелҳои рафтор мушоҳида мешавад. То синфи 5 ғунҷоиши тасаввуроти бачагон дар бораи ҷанбаҳои гуногуни рафтори ҳамсолон хеле васеъ мегардад.

Барои наврасон, ба мисли хонандагони хурдсол, меъёрҳои баҳодиҳии рафтор чун пештара ҳангоми баҳодиҳии рафтор аввалиндарача ба шумор меравад, аммо муносибати онҳо ба ин меъёрҳо тағйир меёбад: агар барои хонандагони синни хурди мактабӣ нақши ин меъёрҳо қариб мутлақ бошанд.

Дар масъалаи тағйири муносибатҳои бача бо калонсолон Л.С. Виготский дар назди психологияи бачагон чунин талабот мегузорад: «Ба нахустин пурсиш бояд, динамикаи омӯзиши синну сол ва вазъияти иҷтимоии инкишоф посух бидиҳад

Вазъияти иҷтимоии инкишоф гуфта, ӯ ҳамон муносибати комилан ба ҳамин синну сол хос, фавқулодда, ягона ва нотакрор дар байни бача ва воқеияти иҳотакунандаи ӯ, пеш аз ҳама, воқеияти иҷтимоиро мефаҳмад, ки то аввали ҳар як давраи синнусолӣ ташаккул меёбад. Вазъияти иҷтимоии инкишоф сарчашма ё ибтидои ҳама гуна тағйирот дар ҳаёт, рафтор ва психикаи бача аст.

Вазъияти иҷтимоии инкишоф ба таври объективӣ ба қонунияти ҳаёти ҷомеа, ба ҳамон талаботе, ки ҳамин ҷомеа дар ҳамин зинаи инкишофи худ дар назди ин ё он синну сол мегузорад, тобеъ аст. » [18, с. 239].

Аммо Л.С. Виготский аз фаҳмиши механикии нақши муҳит пешакӣ огоҳ мекунад, ки «Тағйири вазъияти иҷтимоии инкишофро ҳамчун қувваи берунии ба бача бегона, ки ташаккули психикаи ӯро ба худ тобеъ мегардонад, фаҳмидан нашояд. Ҳарчанд сабабҳои пайдоиш ва парокандагии вазъияти иҷтимоии инкишоф, ки ҳар як бача ва калонсолони иҳотакунандаи ӯ номуташаккилона ба он ҷалб мешаванд, ба таври объективӣ зарур бошанд ҳам, вале ба онҳо фаҳмондани динамикаи тағйироти синнусолии инкишофи психикӣ ғайриимкон мешавад. “Фавқулодда ва нотакрор будани” ҳар як чунин вазъият танҳо бо назардошти имконият ва тавоноии ин ё он давраи мушаххаси синнусолӣ, яъне бо назардошти имконияти худи бача, фаъолнокӣ ва

минтақаҳои инкишофи наздики ӯ бо мазмуни психологӣ пур карда мешавад»[18, с. 242].

Вазъияти иҷтимоии инкишоф барои Л.С. Виготский на танҳо сабаб, балки натиҷаи инкишофи психикии бача ба шумор мерафт: Агар дар таҳлили вазъияти иҷтимоии инкишоф танҳо бо шарҳи моҳияти объективии он маҳдуд шуда, иштирок ва фаъолнокии бача дар ташкили чунин вазъият ба назар гирифта нашавад, чунин муносибат аз нигоҳи психологӣ зиёновар дониста мешавад. Он ҳангоми татбиқ дар таҷрибаи таълиму тарбия ба инкишофи психикии бача зарари ислоҳнашаванда расонда метавонад. Сарфи назар кардани омилҳои иҷтимоӣ дар шарҳи инкишофи психикии бача ба андозаи баробар ба талабот мухолифат мекунад. Дар мазмуни «муносибат» ё "таассурот"-и бача ӯ вазъияти иҷтимоии инкишофро ҳамон «ҳуҷайрача», ҳамон воҳиди камтарини таҳлил мешуморад, ки таҳқиқи инкишофи психикии бачаро дар асоси усули яклухт имконпазир мегардонад» [18, с38].

Ҳамин тавр, кӯчондани шакл ва усулҳои кор бо бачагони 7-сола дар ҳолати агар он дахолати механикӣ ба ҷараёнҳои махрамонаи бозсозии психикӣ бошад, ба нокомӣ дучор мешавад. Зеро психикаи бачае, ки мувофиқи қонунҳои дохилии худ инкишоф меёбад, фаъолона ба ин монеа мегузорад. Натиҷаҳои таҳсил метавонанд бардурӯғ шаванд: меъёрҳои ҳаёти мактаб ва маводди таълимиро азхудкунии бача хусусияти рӯякӣ касб мекунад.

Албатта, аз мушкилиҳо дар таҳсили бача калонсолон безобита мешаванд. Маҳз дар хона муносибати дурусти ӯро ба фаъолияти таълимӣ, яъне муносибати масъулияти ба зиммаи худ гирифтаро ташкил кардан мехоҳанд. Ҷойи кор (миз, курсӣ, рафи китобмонӣ, чароғ, соат ва ғ.) фароҳам оварда шуда, суҳбатҳо дар бораи зарурати дуруст ба нақша гирифтани вақти худ барои мутолиа, бозӣ ва сайругашт, машғул шудан ба дигар корҳои маъқул ё ҳатмӣ гузаронда мешаванд.

Муҳимтарин чизе, ки оила ба хонандаи хурдсол дода метавонад, ин ба ӯ омӯзонад, ки ҳангоми дарс дилгир нашавад, маънои «аввал кор, баъд истироҳат»-ро фаҳмад, масъулияти худро ба дӯш гирад ва иродаи худро идора карда тавонад. Аъзои оила ба хонандаи хурдсол барои аз худ намудани талаботе, ки дар фаъолияти таълимӣ гузошта шудаанд, кумак мерасонанд ва ин талаботро ҳамчун талаботи ҳатмӣ ва зарурӣ қабул мекунанд. Ҳолатҳои зикршударо ба назар гирифта, омӯзгор дар синф тартиби муайяни муносибатҳои психологии байнишахсӣ ва таълимиву тарбиявиро ташкил карда метавонад. Таҳлили мушаххаси психологии муносибатҳо дар байни хонандагон омӯзиши ҳолати муносибатҳои гуногунеро, ки дар байни онҳо дар ҷараёни муоширати дурудароз пайдо мешаванд, пешбинӣ менамояд.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот зарур дониста шуд, ки оид ба психологияи фарқияти гендерӣ дар ҷараёни таълим ва тарбия низ мулоҳизаронӣ намоем.

Ақидаҳои муҳаққиқон оид ба фарқияти гендерӣ дар дастовардҳои таълимӣ ва касбӣ бо мавҷудияти ду қолаб тавсиф дода мешаванд: «Якум – афзалиятнокии биологӣ, дуюм – вобастагии иҷтимоӣ» [128, с. 184].

Маълум аст, ки дар инсон ба ҷуз фарқияти ҷинсӣ фарқияти гендерӣ низ мавҷуданд, ки дар ташаккули он на танҳо омилҳои биологӣ, инчунин омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ низ нақши назаррас доранд. Дар фарҳанги суннатии бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла дар кишвари мо, хислатҳои рафтор, ахлоқӣ ва муоширати зану мард ба ҳамдигар мухолифанд. Масалан, мардон бо фаъолият, хашмгинӣ, қатъӣ, андешамандӣ хосанд, занон бошад, нисбатан пассив, вобаста, ҳисси эмотсионалии онҳо бештар аст, онҳо таҳаммулпазирии иҷтимоӣ доранд. Ин зиддият ба қисматҳои фарҳанги миллӣ мустаҳкам карда шудаанд: анъанаҳои таълимӣ, бозиҳо, асарҳои бадеӣ ва ғ.

Дар ин самт махсусияти фарҳанги миллии мо бештар дар афсонаҳо, бозиву бозичаҳо, либос ва ғайраҳо вобаста ба ҷинсият таҷассум

мегардад. Татқиқоти муҳаққиқони ватанӣ (Б. Маҷидова, А. Нуров, Б. Раҳимов, Х. Раҳимзода ва диг.) исбот намудаанд, ки ҳангоми бозӣ духтарбачаҳо мавқеи хурдро ишғол намуда, он ҷо “боигарӣ”-ҳои худро мегузоранд: лӯхтак, латтапораҳо, зарфҳо, ороишоти занона ва ғ., писарбачаҳо бошанд, баръакс – барои бозӣ онҳо мавқеи калонро интихоб намуда, дар он ҷо бозичаҳои худро бетартибона ҳар ҷо мепартоянд, медаванд, болои дарахт мебароянд ва ғ., теъдоди бозичаҳои писарона нисбатан бештар аст. Ин фарқият наметавонанд ба падидаҳои рафтори тадқиқотӣ, дар ин замина, ба инкишофи когнитивии бачагон (духтарбача ва писарбача) бетаъсир бошанд.

Одатан волидон ва омӯзгорон духтарбачаҳоро барои сифатҳои фаъолнокӣ, кунҷковӣ, мустақилият ва майл ба таваккал кардан доштанашон ҳавасманд намегардонанд, яъне дар ҷараёни таълиму тарбия таваҷҷуҳ, вақт ва воситаҳо бештар ба писарбачаҳо сарф карда мешавад (бештар дар деҳот), яъне хусусиятҳои нақшҳои гендерӣ ба ҷараёни таълимӣ мустаҳкам карда шудаанд. Медонем, ки омили инкишофи когнитивӣ – бартарияти рафтори тадқиқотӣ бештар дар шароити аз баҳогузорӣ озод будан, масъулиятнокӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолият аст.

Тавре ба назар мерасад, ҳар қадаре духтарбача болаёқат бошад, ҳамон андоза аз рӯйи хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ хислаташ бештар ба писарбачаҳо наздиктар мешавад. Дар муқоиса бо ҳамсолони худ ин гуна духтарбачагон дорои доираи васеи шуғлҳоеанд, ки аксаран хоси писарбачагонанд, масалан бозиҳои серҳаракати варзишӣ, бозӣ кардан бо бозичаҳои барои писарбачагон тавсия шуда. Ба онҳо машғулиятҳои анъанавии писарбачагонае маъқуланд, ки сифатҳои мустақилият ва маҳорати муносибати тадқиқотӣ ба ҳалли масъалаҳоро ташаккул медиҳанд. Агар духтарбача дар шароити озод аз нақши гендерие, ки ҷамъияти фарҳангӣ ба таври маҷбурӣ ба ӯ бор кардааст, ба воя расад,

пас ин имконияти дар ӯ ташаккул ёфтани қобилиятҳои мутааллиқ ба тафаккуру рафтори писаронаро медиҳад.

Мушоҳида мешавад, ки ихтироот ва кашфиёт бештар аз тарафи мардон ба назар мерасанд, яъне мардон қобилияти ихтироъкорӣ доранду ба сифати нақши муҳаррики асосӣ дар вазъияти номуайянӣ ва таваккалӣ беҳтар фаъолият мекунанд (фаъолияти ҷустуҷӯӣ, ҳалли масъалаҳои нав ва ғ.).

Хулоса, инкишофи одамон, аз ҷумлаи хонандагон дар ҳар давраи синнусолӣ гуногун буда, ҳар як давраи синнусолӣ хусусиятҳои умумӣ ва ҳар мактабхон бо хусусиятҳои фардии худ дар инкишоф тафовут дорад. Яъне, шабеҳи системаи асаб фаъолияти гуногун дошта, инкишофи ҷисмонию ақлӣ, майл ва хусусиятҳои рафторашон якранг нест.

Бо баробари ба мактаб рафтан, суръати инкишофёбӣ баъзан сусттар шуда метавонад. Ин ҳолатро на танҳо дар мисоли дигаргун шудани мавқеи кӯдакон дар ҷомеа, балки дар тафаккури абстрактӣ, эҳтиёҷоти нав, завқу шавқу кӯшиши омӯзиш пайдо мекунад ва калонтар шуда сифатҳои наврасон дар ӯ ташаккул ёфтан мегирад. Ҳамон омӯзгоре, ки инкишофи шогирдашро дар ҳаёт мебинад, роҳҳои беҳтари такмили онро ҷустуҷӯй мекунад, бахри ислоҳи камбудиҳо چораҳо меандешад ва эҷодкориҳо дорад, дар ин ҷода комёбиҳо насибаш мегардад.

Ҳар хонанда фард аст, вай бо хусусиятҳои фардии худ аз дигарон фарқ мекунад. Лекин дар тарбия талабҳои умумӣ низ ҳастанд, ки ба инкишофи хонандагони синну соли муайян пешниҳод мегарданд.

Агар хонанда нуқсоне дошта бошад, гуноҳе содир кунад, омӯзгор бояд муайян созад, ки кадом сифати даркорӣ дар ӯ ҳосил нашудааст ва сабаби он дар чист? Сипас имконияти роҳи ислоҳи камбудиро ёфтан мумкин мешавад. Омӯзгор бинад, ки шогирдаш дар инкишофи сифату хусусиятҳо бартарӣ дорад, вазифа бармеояд, ки минбаъд сифатҳоро мустаҳкам намуда, сайқал диҳад. Масалан, дар омӯзиши фанни забон ё

риёзӣ афзалият дошта бошад, мекӯшад, ки он донишҳо васеътар карда шавад.

Аз далелҳои болоӣ хулоса бармеояд, ки дар кори таълиму тарбия мадди назар доштани хусусиятҳои фардии хонандагон шарти муҳимми муваффақияти кори пурсамари омӯзгор дар ҷодаи донишдиҳӣ мебошад. Ҳамин донишҳо роҳи шогирдонро баҳри ба даст овардани мақсаду орзуҳо мунаввар месозад. Хусусиятҳои фардии хонандагонро ба ҳисоб нагирифта кор бурдан басо душвор аст. Масалан, нафаре дар дарс рафиқашро ранҷонда, худаш хатояшро фаҳмида хафа мешавад, дигаре аз ҷазогирӣ меҳаросад ва сеюмӣ ақаллан шарм намекунаду худро бегуноҳ нишон доданӣ мешавад. Вай бояд сиёҳро сиёҳ гӯяд. Меъёри ахлоқро ба эътибор гираду адолатро пеша намояд.

## Хулосаи боби якум

Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқоти синни хурди мактабӣ барои ташаккули сифате, ки дар корбурди озмоишии мо нишон дода шудааст, бештар мусоид мебошад, зеро маҳз дар ҳамин давра, ба ақидаи қисми зиёди омӯзгорони соҳибтаҷриба, меъёрҳои асосии ахлоқӣ аз худ карда мешаванд. Дар ин замина, метавон афзуд, ки қобилияти ба қоидаҳои ахлоқию маънавӣ тобеъ намудани кирдорҳои худ аксаран, ташаккул меёбанд ва аз афкори ибтидоии ахлоқие, ки бача дар мактаби ибтидоӣ онро аз худ карда, дар ҷараёни ҳаёт такмил медиҳад, шуури ахлоқии шахс ташаккул меёбад. Ҳамин падидаҳои рӯйи коромада, ба асосу меъёрҳои илмии пажуҳишшуда, комилан мувофиқаткунанда мебошанд. Муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки пайдо намудани умдатарин хосиятҳои руҳию шуурии бачагон якбора наметавонад рӯйи кор ояд. Заминаи омӯзиши масъалаҳо дар таҳқиқоти мо низ асос ё далолат ба ҳамин гуфтаҳо мекунад.

Нишондоди фарзиядори таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ доир ба муносибатҳои ахлоқӣ ҳангоми баррасии масъалаҳо ба чунин хулоса меорад, ки бача танҳо дар ҷараёни махсусташкилшудаи муошırати педагогӣ метавонад, ки субекти ҳаёти худ гардад. Роҳандозӣ намудани ин раванд ба ӯ имконият медиҳад, ки худшиносиро инкишоф дода, қувваи ботинии худро шиносад ва дар баробари ин, қобилияти ҳифзи афзалиятҳои шахсияти худ, ташаккули муносибатҳои эмотсионалӣ-ахлоқиро озодонаю бошуурона инкишоф диҳад.

Мусаллам аст, ки дар мавриди аввали омӯзишу таҳлил, корбурди таҳқиқотҳо сохтор ва ҷараёни муошırати педагогӣ имкон медиҳад, ки донишу ғояҳои ахлоқии хонандагони хурдсол ҳамчун сарчашма бевосита аз омӯзгор гирифта мешаванд. Бо чунин тарз, асоси рафтори ахлоқии онҳоро маҳз ҳамин талаботи дарҷгардида, ташкил медиҳанд ва кӯшиш бар он доранд, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо самаранок татбиқ гарданд. Маҳз ҳамин муошират мубодилаи фикрҳо, ҳиссиёт, таассурот ва кӯшишҳои таъсиррасонии дутарафаро пешбинӣ менамояд. Вазифаҳои муошират гуногунанд; муошират шарти муҳимму асосии ташаккули ҳар як инсон ҳамчун шахсият, татбиқи мақсадҳои шахсӣ ва қонеъгардонии талаботи муҳимтарин аст; муошират механизми дохилии фаъолияти якҷояи одамонро ташкил дода, муҳимтарин сарчашмаи маълумот барои инсон ба шумор меравад.

Муошırати падару модарон бо бачагон пайваста самаранок арзёбӣ мешаванд. Агар он ба ҳолати иҷтимоии инкишофи бача мутобиқ, ба дарки мусбати таҷрибаи тарбиявии падару модарон аз тарафи бача ва ба нақшҳои тарбиявии онҳо мутаносиб буда, хусусияти ғайрирасмӣ надошта бошад. Дар шароитҳои демократикунонии оила бошад, рукни асосии муошират ба тақсими анъанавии нақшаҳои зану мард дар оила пайваста вобаста нест. Волидон бошанд, дар оилаҳои иқтидори зиёди тарбиявидошта, бо сатҳи баланди демократизм, мавҷудияти услуби ҳамкорӣ, кӯшиш барои муошират, муколамаи созанда, муносибатҳои

дӯстона бо бача, тасаввуроти мусбат дар бораи падару модар шудан, услуби ҳамоҳангшудаи тарбия тавсиф мешаванд, ки инро метавон ҷузъиёти комили масъалаи баррасишуда арзёбӣ намуд.

Табиист, ки дар раванди муоширати байнишахсӣ одамон бошуурона ва бешуурона, ба ҳолати психикӣ, ҳиссиёт, фикрҳо ва рафтори ҳамдигарӣ таъсири мусбию манфӣ мерасонанд. Мақсади таъсиррасонӣ ва татбиқи талаботи шахсии худ аз тарафи инсон вобаста мебошад, аз ҷумла талабот ба эҳтиром, таҳсин, муҳаббат, эътирофи ҷамъиятӣ, мустақилият асоси ин гуфтаҳо мебошанд. Ҳамин нуктаро дарҷ намудан саривақтист, ки дар ҷараёни таъсиррасонӣ воситаҳои доимӣ ва муваққатии гуногуни психологӣ ин зеришораҳо самаранок истифода бурда мешаванд: шифоҳӣ (вербалӣ), паралингвистӣ ва ғайришифоҳӣ (ғайривербалӣ).

Аммо, на ҳама гуна таъсир барои иштирокчии ду ҷониб ҳамин гуна асоснок таъсиррасон аст. Намудҳои асосии таъсиррасонӣ, ба мисли боварӣ ва худпешравӣ, дар аксарияти ҳолатҳо ҳамчун таъсири асоснок; ё танқиди вайронкунанда ҳамчун таъсири зиёновар ва ё талқин, мубтало, ҳавасмандкунӣ ба тақлид ва хоҳишу водоркунӣ ба аҳаммият надодан ҳамчун таъсирҳои гуногунмаъно баррасӣ шуда метавонанд. Ин омилҳои зикршуда, ҳамчун бунёди шинохти маънавии фазои вербалӣ, паралингвистӣ ва ғайривербалӣ дониста мешаванд.

Дар ин раванд, таҳлилҳои пайвастаи сифатӣ ва миқдории таҷрибагузарониҳо сареҳан, имкон дод, ки обективӣ ва эътимоднок будани натиҷаҳо, инчунин самаранокии методологияи таҳияшудаи ташкили ҷараёни муоширати педагогии байни омӯзгору хонандагони синни хурди мактабӣ исбот карда шавад, ҳамзамон дар рафти омӯзиши назариявӣ ва таҷрибавӣ ҳамаи вазифаҳои гузошташуда ҳал карда шуда, фарзияҳо бошад, тасдиқ гардид.

Пайдарпайии таҳлили асарҳои илмии соҳавӣ нишон дод ва натиҷа бахшид, ки хусусиятҳои синнусолии муошират бештар аз ҷанбаи серамалӣ омӯхта шудаанд, лекин онро фақат аз як нуқтаи назар пурра

тавсиф кардан номумкин аст, зеро ба ғайр аз ин, дар таҳқиқоти анҷомдодашуда, бахшида ба хусусиятҳои синнусолии муоширaт аксар вақт таркибҳои гуногуни тағйирёбандаи муошират аз рӯйи дараҷаи намоёнии онҳо муқоиса карда мешаванд.

Дар ин замина, таҳлили маълумоти бадастовардаи мо чунин тахминҳоро куллан имконпазир мегардонад, ки тафовутҳои инфиродӣ на танҳо дар дараҷаҳои намоёнии таркибҳои гуногуни тағйирёбандаи муошират, балки дар тарзи эҷоди онҳо, яъне дар таркиби психологии муошират низ ба назар мерасанд. Маҳз таҳқиқоти чунин ҳолат метавонад, ки далели имконпазирии бунёди муошираги солиму созанда бошад ва табиатан, он раванди тулонии тафовутҳои инфиродиро дар ҳолатҳои барои шахс мувофиқу устувор такон медиҳад.

Аз ин ҷиҳат, дар таҳқиқоти мо тавсифҳои синнусолии муошират ҳамчун хосияти гуногунҷанбаи шахсият дар раванди марҳилаҳои гуногуни синни наврасӣ баррасӣ карда мешаванд.

Дар доираи раванди бисёрчена-функсионалӣ муошират аз тарафи мо ҳамчун системаи тавсифҳои устувори маромнокӣ-маъноӣ ва воситагӣ-услубӣ шинохта мешавад, ки ин тавсифҳо, ҳолати ба ҳамкории байнишахсӣ омода будану рағбат доштани субъектро таъмин мекунанд. Табиист, ки рағбат доштани субъект асоси паёмадҳои назариявии дар амалия татбиқшуда мебошанд ва он аз раванди бисёрчена-функсионалии муошират сарчашма гирифтааст.

Муҳим аз ҳама ин аст, ки дар таҳқиқоти раванди омӯзиши масъалаҳои мубрами маддиназарӣ, таркиби психологии муошират ва хусусияти он дар марҳилаҳои гуногуни синни наврасӣ бо ёрии таҳлили мутобиқатҳо ва омилҳо пайваста ошкор карда мешавад. Ҳамин тавр, мушоҳида гардид, ки таҳлили муқоисавии таснифоти алоқаҳои таркибҳои гуногун ошкор намудани умумият ва махсусиятҳоро дар таркиби психологии хонандагони синфҳои болоӣ имконпазир гардонд. Дар ин раванд, таҳлили мутобиқатҳо пайваста имкон медиҳад, ки се

гурӯҳи таносубҳои мушоҳидавии дар хонандагони синфҳои болоӣ мушоҳидашаванда, муайян карда шаванд. Гурӯҳи якуми алоқаҳо дар таносубҳо, алалхусус дар байни таркибҳои серамалӣ, эмотсионалӣ, танзимӣ-иродавии муошират дақиқан ба қайд гирифта шуданд. Дар ин ҷо мутобиқатҳои бевосита дар байни нишондиҳандаҳои даркшавӣ ва бетарафӣ аз як тараф ва нишондиҳандаҳои манфӣ - дар байни фаъолнокӣ ва заифӣ, устуворӣ ва ноустуворӣ, инчунин дар байни фаъолнокӣ ва ноустуворӣ аз тарафи дигар мушоҳида мешаванд. Ҳамин мушоҳидаҳо дар раванди таҳқиқот рӯйи кор омад.

Одатан, тибқи нишондодҳои методологияи озмоишҳои илмӣ моҳияти таносубҳои ошкоршудаи ин раванд, бо он ҷамъбаст мегардад, ки ҳар қадар эмотсияҳои ноустувор аёнтар бошанд, ҳамон қадар эҳтимоли пайдоиши шаклҳои ғайрифаъоли танзими муошират бештар мешавад. Аз ин маълум мегардад, ки дар ин ҷода алоқаи бевоситаи таркибҳои тағйирёбандаи зикршуда, дақиқтар ба назар мерасад. Вале алоқаҳои баръакс аз он далолат медиҳанд, ки ҳар қадар устуворӣ намоёнтар бошад, ҳамон қадар эҳтимоли зоҳиршавии эмотсияҳои манфӣ камтар мешавад; ҳамин тавр, ҳар қадар рағбат ба муошират намоёнтар бошад, ҳамон қадар талабот ба ҳамкории байнишахсӣ камтар ба назар мерасад. Ин омил дар навбати худ аз раванди сода ба мураккаб ва аз мураккаб метавонад, ки ба сода гузариш кунад. Ба ғайр аз ин, нишондиҳандаи охирин бо дараҷаи намоёнии эмотсияҳои мусбати субъект дар ҷараёни муошират алоқаи тазодӣ дорад.

Ба тадриҷи хулосабарории илмӣ такя намуда, ҳамзамон ба тақвияти таҷриба метавон гуфт, ки гурӯҳи дуюми алоқаҳо дар байни таркибҳои маромнокӣ, когнитивӣ ва самаранокии муошират равшантар ба назар мерасанд. Таҳқиқоти озмоишёфта нишон медиҳанд, ки дар ин ҷо асосан, таносубҳои мусбат дар байни таркибҳои зикршуда ошкор шуданд; аз ҷумла - маромнокии ҳамкории иҷтимоӣ дар сатҳи муҳимми оморӣ дар якҷоягӣ бо тавсифҳои самаранокии муошират ва дараҷаи идроки худи

сифат мутобиқат пайдо мекунанд. Ҳамин татбиқ ҳамзамон, нишондиҳандаи даркшавӣ бо таркиби маромнокӣ ва самаранокии он дар соҳаи омӯзиши предметӣ-фаъолиятӣ мутобиқати мусбат пайдо мекунад. Аз ин татбиқҳо сар мезанад, ки моҳияти умумии таносубҳои ҳосилшуда ва маромнокии ҳамкории иҷтимоии муошират, яъне ба одамони дигар равона шудани он, аз як тараф, ба самаранокии иҷрои намудҳои гуногуни фаъолият (таълимӣ, касбӣ, маишӣ ва ғ.) мусоидаткунанда мебошад. Аз тарафи дигар, дараҷаи даркшавӣ ва фаҳмиши амиқтари муошират ҳамчун хосияти амиқи шахсият бо сатҳи баландтари ҳам маромнокии ҳамкории иҷтимоии муошират ва ҳам маромнокии худпарастии он мутобиқат пайдо мекунад.

Дар ниҳоят, гуфтан ба маврид аст, ки гурӯҳи сеюми мутобиқатҳо миёни тавсифҳои самаранокии муошират ва таркибҳои эмотсионалӣ ва серамалии он ҳосил шуд. Таносуби мусбат бошад, дар байни онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки устуворӣ ё фаъолӣ ба самаранокӣ ва таъсирнокии муошират бетафовут буда наметавонад. Чунончи, эмотсияҳои мусбат ва сатҳи намоёнии рағбат ба муошират, аз як тараф, ба ташаккули маромнокии ҳамкории иҷтимоӣ, аз тарафи дигар, ба муваффақият ва самаранокии иҷрои намудҳои предметии фаъолият ва ташаббус вобаста ба худфаъолкунӣ ва худинкишофёбии шахсият таъсир мерасонанд.

Дар раванди бозёфтҳои илмӣ-методологӣ маълум гардид, ки ҳар як омили ҷузъ бо омили кулл ва ё омили кулл бо омили ҷузъ пайвастагӣ дорад. Аз ин рӯ, алоқаҳои хос дар байни таркибҳои гуногуни тағйирёбандаи муоширати хонандагони синфҳои болоӣ, бештар ҳам дар дохили ҷанбаи танзимӣ-серамалии муошират, ҳам дар байни ҷанбаҳои тағйирёбандаи маромнокӣ-маъноии ҳамин сифат тақсим шудаанд. Чунончи, дар хонандагони синфҳои болоӣ иловатан, алоқаҳои мусбат дар байни устуворӣ ва фаъолнокӣ; ноустуворӣ ва сустӣ; -алоқаи манфӣ дар байни ноустуворӣ ва сустӣ ошкор шуданд. Моҳиятан, ин ба он маъно аст, ки ҳар қадар эмотсияҳои мусбат намоёнтар бошанд, ҳамон қадар

эҳтимоли пайдоиши шаклҳои фаъоли танзими муошират бештар мегардад. Дар баробари ин, эмотсияҳои манфӣ алоқаи баръакс бо рағбат ба муоширатро ошкор карда, онро бевосита ба талаботи кам, ба ҳамкории байнишахсӣ мутаносиб мегардонанд. Чунин ёддошти методологияи илмӣ дар раванди пажуҳиш имкон медиҳад, ки омӯзандагони минбаъдаи илми соҳа ба ҳамин аснодҳои таҳқиқӣ бештар таваҷҷуҳ кунанд.

Дар дохили тавсифҳои маромнокӣ-маъноии муошират алоқаҳои хос бештар ошкор шуданд. Ин тавсифҳои маромнокӣ-маъноии аз мутобиқати мусбат бо таркибҳои тағйирёбандаи онҳо ва ҳамкории иҷтимоӣ, инчунин маромнокии худпарастӣ, маромнокии ба субъект нигаронидашудаи муошират бо параметрҳои маромнокии худпарастӣ, даркшавӣ ва бохабарӣ далолат медиҳанд. Аз нуқтаи назари сифат, ин мутобиқатҳо чунин маъно доранд, ки ҳар қадар дар асл нишондиҳандаҳои бохабарӣ бештар бошанд, ҳамон қадар самаранокии ин сифат дар соҳаи субъектӣ-шахсиятӣ зиёдтар ба мушоҳида мерасанд ва сатҳи ҳамаи тамоюлҳои маромнокӣ низ баландтар мешаванд. Ҳамзамон, муошировати ба субъекти нигаронидашуда, ба афзоиши дараҷаи идрок, яъне ба дарки амиқтари вазифаҳо ва таъйиноти асосии ин сифат мусоидат мекунад. Бояд гуфт, ки инчунин ба андозаи маълумотнокии муошират вобастагии зич дорад ва он барои татбиқи равобити байни назарияву амалия, ташхису дақиқият ё шинохти амиқи муҳтавои вазифаҳои асосии маромнокӣ замима фароҳам меоварад.

Дар ҷараёни чунин татбиқҳо баррасии алоқаҳои хос дар байни таркибҳои гуногуни тағйирёбандаи муошировати донишҷӯён мушаххас нишон дод, ки ҷалбшавии онҳо бештар дар ҷанбаи танзимӣ-серамалии муошират мушоҳида мешавад. Онҳо ба таносубҳои мусбати нишондиҳандаи тағйирёбандаи тобоварӣ бо нишондиҳандаҳои устуворӣ ва фаъолнокӣ, инчунин ба алоқаи нишондиҳандаи заифӣ бо нишондиҳандаи ноустуворӣ ишора мекунанд. Татбиқгарони соҳа бар он

назаранд, ки омили асосии нишондиҳандаҳои устуворӣ ва ғайриустуворӣ пайваста наметавонанд, ки бидуни арзёбӣ ироа гарданд. Дар ин асно, моҳияти умумии таносубҳои ҳосилшуда бошад, аз он далолат медиҳад, ки ҳар қадар рағбат ба муошират қавитар бошад, ҳамон қадар эмотсияҳои мусбат равшантар намоён шуда, ҳамон қадари дигар эҳтимоли пайдоиши шаклҳои фаъолу серистифодаи танзими муошират зиёдтар мешавад. Инчунин ҳар қадар талабот ба ҳамкории байнишахсӣ камтар бошад, мусалламан, ҳамон қадар эҳтимоли зоҳиршавии шаклҳои ғайрифаъоли танзими муошират зиёдтар мегардад. Дар ҷанбаи маромнокӣ-маънoии муошират алоқаҳои иловагӣ низ дар ҳамин гурӯҳи синнусолӣ ошкор нашуданд. Ошкор нашудани онҳо боиси дарҷ намудани хусусияти ду гурӯҳ: баназаррасанда ва кам баназарасанда мебошад.

Ҳамин тавр, аз таҳлили сифатии фарқҳои психологии муоширати хонандагони синфҳои болоӣ ошкор гардид, ки муоширати хонандагони синфҳои болоӣ бо тобоварии зиёд ва худпарастӣ тавсиф мешавад. Ҳамин тобоварии зиёд ва худпараст на танҳо дар муҳити таълимии дохилимарзии мо, балки дар берун аз он низ чунин тавсиф меёбад. Таркибҳои тағйирёбандаи зикршудаи муоширати хонандагони синфҳои поёнӣ бошад, дар муқоиса бо синфҳои болоӣ дар сатҳи андак пасттар қарор доранд, яъне устувор буда, маромнокии ҳамкории иҷтимоӣ низ доранд. Муоширати онҳо бештар ба худфаъолкунӣ ва худинкишофёбии шахсият равона шудааст. Яъне, муоширати хонандагони синфҳои болоӣ, бо тамоюли ба роҳ мондани алоқа тавсиф мешавад, ҳол он ки хонандагони синфҳои поёнӣ бештар ба инкишофи ҷаҳони ботинии худ аҳаммият медиҳанд. Агар барои хонандагони синфҳои болоӣ душвориҳо дар муошират бештар ба вазъиятҳо вобаста бошанд, дар хонандагони синфҳои поёнӣ душвориҳо ба нобоварӣ, ба тавоноиҳои худ вобастагӣ доранд. Ҳамин рамзиёти мусаллами тавсифшуда, бештар метавонад, ки минбаъд дар раванди таҳлилҳои ҷузъию кулли барраси гардад. Аз

нигоҳи эмотсионалӣ, хонандагони синфҳои болоӣ бештар хурсандӣ ва шавқу завқро эҳсос мекунанд, ки ба синну соли онҳо амалишавии он мутобиқат мекунад. Дар хонандагони синфҳои поёнӣ бошад, бештар эмотсияҳои сусту заиф мушоҳида мешаванд, ки ин ба ҳаяҷони зиёд ва худпарастии афзоянда вобаста аст. Ин омилҳои зикршуда низ давомнок набуда, ҳангоми гузариш ба раванди бухронҳои синнусолӣ баррасӣ мегарданд.

# БОБИ II. ИСТИФОДАИ ШАРОИТҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ МУОШИРАТИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

## 2.1. Озмоиши истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошироти хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим

Дар замони муосир, агар бодиққат назар кунем, низоми маориф беш аз пеш ба рушди қобилиятҳои иртиботии хонандагони синни хурди мактабӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ин бесабаб нест: маҳз дар ҳамин синну сол кӯдак тадриҷан меомӯзад, ки чӣ гуна фикри худро баён кунад, дигаронро гӯш диҳад ва бо атрофиён робитаи муассир барқарор намояд.

Маҳоратҳои коммуникативӣ танҳо як ҷузъи одии рушди шахсият нестанд. Баръакс, онҳо ба як навъ “сарчашмаи даромад” табдил меёбанд, ки кӯдакро бо ҷомеа мепайванданд. Масалан, кӯдаке, ки метавонад озодона фикрашро баён кунад ё бо ҳамсинфонаш ба осонӣ ҳамкорӣ намояд, одатан худро бовариноктар ҳис мекунад ва зудтар ба муҳити иҷтимоӣ мутобиқ мегардад.

Маҳз дар марҳалаи таҳсилоти ибтидоӣ он пояҳое гузошта мешаванд, ки баъдан тамоми рушди шахсият бар онҳо такя мекунад. Дар ин раванд, маҳоратҳои коммуникативӣ, аз ҷумла муошироти шифоҳӣ, фаҳмидани сухани дигарон, дуруст ифода кардани андешаҳо ва қобилияти пешбурди муколама, нақши калидӣ мебозанд. Гуфтан мумкин аст, ки ҳамин малакаҳо ба кӯдак имкон медиҳанд, на танҳо дарсҳоро хуб аз худ кунад, балки ҷойи худро дар гурӯҳ ёбад ва бо дигарон муносибати солим барқарор намояд.

Чунончи академик Лутфуллоев М. таъкид менамояд: “Тарбияи нутқ ва фарҳанги муошират дар синни ибтидоӣ яке аз омилҳои асосии рушди шахсияти кӯдак ба шумор” [88, с. 74].

Аммо татбиқи вазифаҳо, ки ба рушди маҳорати иртиботии хонандагони синни хурд равона шудаанд, талаб мекунад, ки шароити махсуси равонӣ-педагогӣ фароҳам оварда шавад. Ин шароитҳо ба кушодани тавоноии ҳар як кӯдак мусоидат намуда, ташаккули эътимод ба қувваҳои худ ва ҳавасмандии фаъол дар раванди таълимро дастгирӣ мекунанд.

Дар амалияи муосири таълим, ворид намудани шароити равонӣ-педагогӣ дигар танҳо як талаботи назариявӣ нест, балки ба як зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Ин раванд, пеш аз ҳама, бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва технологияҳои муосири таълим алоқаманд мебошад. Чунин усулҳо ба он мусоидат мекунанд, ки хонанда на танҳо шунавандаи одӣ бошад, балки ба иштирокчии фаъоли раванди таълим табдил ёбад.

Масалан, вақте ки дарсҳо бо усулҳои интерактивӣ баргузор мегарданд, хонандагон бештар майл пайдо мекунанд, ки фикри худро баён намоянд, савол диҳанд ва бо ҳамсолони худ мубодилаи андеша кунанд. Дар чунин муҳит ҳамкорӣ бо омӯзгор низ ранги дигар мегирад, яъне он бештар ба як равобити дуҷониба ва эҷодӣ монанд мешавад.

Ба андешаи мо, маҳз ҳамин гуна фазои омӯзишӣ метавонад заминаи мусоид барои рушди шахсият, ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ ва баланд гардидани самаранокии таълим гардад.

Тавре ишора гардида буд, Лев Семёнович Виготский таъкид мекард, ки: “Рушди маърифатии кӯдак дар ҷараёни ҳамкории иҷтимоӣ сурат мегирад ва омӯзиш бояд аз сатҳи имконияти мавҷудаи кӯдак каме пештар бошад (консепсияи «минтақаи наздиктарини рушд»). Ба ибораи дигар, маҳз дар раванди ҳамкорӣ бо дигарон - омӯзгор ё ҳамсолон - кӯдак қобилиятҳои худро фаъолона инкишоф медиҳад” [19, с.254].

Ҳамин равиш хеле дақиқ нишон медиҳад, ки чаро муҳити фаъол, интерактивӣ ва ҳамкорона дар таълим то ин андоза муҳим аст: он на танҳо дониш медиҳад, балки рушди воқеии шахсиятро таъмин мекунад.

Ин бахш ба таҳқиқоти таҷрибавии истифодаи шароити психологӣ-педагогӣ дар раванди таълимӣ махсусан ба рушди маҳоратҳои коммуникатсионии хонандагони синни хурди мактабӣ нигаронида шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлили самаранокии шароити пешниҳодшуда ва таъсири онҳо ба рушди маҳорати муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дар доираи таҷриба усулҳо ва равишҳои гуногун баррасӣ шуданд, ки ба ҳавасмандсозии фаъолиятҳои шифоҳӣ ва ташаккули муносибатҳои байнифардӣ миёни кӯдакони синни хурди мактабӣ равона шудаанд.

Дар рафти таҷриба чунин ҷиҳатҳо таҳлил шуданд: истифодаи шаклҳои бозӣ ва интерактивии таълим, ворид намудани вазъиятҳои муошират ва ҳамкорӣ дар раванди таълим, инчунин эҷоди муҳити дастгирӣ ва ҳавасмандкунанда барои рушди малакаҳои забонӣ. Маълумоти таҷрибавӣ омилҳои асосии мусоидаткунанда ба беҳтаршавии маҳоратҳои коммуникативии хонандагони синни хурдро ошкор карда, тавсияҳо барои ҷорӣ намудани шароити самараноки равонӣ-педагогӣ ба амалияи таълими мактабӣ таҳия намуданд.

Мушоҳидаҳо муайян кардаанд, ки психологияи инсони муосир, аз ҷумла бача, аз психологияи одами асрҳои гузашта фарқ дорад. Ба омӯзиши инкишофи таърихӣ-фарҳангии инсон дар онтогенез илмҳои таърих, фарҳангшиносӣ ва антропология машғуланд. Илми психологияи бачагона ба омӯзиши инкишофи фардӣ, онтогенезии инсон машғул аст, ки дар он вазъи муайяни инкишофи таърихӣ-фарҳангии ӯ дар давраи муайяни филогенез ба вуҷуд меояд. Зарур аст, ки мутахассиси психологияи кӯдакон заминаҳои таърихию фарҳангии инкишофи кӯдакро ба назар гирифта, инкишофи минбаъда, аз ҷумла инкишофи муошırати хонандагони хурдсолро дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Бояд қайд кард, ки инкишофи онтогенезии инсон ба қонунҳои муайяни инкишоф такя менамояд.

Фаъолнокии бачагон яке аз заминаҳои асосии инкишофи психика мебошад, ки тавассути он мактабиёни хурдсол дониш, таҷриба ва малакаҳои насли гузаштаро аз худ намуда, таҷриба ва малакаҳои шахсии худро ҳосил менамояд. Масалан, навиштан, дӯхтан, ҳалли масъалаҳо, муаммоҳо, муҳокимаронӣ ва исбот кардани фикрҳои худро меомӯзад.

Фаъолияти бача ҳангоми шиносоӣ бо олами атроф ва муносибатҳое ба вуҷуд меояд, ки тавассути он равонӣ ва шуур инкишоф меёбад, фаъолият дар бозӣ, меҳнат, машғулиятҳои варзишӣ ва дар раванди омӯхтани хусусиятҳои ашё ба вуҷуд меояд. Дар ҳар як давраи инкишофи синну сол фаъолияти кӯдак аз амали ӯ вобаста буда, кадам ба кадам такмил меёбад. Масалан, ҳаракатҳои дасту пой, рефлексҳо, роҳгардӣ, аз худ кардани нутқ, мустқилона иҷро кардани амалҳои худхизматрасонӣ, якҷоя бозӣ кардан, ба муошрати нутқӣ дохил шудан, дар машғулиятҳо иштирок кардан ва ғ.

Дар инкишофи психикаи хонандаи хурдсол дар ҷараёни таълим таъсири омилҳои биологӣ, муҳити табиӣ, иҷтимоӣ, таълим, тарбия ва фаъолнокии ин гурӯҳи бачагон мавқеи назаррасро соҳиб буда, яке аз қонунҳои асосии икишофи психика - муошират ба омилҳои мазкур алоқаманд аст.

Дар асоси қисмати назариявии таҳқиқотамон ва бо такя ба таҷрибаҳои кории мактабҳои муосири Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷа, дар натиҷаи таҳлили методикаҳо барои муайян намудани роҳҳои ислоҳи мушкилиҳои муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ, методикаҳои зеринро ҷудо намудем: “Дастпӯшакҳо”, «Роҳ ба сӯи хона» ва «Кӣ ҳақ аст».

Методикаи “Дастпӯшакҳо”

**Синну сол**: хонандаи синни хурди мактабӣ (7-10 сола).

**Шакли гузаронидани методика**: кор дар гурӯҳи хурд.

**Усул:** Мушоҳида ва таҳлил.

**Иҷрои супориш**: Ба ду хонанда як тасвири дастпӯшакҳо пешниҳод гардида, хоҳиш карда мешавад яктогӣ дастпӯшакро бо як ранг ё якчанд намуд ранг оро диҳанд.

**Дастурамал:** "Бачаҳо, ҳозир дар назди шумо тасвири як ҷуфт дастпӯшакҳо ва қаламҳои ранга қарор дорад. Дастпӯшакҳоро бояд чунон ранг намуд, ки дар охир онҳо ҷуфт шаванд, барои ин онҳо бояд якхела ё гуногун ранг карда шаванд. Шумо метавонед дилҳоҳ рангро интихоб намоед, барои иҷрои ин супориш шумо метавонед пешакӣ бо ҳамроҳатон маслиҳат намуда, ба кор шуруъ кунед".

**Маводди зарурӣ**: Ба хонандагоне, ки дар гурӯҳҳои хурд қарор доранд, тасвири як ҷуфти дастпӯшакҳо ва қаламҳои ранга пешниҳод мегардад.

**Меъёрҳои баҳогузорӣ**:

– самаранокии кори гурӯҳӣ аз рӯйи монандии нақшу нигор дар ҳар ду дастпӯшакҳо муайян карда мешавад;

– қобилияти ба як хулоса омада тавонистани хонандагон, омодагӣ барои бовар кунонидан ва ғ.;

– тафтиши мутақобила барои муайян намудани он, ки кор дар кадом сатҳ қарор дорад: хонандагон кори якдигарро дида истодаанд, дар ҳолати ба хатогӣ роҳ додани ҳамроҳ чӣ аксуламал нишон медиҳад;

– расонидани ёрӣ дар мавриди иҷрои супориш;

– муносибати эмотсионалӣ ба фаъолияти якҷоя: мусбат (бо шавқи зиёд ба кор ҷалб шудаанд), бетарафона (танҳо дар мавриди зарурӣ ба якдигар муроҷиат менамоянд) ё манфӣ (ба кори якдигар халал нарасонад, доимо дар вақти иҷрои супориш ба баҳсу мунозира машғул мешаванд).

**Меъёрҳои дараҷаи иҷрои супориш**:

1) ***Дараҷаи паст*** – дар нақшу нигор ягонагӣ дида намешавад, дастпӯшакҳо умуман ба якдигар монанд нестанд, кӯдакон ба як фикру ақида омада наметавонанд ва дар фикри худ мустаҳкам қарор надоранд.

2) ***Дараҷаи миёна*** – дар ин ҷо қисман монандкунӣ дида мешавад: шаклҳои алоҳида ба ҳам монанд мешаванд (ранг ва ё шакли яке аз ҷузъиёт), вале дар ин ҷо низ фарқ дида мешавад.

3) ***Дараҷаи баланд*** – дар ин ҳолат дастпӯшакҳо хеле ба ҳам монанд мешаванд, хонандагон дар рафти озмоиш бо ҳам маслиҳат менамоянд, тавсия медиҳанд.

Методикаи мутобиқшудаи Сукерман Г.А. барои хонандагони синни хурди мактабӣ “Кӣ ҳақ аст?”.

**Мақсади супориш**: муайян намудани дараҷаи ташаккули амалҳо, барои муайян намудани мавқеи ҳамсуҳбат равона карда шудааст.

**Тарзи гузаронидан**: суҳбати инфиродӣ бо хонандагон.

Маводди зарурӣ: се варақ бо матни супориш.

**Иҷрои супориш**: ба хонандагон бонавбат матни се супоришро медиҳанд ва саволҳоро пешниҳод менамоянд.

**Матни 1.**

Манучеҳр расми аждаҳои се сар доштаро дар варақ тасвир карда, ба дӯстонаш нишон дод. “Воҳ, ин қадар зебо кашидӣ!” - гуфт Анвар. “Воооой ин қадар даҳшатангез!” - ба ҳайрат омада гуфт Самандар.

Ту чӣ фикр дорӣ, кадоме ҳақанд? Чаро Самандар ин хел гуфт? Анвар чӣ? Манучеҳр дар бораи чӣ фикр кард? Манучеҳр ба бачаҳо чӣ мегӯяд? Агар дар ҷойи Анвар ва Самандар мебудӣ, ту чӣ мегуфтӣ? Барои чӣ?

**Матни 2.**

Баъд аз мактаб се дугона якҷоя тайёр намудани дарсҳоро маслиҳат карданд.

– Аввал супоришҳои аз фанни математика додашударо ҳал мекунем, - гуфт Умеда.

– Не, бояд аз супоришҳои фанни забони модарӣ корро оғоз намоем, - пешниҳод кард Фарида.

– Не, дар аввал мо бояд шеърро аз ёд кунем, - гуфт Ирода.

– Ту чӣ фикр дорӣ, кадоме ҳақ аст? Барои чӣ? Чӣ тавр онҳо интихоби худро фаҳмониданд?

**Матни 3.**

Ду хоҳарон барои интихоби туҳфа ба бародари хурдиашон, ки зодрӯз дошт, рафтанд.

– Биё, ин бозии лоторо ба ӯ бихарем, - таклиф кард Лола.

– Не, хубтар мешавад, ки дучарха туҳфа намоем, - гуфт Анора.

Ту чӣ фикр дорӣ, кадоме ҳақ аст? Барои чӣ? Хоҳарон интихоби худро чӣ тавр фаҳмониданд? Барои туҳфа ту чиро тавсия медодӣ?

**Меъёрҳои баҳодиҳӣ**:

1. Оид ба мавҷудияти нуқтаи назари фарқкунанда ба як ашё ё ба як зуҳуротро медонад.

2. Мавқеи дигаронро дарк менамояд, ки аз фикру ақидаи ӯ қомилан фарқ дорад.

3. Ба инобат гирифтани мавқеъҳои гуногун ва қобилияти ҷудо карда тавонистани мавқеи худ.

4. Ба инобат гирифтани шавқу ҳавас ва талаботи гуногун.

**Меъёрҳои баҳогузорӣ**:

***Дараҷаи паст:*** эҳтимоли мавҷуд будани нуқтаи назари дигарро дарк наменамояд; мавқеи яке аз нақшҳои матнро пайгирӣ менамояд, фикр мекунад, дигар нақшҳо дар ин ҷо комилан ноҳақанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки хонанда оид ба мавҷудияти нуқтаи назари фарқкунанда дар баҳогузорӣ ҳамон як ашёро инкор менамояд.

***Дараҷаи миёна*** - хонанда оид ба мавҷудияти ҷавобҳои гуногун маълумот дорад ва онҳоро ба таври ба худ хос натиҷагирӣ менамояд. Вале дар ҷараёни фаҳмондадиҳии ҷавобҳои худ, дар ӯ мушкилӣ дида мешавад.

***Дараҷаи баланд***: хонанда бахогузории гуногунро барои интихоб мефаҳмад ва қабул менамояд. Хусусиятҳои фарқкунандаи нақшҳоро ба

инобат гирифта метавонад ва дар баробари ин фикру ақидаи худро нисбати ҷавобҳо мегӯяд ва асоснок карда метавонад.

Методикаи «Роҳ ба сӯи хона».

**Тарзи гузаронидан**: мушоҳида ва таҳлил.

**Рафти иҷрои супориш**: ба ҷуфти хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки пушташонро ба пушти ҷуфти худ гардонида шинанд. Ба яке аз хонандагон варақа бо тасвири "Роҳ ба сӯи хона"-ро пешниҳод менамоянд (замима). Барои хонандаи дуюм бошад - варақа бо нуқтаҳои махсус (замима). Хонандае, ки варақаи роҳ ба сӯи хонаро дорад, ба ҷуфти худаш - варақаи нуқтаҳои махсус дорад, роҳи хонаро гуфта меистад, ҷуфташ бошад, дар нуқтаҳо тахмин карда роҳро ёбад. Аз тарафи озмоишгар додани саволҳо иҷозат дода мешавад, вале ба варақаи якдигар нигоҳ карданро таҳқиқ менамояд. Баъд аз ба анҷом расидани озмоиш, хонандагон метавонанд ҷои худро иваз намуда, роҳи нав ба сӯи хонаро дар варақа тасвир кунанд.

**Маводди зарурӣ**: маҷмуи ду варақа бо тасвири роҳи сӯйи хона ва ду варақа бо нуқтаҳои махсус, ручка ва ё қалам.

**Меъёрҳои баҳогузорӣ**:

– самтҳои тасвиршудаи хонандагон бо намуна монандӣ дорад;

– хонандаи бо суханҳои бурро ва фаҳмо барои ҷуфташ мефаҳмонад, ки ба кадом самт ҳаракат намояд;

– саволҳои мувофиқ пешниҳод намуда метавонад, ки донад ба кадом самт ҳаракат намояд;

– худро идора карда метавонад ва ба ҳамдигар кумак мерасонад;

– дар рафти иҷрои супориш муносибати эмотсионалиро нишон медиҳад: мусбат (бо шавқу рағбати баланд корро иҷро менамояд), нейтралӣ (аз рӯйи ноилоҷӣ бо ҷуфташ ҳамкорӣ менамояд), манфӣ.

**Дараҷаи баҳогузорӣ**:

– ***дараҷаи паст*** - роҳ сохта нашуд ва ё ба намуна монанд нашуд; саволҳо берун аз супориш дода мешавад ва ё барои ҳамкор нофаҳмо гуфта мешавад.

– ***дараҷаи миёна*** - қисман ба намуна монандӣ дорад; супоришҳои шифоҳӣ қисман иҷро карда мешаванд; саволҳо вобаста ба дастурамал тартиб дода мешаванд; қисман байни ҳамкорон якдигарфаҳмӣ дида мешавад.

– ***дараҷаи баланд*** - самти роҳ пурра бо намуна мувофиқат менамояд; дар мавриди муошırати шифоҳӣ байни ҳамкорон ҳамдигарфаҳмӣ дида мешавад. Дар анҷоми кор хонандагон метавонанд, маҳсули кори худро бо намуна тафтиш намоянд.

Методикаҳои овардашуда барои таҳлили фаъолияти муошират аз нуқтаи назари ташхиси психологӣ дида баромада шуд.

Бо мақсади омӯзиш ва ошкор намудани роҳҳои ислоҳи мушкилоти муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ, хонандагони синфи 2-юми МТМУ №7, 11, 10, 9-и шаҳри Душанбе, ки дар умум 100 нафарро ташкил медоданд, интихоб шуданд.

Пеш аз оғоз намудани таҳқиқот вобаста ба роҳҳои таъсири муошират дар фаъолияти таълим ба психикаи хонандагони синни хурди мактабӣ се намуди методикаро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудем. Пас аз омода кардани маводди зарурӣ бо мақсади шиносоӣ бо озмоишшавандагон ба синфхона рафта, бо онҳо шинос шудем ва дӯстӣ барқарор намудем, ҳадафи худро баён намуда, барои ҳамкорӣ розигии онҳоро гирифтем.

Барои гузаронидани ташхис методикаҳои ба ҳамин синну сол мутобиқшуда интихоб карда шуд:

1. Методикаи “Кӣ ҳақ аст?” барои муайян намудани фаъолияти муташаккил ва ба эътибор гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат равона гардидааст.

2. Методикаи “Дастпӯшакҳо” барои ба роҳ мондани муоширати байниҳамдигарӣ дар хонандагон равона гардидааст.

3. Методикаи “Роҳ ба сӯи хона” барои муайян намудани малакаҳои қабул ва таҳлили иттилоот нигаронида шудааст.

Методика дар истифода сода буда, барои муайян намудани мушкилоти муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ равона карда шудааст.

Методикаҳои психологӣ - педагогии таҳқиқот: тест, мушоҳида, суҳбат ва таҳлили натиҷаи супоришҳои додашуда.

**Шакли фаъолият**: инфиродӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ.

Маводди методӣ аз рӯйхати методикаҳои ташхисӣ барои хонандагони синни аз 7 то 9-соларо дар бар мегирад.

Ташхис ва ҷустуҷӯи роҳҳои ислоҳи мушкилоти муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ (синфи 2 “А”) аз арзёбии дараҷаи ташаккули амалҳое оғоз гардид, ки ба дарки мавқеи ҳамсуҳбат равона шудаанд. Ба ибораи дигар, мо кӯшиш кардем фаҳмем, ки хонандагон то чӣ андоза омодаанд мавҷудияти нуктаи назари гуногунро қабул кунанд ва дар рафти муошират ба фикру эҳсоси дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Мақсади асосии ташхис муайян намудани сатҳи қабули гуногунандешӣ дар муошират буд. Яъне, оё хонанда метавонад андешаи дигаронро бишнавад, онро дарк кунад ва дар баробари ин, фикри худро ба таври дуруст баён намояд? Ҳамчунин, муҳим буд, ки то чӣ андоза онҳо хоҳишу талаботи ҳамсуҳбатро ба назар мегиранд ва дар ҷараёни суҳбат чандирӣ нишон медиҳанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот мо аз методикаи “Кӣ ҳақ аст?” истифода бурдем. Ин усул махсус барои муайян кардани дараҷаи фаъолияти муташаккил ва қобилияти ба инобат гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат равона шудааст. Бояд гуфт, ки натиҷаҳо то андозае интизоршаванда буданд, аммо баъзе ҷанбаҳо ҳам диққатҷалбкунанда баромаданд.

Натиҷаҳои бадастомада дар ҷадвали 2 ва диаграммаи 1 инъикос ёфтаанд, ки онҳо имкон медиҳанд, тасвири равшантаре аз сатҳи ташаккули малакаҳои муоширатии хонандагон ба даст оварда шавад.

**Диаграммаи 1.**




**Муайян намудани ташкили фаъолият барои ба инобат гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат**

**Ҷадвали 2.**

**Ташхис барои муайян намудани ташкили фаъолият, барои ба инобат гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат**

| Озмудашавандагон (бо рақам ифода мегарданд) | Дараҷаи паст | Дараҷаи миёна | Дараҷаи баланд |
|---|---|---|---|
| 1. | 1 | - | - |
| 2. | 1 | - | - |
| 3. | - | 2 | - |
| 4. | - | - | 3 |
| 5. | - | - | 3 |
| 6. | - | - | 3 |
| 7. | - | - | 3 |
| 8. | - | 2 | - |
| 9. | - | - | 3 |
| 10. | - | - | 3 |

**Идомаи ҷадвали 2. Ташхис барои муайян намудани ташкили фаъолият, барои ба инобат гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11. | - | 2 | - |
| 12. | - | - | 3 |
| 13. | - | 2 | - |
| 14. | - | 2 | - |
| 15. | - | - | 3 |
| 16. | - | 2 | - |
| 17. | - | - | 3 |
| 18. | - | 2 | - |
| 19. | - | 2 | - |
| 20. | - | - | 3 |
| 21. | - | 2 | - |
| 22. | - | - | 3 |
| 23. | - | 2 | - |
| 24. | - | 2 | - |
| 25. | | 2 | |
| 26. | | 2 | |
| 27. | | 2 | |
| 28. | 1 | | |
| 29. | 1 | | |
| 30. | | | 3 |
| 31. | | | 3 |
| 32. | | 2 | |
| 33. | | 2 | |
| 34. | | | 3 |
| 35. | | | 3 |
| 36. | | | |
| 37. | | 2 | |
| 38. | | 2 | |
| 39. | | 2 | |
| 40. | | 2 | |
| 41. | | | 3 |
| 42. | 1 | | |
| 43. | 1 | | |
| 44. | 1 | | |
| 45. | | 2 | |
| 46. | | 2 | |
| 47. | | 2 | |
| 48. | | | 3 |
| 49. | | | 3 |
| 50. | | | 3 |
| 51. | | | 3 |
| 52. | 1 | - | - |
| 53. | 1 | - | - |
| 54. | - | 2 | - |
| 55. | - | - | 3 |
| 56. | - | - | 3 |
| 57. | - | - | 3 |

**Идомаи ҷадвали 2. Ташхис барои муайян намудани ташкили фаъолият, барои ба инобат гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 58. | - | - | 3 |
| 59. | - | 2 | - |
| 60. | - | - | 3 |
| 61. | - | - | 3 |
| 62. | - | 2 | - |
| 63. | - | - | 3 |
| 64. | - | 2 | - |
| 65. | - | 2 | - |
| 66. | - | - | 3 |
| 67. | - | 2 | - |
| 68. | - | - | 3 |
| 69. | - | 2 | - |
| 70. | - | 2 | - |
| 71. | - | - | 3 |
| 72. | - | 2 | - |
| 73. | - | - | 3 |
| 74. | - | 2 | - |
| 75. | - | 2 | - |
| 76. | | 2 | |
| 77. | | 2 | |
| 78. | | 2 | |
| 79. | 1 | | |
| 80. | 1 | | |
| 81. | | | 3 |
| 82. | | | 3 |
| 83. | | 2 | |
| 84. | | 2 | |
| 85. | | | 3 |
| 86. | | | 3 |
| 87. | | 2 | |
| 88. | | 2 | |
| 89. | | 2 | |
| 90. | | 2 | |
| 91. | | | 3 |
| 92. | 1 | | |
| 93. | 1 | | |
| 94. | 1 | | |
| 95. | | 2 | |
| 96. | | 2 | |
| 97. | | 2 | |
| 98. | | | 3 |
| 99. | | | 3 |
| 100. | | | 3 |
| 101. | | | 3 |

Тавре ки аз натиҷаҳои дар диаграмма пешниҳодшуда бармеояд, сатҳи ташаккули фаъолияти муташаккилӣ ва қобилияти ба эътибор гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат дар байни хонандагони синфи 2 "А" гуногун буда, ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мегардад: паст, миёна ва баланд.

Аввалан, бояд қайд намуд, ки ҳиссаи хонандагони дорои дараҷаи паст 14%-ро ташкил медиҳад. Гарчанде ин нишондиҳанда нисбатан кам аст, аммо аз нигоҳи педагогӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ин гурӯҳ одатан дар муошират чандон чандир нест, бештар ба як нуқтаи назар такя мекунад ва дар қабул ё дарки мавқеи дигарон мушкилӣ мекашад. Ба ибораи дигар, онҳо ҳанӯз малакаҳои кофии ҳамкорӣ ва шунидани фикри дигаронро пурра аз худ накардаанд.

Дар навбати худ, қисми асосии хонандагон ба дараҷаи миёна дохил мешаванд, ки 46%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда равшан менамояд, ки қариб нисфи синф дар марҳилаи гузариш қарор дорад. Яъне, онҳо мавҷудияти фикру андешаҳои гуногунро дарк мекунанд ва то андозае кӯшиш мекунанд мавқеи ҳамсуҳбатро ба назар гиранд. Аммо, тавре таҷриба нишон медиҳад, дар амал онҳо на ҳамеша метавонанд фикри худро асоснок намоянд ё ба таври мантиқӣ ҳимоя кунанд. Ин ҳолат бештар ба сатҳи рушди нутқ, захираи луғавӣ ва таҷрибаи муошырати иҷтимоӣ вобаста аст.

Ҳамзамон, 40% хонандагон сатҳи баланд нишон додаанд. Ин гурӯҳ қобилияти хуби коммуникативӣ дошта, метавонад мавқеъҳои гуногунро дарк ва қабул намояд. Онҳо одатан дар муошират фаъоланд, фикру андешаҳои худро озодона баён мекунанд ва дар ҳамкорӣ бо дигарон мушкилоти ҷиддӣ надоранд. Ин нишон медиҳад, ки дар онҳо малакаҳои ҳамкории иҷтимоӣ ва фаъолияти муташаккилӣ нисбатан хуб ташаккул ёфтааст.

Дар маҷмуъ, таҳлил нишон медиҳад, ки:

- қисми зиёди хонандагон (86%) дар сатҳи миёна ва баланд қарор доранд, ки нишондиҳандаи мусбат аст;

- бо вуҷуди ин, бартарии сатҳи миёна (46%) нишон медиҳад, ки раванди ташаккули малакаҳои коммуникативӣ ҳанӯз пурра ба анҷом нарасидааст;
- мавҷудияти гурӯҳи дорои сатҳи паст (14%) зарурати коркарди мақсадноки педагогиро талаб мекунад.

Ташаккули қобилияти ба эътибор гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат дар хонандагони синни хурди мактабӣ раванди марҳилавӣ мебошад. Гарчанде қисми назарраси хонандагон аллакай ба сатҳи миёна ва баланд расидаанд, ҳанӯз ҳам зарурати истифодаи усулҳои интерактивӣ, машқҳои коммуникативӣ ва ташкили фаъолияти ҳамкорона барои рушди минбаъдаи ин малакаҳо боқӣ мемонад.

Ба андешаи мо, диққати махсус бояд ба гурӯҳи дорои сатҳи паст равона карда шавад, зеро маҳз онҳо ба дастгирии бештар ниёз доранд. Дар баробари ин, бо гурӯҳи сатҳи миёна низ кор бояд идома ёбад, то онҳо тадриҷан ба сатҳи баланд гузаранд.

**Ҷадвали 3.**

**Ташхис барои муайян намудани малакаҳои мутташаккилии муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон**

| Озмудашавандагон (бо рақам ифода мегарданд) | Самаранокии корҳои якҷоя | Қобилияти муросонамоӣ | Санҷиши якдигар | Ёрии мутақобила | Муносибати эмотсионалӣ ба фаъолияти якҷоя |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 2. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 3. | 2 | 3 | 2 | 3 | 2 |
| 4. | 3 | 3 | 2 | 2 | 3 |
| 5. | 3 | 2 | 3 | 3 | 3 |
| 6. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 7. | 3 | 2 | 2 | 3 | 3 |

**Идомаи ҷадвали 3. Ташхис барои муайян намудани малакаҳои мутташаккилии муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 9. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 10. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 11. | 2 | 2 | 2 | 1 | 2 |
| 12. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 13. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 14. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 15. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 16. | 3 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 17. | 3 | 3 | 1 | 3 | 2 |
| 18. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 19. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 20. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 21. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 22. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 23. | 2 | 3 | 2 | 3 | 2 |
| 24. | 2 | 1 | 2 | 2 | 2 |
| 25. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 26. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 27. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 28. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 29. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 30. | 3 | 3 | 3 | 2 | 2 |
| 31. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 32. | 2 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 33. | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 |
| 34. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 35. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 36. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 37. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 38. | 3 | 3 | 3 | 2 | 2 |
| 39. | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 |
| 40. | 2 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 41. | 2 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 42. | 2 | 2 | 3 | 2 | 1 |
| 43. | 2 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 44. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 45. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 46. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 47. | 2 | 2 | 2 | 3 | 2 |
| 48. | 3 | 2 | 2 | 3 | 2 |
| 49. | 2 | 2 | 2 | 2 | 1 |
| 50. | 3 | 2 | 2 | 3 | 2 |
| 51. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 52. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 53. | 2 | 3 | 2 | 3 | 2 |
| 54. | 3 | 3 | 2 | 2 | 3 |

**Идомаи ҷадвали 3. Ташхис барои муайян намудани малакаҳои муташаккилии муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 55. | 3 | 2 | 3 | 3 | 3 |
| 56. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 57. | 3 | 2 | 2 | 3 | 3 |
| 58. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 59. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 60. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 61. | 2 | 2 | 2 | 1 | 2 |
| 62. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 63. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 64. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 65. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 66. | 3 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 67. | 3 | 3 | 1 | 3 | 2 |
| 68. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 69. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 70. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 71. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 72. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 73. | 2 | 3 | 2 | 3 | 2 |
| 74. | 2 | 1 | 2 | 2 | 2 |
| 75. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 76. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 77. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 78. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 79. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 80. | 3 | 3 | 3 | 2 | 2 |
| 81. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 82. | 2 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 83. | 1 | 1 | 2 | 2 | 1 |
| 84. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 85. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 86. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 87. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 88. | 3 | 3 | 3 | 2 | 2 |
| 89. | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 |
| 90. | 2 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 91. | 2 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 92. | 2 | 2 | 3 | 2 | 1 |
| 93. | 2 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 94. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 95. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 96. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 97. | 2 | 2 | 2 | 3 | 2 |
| 98. | 3 | 2 | 2 | 3 | 2 |
| 99. | 2 | 2 | 2 | 2 | 1 |
| 100. | 3 | 2 | 2 | 3 | 2 |

Аз таҳлили натиҷаҳои ба даст овардашуда хулосаи зеринро баровардан мумкин аст:

– дараҷаи пасти ташаккули малакаи дар ҷуфтҳо кор карданро дар 14 нафар мушоҳида намудем, ки ин 10%-ро ташкил дод. Дар нақшу нигори интихобнамудаи онҳо фарқҳои амиқ дида мешуд; хонандагон ба як хулоса омада наметавонистанд ё нуқтаи назари худро баён карда наметавонистанд;

**Диаграммаи 2. Муайян намудани малакаҳои муташаккилии муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон**




– дараҷаи миёнаи ташаккули маҳорати кор дар ҷуфтҳоро дар 50 нафар мушоҳида кардем, ки 62%-ро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо як шабоҳати қисман вуҷуд дошт: тафсилоти гуногун (ранг ё шакли ҷузъиёти инфиродӣ) ба ҳамдигар чандон монанд набуданд;

– дараҷаи баланди ташаккули малакаи дар ҷуфтҳо кор карданро дар 28 нафар мушоҳида намудем, ки 28%-ро ташкил дод. Дастпӯшакҳо якхелаанд ё ҷузъиёт монанд буданд; хонандагон варианти нақшу нигори дастпӯшакҳоро фаъолона музокира намуданд; барои ранг намудани дастпӯшакҳо ба як қарор омаданд; фаъолияти якҷояро ба роҳ монда тавонистанд.

Аз рӯйи ҷамъбасти натиҷаҳои методикаи мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бештари хонандагони синфи озмоишӣ дар байни худ робита барқарор карда метавонанд: тарзи гӯш кардан ва дарк намудани ҳамсуҳбат, оид ба масъалаҳои ҷорӣ нуқтаи назари худро баён карда тавонистан, бо ҳамсинфони худ ба муросо омадан, қобилияти аз ҷабҳаҳои дигар ба вазъият нигоҳ карда тавонистан, ба даст овардани роҳи ҳалли мушкилии ба ҳама қулай, пешниҳод намудани саволҳои мувофиқ барои гирифтани ҷавоби аниқ, муносибати эмотсионалӣ нисбат ба кори гурӯҳӣ руҳбаландона буд ва ҳамаи хонандагон супоришро бо як майли том иҷро намуданд.

Марҳилаи охирини таҳқиқот гузаронидани ташхиси муайяннамоии дараҷаи муташаккилии малакаҳои якҷоя амал карда тавонистани хонандагон дар мавриди бо ёрии дастури шифоҳӣ; қобилияти ҷудо намудан ва тариқи шифоҳӣ ба ҷуфти худ расонидани маълумоти асосӣ барои расидан ба мақсад дар рафти фаъолияти якҷоя маҳсуб меёбанд.

Таҳқиқоти додашуда аз рӯйи методикаи Сукерман Г.А. "Роҳ ба сӯйи хона" гузаронида шуд (ҷадвали 4 ва диаграммаи 3).

Барои таҳлили корҳои иҷрошудаи хонандагон, маълумоти ба даст овардашударо тариқи ҷадвали баҳогузорӣ аз 1 то 3 пешниҳод менамоем, ки дар ин ҷо: 1 - дараҷаи паст, 2 - дараҷаи миёна, 3 - дараҷаи баланд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

– дараҷаи пастро дар 32%-и хонандагон мушоҳида намудем. Дар вақти иҷрои супориш, дар кори ҷуфтӣ самтҳои пешниҳоднамудаи онҳо нодуруст буд ва умуман ба намуна мувофиқат намекард; фармонҳое, ки барои сохтани роҳ ба сӯи хона дода мешуд, куллан нодуруст буд; саволҳои пешниҳодшаванда берун аз мавзуъ буда, барои самтгирии иҷрокунанда мушкилиро ба миён меовард;

– дараҷаи миёнаро дар 37%-и хонандагон мушоҳида намудем. Дар рафти таҳқиқот дар натиҷаҳои ин хонандагон мувофиқатии начандон дуруст бо самтгирии роҳи хона мушоҳида шуд; хонандагон кӯшиш

мекарданд, ки аз рӯйи дастурамал кор баранд; саволҳое, ки барои иҷрои супориш аз тарафи ҷуфташ дода мешуд, на он қадар саҳеҳу равшан буд, аз ҳамин сабаб низ дар самтгирии роҳи хона каме ба душворӣ рӯ ба рӯ шуданд; дар ин гурӯҳи хонандагон қисман якдигарфаҳмӣ ба назар расид;

**Ҷадвали 4. Ташхис барои муайяннамоии малакаҳои қабул ва таркибнамоии иттилоот**

| Озмудашавандагон (бо рақам ифода мегарданд) | Самаранокии корҳои якҷоя | Қобилияти нақл кардан | Савол дода тавонистан | Ёрии мутақобила | Муносибати эмотсионалӣ ба фаъолияти якҷоя |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 2. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 3. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 4. | 3 | 2 | 2 | 3 | 3 |
| 5. | 2 | 2 | 3 | 3 | 3 |
| 6. | 3 | 3 | 2 | 3 | 3 |
| 7. | 3 | 2 | 3 | 2 | 3 |
| 8. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 9. | 3 | 3 | 2 | 1 | 2 |
| 10. | 2 | 1 | 3 | 3 | 3 |
| 11. | 2 | 3 | 2 | 2 | 3 |
| 12. | 2 | 2 | 2 | 3 | 3 |
| 13. | 3 | 1 | 1 | 3 | 3 |
| 14. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 15. | 2 | 3 | 3 | 3 | 2 |
| 16. | 2 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| 17. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 18. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 19. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 20. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 21. | 3 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 22. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 23. | 2 | 3 | 3 | 2 | 2 |
| 24. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 25. | 1 | 2 | 1 | 1 | 1 |
| 26. | 2 | 3 | 2 | 3 | 2 |
| 27. | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 |

**Идома ҷадвали 4. Ташхис барои муайяннамоии малакаҳои қабул ва таркибнамоии иттилоот**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 28. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 29. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 30. | 3 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 31. | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 |
| 32. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 33. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 34. | 2 | 2 | 2 | 1 | 2 |
| 35. | 3 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| 36. | 2 | 1 | 2 | 1 | 1 |
| 37. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 38. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 39. | 3 | 3 | 2 | 2 | 3 |
| 40. | 2 | 3 | 3 | 2 | 3 |
| 41. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 42. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 43. | 3 | 2 | 3 | 3 | 2 |
| 44. | 2 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| 45. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 46. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 47. | 3 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| 48. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 49. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 50. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 51. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 52. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 53. | 3 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 54. | 3 | 2 | 2 | 3 | 3 |
| 55. | 2 | 2 | 3 | 3 | 3 |
| 56. | 3 | 3 | 2 | 3 | 3 |
| 57. | 3 | 2 | 3 | 2 | 3 |
| 58. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 59. | 3 | 3 | 2 | 1 | 2 |
| 60. | 2 | 1 | 3 | 3 | 3 |
| 61. | 2 | 3 | 2 | 2 | 3 |
| 62. | 2 | 2 | 2 | 3 | 3 |
| 63. | 3 | 1 | 1 | 3 | 3 |
| 64. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 65. | 2 | 3 | 3 | 3 | 2 |
| 66. | 2 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| 67. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 68. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 69. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 70. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |
| 71. | 3 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 72. | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| 73. | 2 | 3 | 3 | 2 | 2 |
| 74. | 2 | 3 | 2 | 2 | 2 |

## Идома чадвали 4. Ташхис барои муайяннамоии малакаҳои қабул ва таркибнамоии иттилоот

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 75. | 1 | 2 | 1 | 1 | 1 |
| 76. | 2 | 3 | 2 | 3 | 2 |
| 77. | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 |
| 78. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 79. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 80. | 3 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 81. | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 |
| 82. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 83. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 84. | 2 | 2 | 2 | 1 | 2 |
| 85. | 3 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| 86. | 2 | 1 | 2 | 1 | 1 |
| 87. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 88. | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 89. | 3 | 3 | 2 | 2 | 3 |
| 90. | 2 | 3 | 3 | 2 | 3 |
| 91. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 92. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 93. | 3 | 2 | 3 | 3 | 2 |
| 94. | 2 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| 95. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 96. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 97. | 3 | 2 | 2 | 2 | 3 |
| 98. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 99. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 100. | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |

## Диаграммаи 3. Муайяннамоии малакаҳои қабул ва таркибнамоии иттилоот



– дараҷаи баландро дар 31%-и хонандагон мушоҳида намудем. Дар мавриди сохтани харитаи роҳи хона дар ин хонандагон мувофиқат бо намуна дида мешуд; дар ҷараёни иҷрои супориш хонандагон бо ҳам муоширaт менамуданд ва барои расидан ба мақсад саволҳои мувофиқро пешкаши якдигар менамуданд; ҷойгиршавии нуқтаҳо дар варақа дуруст ба ҷуфти худ расонида шуд, дар рафти иҷроиш ба дастурамал такя намуданд ва дар ин хонандагон фаъолӣ нисбат ба дигар хонандагон бештар мушоҳида мешуд; дар ҷамъбасти супориш бо хоҳиши худи хонандагон варақаҳои иҷроиши супориш бо намуна мувофиқа карда шуд.

Дар асоси натиҷаҳои ташхиси гузаронида шуда чунин хулоса бароварда мешавад:

– дараҷаи пасти инкишофи малакаҳои муошират аз он далолат медиҳад, ки соҳаи ҳавасмандкунии ин хонандагон ба дараҷаи нокифоя ташаккул ёфтааст. Ҳамаи супоришҳоро бо дили нохоҳам иҷро намуданд. Дар ин хонандагон хусусияти фаъолият бештар импулсивӣ буда, зиёдтар харакатҳои эмотсионалиро зоҳир менамуданд. Онҳо дар рафти иҷро намудани супоришҳои додашуда, нисбат ба дастурамал, иҷрои супориш ва нисбат ба ҳамсинфон агрессия (негативизм) нишон доданд. Инчунин дар онҳо мушкилӣ дар ёфтани роҳи ибрози ақида ба миён меомад, онҳо фикри худро ба дигарон дуруст фаҳмонда наметавонистанд, саволҳоро дуруст пешниҳод карда наметавонистанд. Дар баробари ин, ягон супориши ба онҳо додашударо то ба охир расонида натавонистанд, ин аз он далолат медиҳад, ки дар хонандагони ин гурӯҳ дараҷаи баланди хасташавӣ мавҷуд аст;

– супоришҳо дар хонандагони гурӯҳи дуюм, яъне дараҷаи миёнаи инкишофи малакаҳои муошират, пурра аз рӯйи дастурамал гузаронида мешуд, вале бе ягон завқ. Аз ҳама мушкилтар ба ин гурӯҳи хонандагон иҷро намудани методикаи “Роҳ ба сӯи хона» ва қисман гузаронидани ташхиси «Кӣ хақ аст?” буд. Аз сабаби маҳдуд будани захираи луғавӣ

пешниҳод намудани саволҳо барои иҷрои фаъолият мушкилиро ба миён овард. Ба хонандагон асоснок намудани фикрҳои худ ба душворӣ ба даст омад, аз ин лиҳоз пурра дарк нашудани ҷуфти худ ба қисман нодуруст иҷро шудани супориш оварда расонд. Вале ба мушкилиҳо нигоҳ накарда, хонандагон кӯшиш менамуданд, ки супоришро то ба охир расонанд ва барои расидан ба мақсад ба дигар ҳамсинфони худ кумак мерасониданд;

– дар гурӯҳи сеюм, яъне дараҷаи баланди инкишофи малакаҳои муошират, хонандагон на танҳо дар вақти иҷрои супориш ҳамаи вазифаҳои дар пеш гузошташударо иҷро намуданд, балки дар рафти иҷро оид ба фарқ намудани фикру ақидаҳо маълумот доштанд ва нуқтаи назари дигаронро низ ба инобат мегирифтанд. Дар рафти кор дар ҷуфтҳо хонандагон ҳамдигарфаҳмии пурраро ба даст оварда, барои ба даст овардани натиҷа фаъолияти якҷояро ба роҳ монда тавонистанд. Хонандагони мазкур дар анҷоми кор бо ташаббуси худ фаъолияти иҷронамудаи худро бо намуна (тасвири самти роҳи хона) муқоиса намуданд.

Дар маҷмуъ, хонандагон натиҷаи хуби инкишофи малакаҳои муоширатро нишон доданд.

Хонандагони синфи 2 “А” ташхиси гузаронидашударо хуб қабул намуданд ва ба омӯзгори нав (озмоишгар) бо ҳайрат нигоҳ мекарданд. Қисми зиёди хонандагон бе ягон мушкилӣ аз раванди таълим ба дигар фаъолият гузашта тавонистанд. Онҳо бо майли том бо якдигар муошират менамуданд. Дар масъалаҳои ҳалталаб, ҳангоми ба миён омадани баҳсу мунозира, бе ягон мушкилӣ фикру ақидаи дигаронро ба инобат мегирифтанд. Дар рафти бозии “Роҳ ба сӯи хона” як қисми хонандагон кӯшиш менамуданд, ки саволҳои водоркунанда барои расидан ба мақсад диҳанд, гурӯҳи дигар бошад, барои расидан ба мақсади умумӣ кӯшиш менамуд, ки ҳар чӣ фаҳмотар ҷавобҳои худро пешниҳод намоянд. Супориши “Дастпӯшакҳо” аз ҷиҳати эмотсионалӣ ба хонандагон шавқу завқи зиёд бахшид, зеро дар мавриди иҷро намудани

супориши мазкур ба хонандагон озодии фаъолияти эҷодиро талаб менамуд. Дар интихоби ранг ва нақшу нигор бачагон озод буданд. Умуман, муносибати эмотсионалии синф ба фаъолият хело ҳам мусбат буд.

Яке аз омилҳои асосии таълиму тарбияи фарзандон ин ҷалби волидон ба ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб мебошад. Оила аввалин муҳити иҷтимоие мебошад, ки бача дар он ба воя мерасад, таълиму тарбия мегирад, минбаъд дар боғча ва мактаб ташаккули минбаъдаи ӯ давом мекунад. Дар ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб робитаи байни волидон - омӯзгор - хонанда басо муҳим аст, зеро ин робитаи мушкилиҳои муносибатро танзим менамояд. Таълим дар мактаб на танҳо гирифтани дониш, инчунин ташаккул додани шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мебошад. Муваффақияти раванди таълим аз он иборат аст, ки чӣ тавр муносибатҳо дар байни омӯзгор - волидон - хонанда ба роҳ монда мешаванд.

Барои омӯзиши муносибатҳои байни хонанда - омӯзгор - волидон бо волидони озмудашавандагон пурсишнома гузаронида шуд. Пурсишнома аз 20 савол иборат аст. 6 саволи аввал марбут ба таваҷҷуҳи волидон ба инкишофи фарзандони худ ва мазмуни таълим. Саволҳои дигар оид ба ҳавасмандгардонии хонанда ба ҷараёни таълим, доир ба реҷаи рӯзи хонандагон ва огоҳии волидон аз он, то кадом дараҷа фарзандон бо волидони худ аз рӯзи гузарондаи худ суҳбат мекунанд, роҷеъ ба хоҳиши ба мактаб рафтан, фанҳое, ки бо осонӣ ва душворӣ аз худ карда мешаванд. Инчунин, тавсияҳои волидон дар бобати беҳтар гардидани ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб бо итифодаи пурсишномаҳо пешниҳод гардид. Баъдан ҷавобҳои волидон таҳлил карда шуда, дар диаграммаҳои 4-12 оварда шуданд.

**Диаграммаи 4. Иштирокчиёни пурсишнома**




**Диаграммаи 5. Маълумоти иштирокчиёни пурсишнома**




Маълумоти волидон бо он сабаб ба назар гирифта шуд, ки шахси соҳибмаълумот хусусиятҳои синнусолии фарзандро ба эътибор гирифта, дар бартараф намудани мушкилиҳои онҳо кумак мерасонанд.

Таҳлили пурсишнома нишон медиҳад, ки дар маҷмуъ волидон нисбат ба таълиму тарбияи фарзандашон муносибати хуб доранд ва бетараф нестанд.

**Диаграммаи 6. Натиҷаи кумак расонидан ба фарзанд дар иҷрои вазифаи хонагӣ**




Таҳлили ҷавобҳои баъзе волидон нишон медиҳад, ки онҳо бояд ба фарзандони худ муносибати дурустро барқарор намоянд, дар ҷараёни хоҳиши фарзандон кумак расонанд.

**Диаграммаи 7. Масъулиятшиносии волидон**




Омӯзгорон таъкид мекунанд, ки қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълим ва тарбияи кӯдак" волидонро бори дигар водор месозад, ки ба таълиму тарбияи фарзандон бетараф набошанд.

**Диаграммаи 8. Суҳбати волидон бо фарзандони худ**




Ҷавобҳои баъзе волидон ба ин савол хеле ташвишовар аст, зеро онҳо ба фарзандон аксуламали эҳсос ва аксуламали манфиро нисбат ба омӯзгорон ва волидон нишон дода истодаанд. Муҳокима кардани омӯзгор бо фарзанд ба муносибати хонандаю омӯзгор таъсири манфӣ мерасонад. Хонанда дар ҷараёни муошират бо омӯзгор ҳиссиёти манфии худро иброз менамояд ва ба азхудкунии дониш, маҳорату малака халал мерасонад.

**Диаграммаи 9. Фарзанди шумо ба хондан шавқ дорад?**



Аз ҷавобҳои волидон маълум мегардад, ки 5% хонандагон ба мактаб маҷбурӣ меоянд ё дар рӯзҳое, ки фанни барои онҳо шавқманд набошад, хоҳиши ба мактаб рафтан надоранд. Тасаввуроти дуруст пайдо кардан ва шавқмандии хонанда нисбат ба таълим зиёд шудан аз ҳамкории волидон ва омӯзгорон вобаста мебошад.

Баъдан аз волидон пурсида шуд, ки барои баланд бардоштани шавқмандии фарзанд ба таълим кадом корҳоро ба анҷом мерасонанд? Ҷавобҳои волидон таҳлил гардид.

**Диаграммаи 10. Барои баланд бардоштани шавқмандии фарзанд ба таълим кадом корҳоро ба анҷом мерасонед?**




Рафтор ва интизоми хонандагон низ яке аз саволҳои пурсишнома мебошад. Демократикунонии муҳити мактаб ба рафтору интизоми хонандагон таъсири калон расонд. Бачагон фаъолтар, мустақил шуданд, дар интихоб ва баёни ақидаи худ, дар амал озод шуданд ва ба риояи қоидаҳои интизомӣ майл надоранд. Ин ҳолатҳо боиси нигаронии ҷиддии омӯзгорон мегардад, ки онҳо мефаҳманд, ки ин тағйирот метавонад дар ҷараёни таълиму тарбия мушкилиҳои зиёд ба бор орад.

**Диаграммаи 11. Посухи волидон дар бораи интизоми фарзандашон**




Ба ақидаи 90% волидон, фарзандони онҳо ахлоқи ҳамида доранд, дар ҳоле ки танҳо 10% аз рафтори фарзандони худ нигаронанд. 82% волидон бо итминон мегӯянд, ки фарзандони онҳо омӯзгорони худро эҳтиром мекунанд. 8% изҳор доштанд, ки дар бораи муносибати фарзандони худ бо омӯзгорон маълумот надоранд ва 10% ба итминон гуфтанд, ки фарзандони онҳо омӯзгоронро интихобан дӯст медоранд ва эҳтиром мекунанд.

Илова бар ин, аз волидон пурсида шуд, ки то чӣ андоза дӯстони фарзандони худро мешиносанд ва медонанд (диаграммаи 12).

Аз ҳама саволи асосие, ки вазъи муоширати хонандаю волидонро муайян менамояд: То кадом андоза фарзандатон оид ба мушкили худ бо шумо суҳбат мекунанд? Ҷавобҳои қисми зиёди волидон ташвишовар буд. Зеро танҳо 12% волидон оид ба мушкилоти фарзандонашон хабардоранд, 48%-и онҳо бар он ақидаанд, ки фарзандонашон мушкилоти худро ба рафиқонашон мегӯянд, 40% - ашон посух додаанд, ки фарзандони онҳо мушкилот надоранд. Оид ба мунокиша намудан посухи волидон 45% дар он ақидаанд, ки фарзандонашон мунокиша

менамоянд, 50% аксар вақт, 5% - ашон дар байни онҳо ва фарзандон муноқиша вуҷуд надорад.

**Диаграммаи 12. То чи андоза дӯстони фарзандони худро мешиносед?**




Ин ду савол барои муайян кардани мавҷудияти эътимод байни волидон ва фарзандони онҳо нигаронида шудааст. Таҳлили натиҷаҳо дар маҷмуъ бартарияти ҷавобҳои "ҳамеша" ва "тез-тез"-ро нишон медиҳад ва ин асос мебахшад, ки волидон ва фарзандони онҳо бо ҳам муошират мекунанд ва бачагон эҳсосот ва таассуроти худро дар мактаб ва бо дӯстон мубодила мекунанд.

Инчунин дар пурсишнома ду саволи кушод пешниҳод гардид, ки ба он волидон ҷавобҳои худро пешниҳод намуданд. Ба ақидаи волидон рафтори фарзандони онҳо баъди ба мактаб омадан тағйир ёфтааст. Инро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки муҳит яке аз омилҳои таъсиррасон ба инкишофи психика ва шахсият мебошад. Муҳити мактаб, муносибат бо ҳамсинфон ва омӯзгорон ба шахсияти хонанда ва инкишофи психикии ӯ таъсир мерасонад. Дар синни хурди мактабӣ худбаҳодиҳӣ аз рӯйи фикру ақидаи атрофиён вобаста мебошад. Муносибат ва муошırати атрофиён барои онҳо метавонад ҳамчун намунаи ибрат бошад. Дар синни хурди мактабӣ шахси идеал барои онҳо омӯзгори аввалин мебошад. Аз ҳамин лиҳоз тарзи рафтору гуфтори онҳоро метавонад тақлид ва такрор

намоянд. Хонандагон дар ин синнусол хеле ҳассосанд, онҳо тағйирёбии рафтори калонсолонро хуб дарк мекунанд, кадом калимаҳоро калонсолон дар муошират бо атрофиён истифода мебаранд диққат медиҳанд. Рафтори калонсолонро дар вазъияти гуногун такрор менамоянд. Натиҷаи пурсишномаи волидон нишон медиҳад, ки онҳо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки рафтору гуфтори бачаро идора намоянд, дар онҳо одоби муоширатро тарбия намоянд.

Суҳбат бо омӯзгорон низ онро исбот мекунад, ки омӯзгорон барои бо лаҳҷа сухан гуфтан, дашном ё дағалӣ хонандагонро сарзаниш мекунанд, аммо худи онҳо низ дар ҷараёни дарс ё суҳбат бо дигар омӯзгорон ин тарзи гуфторро истифода мебаранд. Дар байни омӯзгорон ва волидон гунаҳкор, тақлид, дар баъзе мавридҳо масхара кардани хонанда, фармонфармоӣ нисбати онҳо зиёд истифода мегардад. Мушоҳидаи раванди таълим ва муошırати омӯзгор бо хонанда нишон дод, ки 24% омӯзгорон аз шакли демократӣ, 65% аз шакли авторитарӣ ва 11% аз шакли либералии идоракунии синф ва муошират истифода мебаранд. Дар байни хонандагоне, ки омӯзгори онҳо шакли идора ва муошırати авторитариро истифода мебаранд, баёни озодонаи фикр ва мустақилият хеле кам ба мушоҳида расид, яъне шакли рафтор ва гуфтори омӯзгор дар раванди таълим ба хонанда таъсири худро мерасонад.

## 2.2. Тавсияҳо оид ба истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим

Дар фаслҳои қаблӣ ишора шуда буд, ки ҷараёни инкишоф тағйироти миқдорӣ ва сифатии ҷисми инсон буда, натиҷаи инкишоф ташаккулу такомули одам ҳамчун шакли мавҷудоти биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Инкишофи ҷисмонии одам ба хусусиятҳои биологӣ вобаста буда, аз

тағйироти морфологӣ (сохти ҷисм) ва физиологӣ иборат аст, вале инкишофи иҷтимоӣ, аз ҷумла муошират, ба инкишофи психологӣ ва ақлӣ хос аст.

Тавре маълум аст, дар обутобёбии одам аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ, ки бевосита ба омӯзиш алоқаманд аст, нақши муассир дорад. Омӯзиш яке аз шаклҳои азхудкунӣ ба шумор рафта, тамоми шаклҳои он ба тағйирёбии одам, зиёдшавии имконият, аз ҷумла инкишофи муоширати ӯ равона карда мешавад.

Инсон дар тӯли ҳаёт намудҳои гуногуни фаъолиятро иҷро менамояд, бояд муайян карда шавад, ки дар кадом давраи синнусолӣ фаъолияти асосӣ пешбаранда мебошад. Зеро он ба муваффақияти инкишоф вобаста буда, маҳз ҳамин фаъолият инкишофро аз паси худ мебарад. Фаъолияти пешбаранда ба зуҳуроти навоварӣ ва ташаккули шахсияти хонанда, аз ҷумла муошират мусоидат мекунад. Дар синфҳои ибтидоӣ фаъолияти пешбаранда бояд таълим бошад.

Дар психологияи бачагона, ба монанди психологияи умумӣ ва синнусолӣ, усулҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар ҳалли мушкилиҳои пайдошуда истифода мебаранд. Усулҳо барои инкишофи ҳаматарафаи илми психология мусоидат мекунанд ва хусусиятҳои психологияи бачаро вобаста ба тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавию ахлоқии ҷамъият меомӯзанд. Хусусиятҳои психологии бача ба шароитҳои оилавӣ, муҳити иҷтимоӣ, муносибати байниҳамдигарӣ, ба тарзу усули таълиму тарбияи падару модар ва тарбиядиҳандагон вобаста аст.

Ба воситаи усулҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тағйироти сифатию миқдорӣ ва инкишофи фаъолияти маърифатӣ, ҳолатҳои эмотсионалӣ - иродавӣ, хусусиятҳои фардӣ - психологии бача, аз ҷумла инкишофи муошират дар раванди таълим дар давраҳои гуногуни синнусолӣ омӯхта мешавад, вобаста ба он падару модарон ва омӯзгорон усулҳои таълиму тарбияро дуруст интихоб менамоянд.

Дар мавриди муайян ва мутобиқсозии тавсияҳо аз рӯйи дараҷа (паст, миёна ва баланд), нишондиҳандаҳои зерин ба инобат гирифта шудаанд:

– синну соли хонандагон, бо назардошти хусусиятҳои психологии онҳо.

– диққати махсус ба нишондиҳандаҳои гуногуни инкишофи ҷараёнҳои психикӣ равона карда шудааст.

1. Тавсияҳо барои инкишофи малакаҳои муошират дар хонандагон (гурӯҳи санҷишӣ).

Тавре маълум гардид, дар ҷараёни гузаронидани тамоми ташхис ба баъзе хонандагон барқарор намудани муносибатҳои байнишахсӣ дар гурӯҳ ноил нагашт. Дар баробари ин, онҳо нуқтаи назари дигар хонандагонро сарфи назар карда, фикрҳои худро низ пурра баён карда наметавонистанд. Барои ба роҳ мондани корҳои ислоҳӣ ба омӯзгорон тавсияҳои зерин пешниҳод мегардад:

**Бозии психологӣ – педагогӣ**: “Тасвири гурӯҳ”.

**Мақсад:** Инкишоф додани малака ва ба ҳам таъсир расонидани ташкили фаъолияти якҷоя дар гурӯҳҳои хурд.

**Иҷрои супориш**: Тасвири умумии расми гурӯҳ, ки дар он бояд ҳар як аъзо ба таври алоҳида ҷой дода шавад. Ин усул ба бачагон узви ҷудонашавандаи гурӯҳ буданро меомӯзонад.

Барои он, ки бачагон ба ин бозӣ зудтар мутобиқ шаванд, бояд онро дар давоми 2 - 3 рӯз пайваста такрор намоянд.

Маводи зарурӣ барои гузаронидани методикаи мазкур: дар як гурӯҳи на кам аз 12 нафар, ба монанди: коғази сафед, қаламҳои ранга, рангҳо зарур ва ғ. мебошад:

**Дастурамал:** “Шумо ҳозир бояд расм кашед ва акси худро аз он пайдо кунед. Шумо акси худро тасвир карда наметавонед? Пас, аз ягон нафари аъзои гурӯҳ хоҳиш кунед, ки расми шуморо тасвир кунад. Ҳамаи

шумо якҷоя фикри чӣ тавр дар коғази сафед ҷой додани расмро ҳам кунед”.

Пас аз тасвир ёфтани расм, аз хонандае хоҳиш карда мешавад, ки то аз рӯйи он баромад намояд.

**Бозӣ:** “Таърифнамоӣ”.

**Мақсад:** дигаргун намудани муносибатҳои ҳиссӣ дар байни якдигар; ташаккул додани муоширати фарҳангӣ.

**Равиши бозӣ**: “Бачаҳо, мо ҳозир аз ҳамдигарро таъриф мекунем ва ин супоришро тариқи ҷуфтӣ иҷро менамоем”. Яке аз ҷуфтҳо ҳамроҳашро дар давоми 2-3 дақиқа таъриф мекунад, яъне суханҳои руҳбаландкунанда мегӯяд: “Рафтори ту ба ман хеле писанд аст. Ту симои зебо ва муомилаи хуб дорӣ” ва ғ.

Нисбати он нафаре, ки суханҳои таърифӣ гуфта шуд, бояд то ба охир гӯш карда тавонад. Сипас ин гуфтаҳоро такрор намояд: “Ба ман ҳам рафтор ва гуфтори ту писанд аст...”. Дар ин раванд дигарон низ метавонанд, ки бо чандин сифати дигар ба таъриф илова намоянд. Баъдан ҷойивазкунӣ сурат мегирад.

Супориш барои инкишоф додани малакаи саволдиҳӣ.

“Саволҳо дар бораи ҳайвонҳо”.

– Ту чӣ фикр дорӣ, агар ҳайвонҳо (шер, саг, гурба ва ғ.) гап зада метавонистанд, ба фикри ту онҳо кадом саволҳоро ба ту медоданд?

Супориш барои инкишоф додани малакаи баёни фикр ва хулосабарорӣ.

“Ба чӣ монанд аст?”

– Ту чӣ тавр фикр мекунӣ, абрҳо дар осмон ба чӣ монанданд - нақши гул дар курта, уштур ва ғ. Ҷавобҳои пешниҳодгардида бояд асоснок карда шаванд.

Агар дар мавриди истифода ва иҷро қарор додани супоришҳои додашуда пешравӣ дида нашавад, он гоҳ ба инкишофи қобилияти ақливу зеҳнии онҳо аҳаммияти ҷиддӣ додан зарур аст. Зеро бача дар зарфи ду

соли мактабхонии худ, то ҳол мавқеи асосиро ишғол накардааст. Ӯ инчунин супоришҳоро аз рӯйи дастурамали додашудаи омӯзгор иҷро намекунад ва муносибати байниҳамдигариро низ дар гурӯҳи хурд барқарор карда наметавонад.

2. Тавсияҳо оид ба инкишоф додани малакаҳои муошират дар хонандагон.

Усули ғанӣ гардонидани фонди луғавии хонанда.

**Бозӣ:** “Мағозаи фурӯши ҷиҳози хона”.

**Равиши бозӣ:** Ба бача пешниҳод карда мешавад, ки аз мағоза фурӯши ҷиҳози хона барои худ харидорӣ намояд. Барои ин, ӯ бояд як варақаи бо тасвири ҷиҳоз ва нишонаҳои он шифоҳӣ баён намояд. То ин ки дигарон ашёи интихобкардаи ӯро аз нақли кардааш, пай баранд. Мисол: «Ман мехоҳам, ҷиҳози заруриро барои хона харидорӣ намоям. Ин ашёҳо аз чӯб сохта шудаанд ва дар дар назди оина ҷойгиранд. Одатан ин ашёҳоро одамон дар назди даромадгоҳ мегузоранд».

Супориш барои инкишоф додани малакаи баёни фикр ва хулосабарорӣ.

“Ҳақ – Ноҳақ”.

– Ҳамаи гулҳои табиӣ шоху барг доранд. Гули садбарг ҳам барг дорад. Аз ин бармеояд, ки садбарг низ гул аст ва он сад барг нест.

– Хонандагони синфи 2 “А” ҳангоми танаффус дар саҳни мактаб бозӣ карданро дӯст медоранд. Баҳриддин Х. низ ҳангоми танаффус дар саҳни мактаб бозӣ карданро дӯст медорад. Пас маълум мешавад, ки Баҳриддин Х. хонандаи синфи 2 “А” мебошад.

3. Тавсияҳо барои инкишоф додани дараҷаи баланди малакаҳои муошират дар хонандагон.

Аз натиҷаи ташхиси хонандагони мавриди озмоиш қарор додашуда маълум гардид, ки ба омӯзгорон ҷиҳати муваффақ гардидан ба ҳадафҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

Масъала барои инкишофи омодагӣ ба ҳамкорӣ.

“Нақлро давом деҳ”.

**Мақсад:** инкишоф додани маҳорати ҳамкорӣ, ғанӣ гардонидани фонди луғавӣ, ташаккули малакаи таҳлилнамоӣ ва хулосабарории мусбӣ, баёни озодонаи фикр, ба эътибор гирифтани нуқтаи назари нафари дигар.

**Рафти иҷрои супориш:** “Акнун, ҳама дар шакли доира нишинед ва ман ба шумо як бозиро пешниҳод мекунам. Дар иҷрои ин бозӣ, ҳамаи аъзои гурӯҳ ширкат варзида метавонанд. Аз ҳамаи шумо хоҳиш карда мешавад, ки нақлеро, ки ман оғоз кардам, онро ба мақсад мувофиқ идома диҳед.

Сараввал нақлро ман худам оғоз менамоям ва чанд лаҳза пас нақли онро қатъ менамоям. Дар ин сурат, дилхоҳ хонанда метавонад, ки нақли маро дубора сар кунад ё дар мавриди қатъ гаштани сухани ӯ хонандаи дигар онро идома медиҳад. Бозӣ то он вақте давом меёбад, ки ҳар як хонанда қисми аз ин нақлро худаш фикр кардаву баён намояд”.

Дар охир ҳаминро бояд қайд намуд, ки ҳамаи супоришу тавсияҳои дар боло овардашуда, танҳо барои хонандаи синфи 2 “А” пешбинӣ шудааст, зеро ҳангоми баррасии тавсияҳо танҳо хусусиятҳои психологии хонандагони синфи 2 “А” ба эътибор гирифта шудааст. Аз ҳамин сабаб синну соли хурди мактабӣ хусусиятҳои хосси ба ҳам наздикро эътироф мекунаду халос. Аз ин лиҳоз, масъалаҳо ва тавсияҳоро на танҳо барои ташкили корҳои ислоҳи нуқсонҳои муошират, балки барои ташаккул додани зинаи дигари малакаҳои он низ истифода бурдан имконпазир аст.

Пеш аз оғоз намудани озмоиш вобаста ба мушкилоти ташаккул додани муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ се методикаи озмоиширо барои ташаккули сатҳи муошират интихоб намуда, онҳоро бо мақсади шинос шудан бо гурӯҳи озмоишӣ, ба синфхонаи таълимии хонандагон ташриф оварда, ба онҳо мақсади озмоишро фаҳмондем ва бо

онҳо то андозае робитаи дӯстӣ барқарор намуда, мақсади худро иброз доштем ва барои бо мо ҳамкорӣ кардан розигии онҳоро ба даст овардем.

Гузаронидани озмоиш дар се марҳила сурат гирифт ва барои анҷом додани он маҷмуи алоҳидаи супоришҳо бо истифода аз усули ҳалли масъала ба озмудашавандагон манзур гардида, ҷавобҳои лозимӣ гирифта шуд.

Дар асоси таҳлили таҳқиқоти илмии педагогӣ-психологӣ оид ба малакаҳои муошират муайян кардем, ки синни барвақтии мактабӣ давраи мутобиқшавӣ, барои азхуднамоии муносибат дар иҷтимоиёт, маҳорати муошират, азхуднамоии малакаҳои муоширати шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ мебошад. Дар ҷараёни давраи озмоишӣ бача ҳамчун субъект инкишоф меёбад ва дар ҳамин давра шинохтани муҳити атроф ва худро сар мекунад. Рафторҳои ӯ аз рафторҳои дар иҷтимоиёт қабулшуда фарқ менамояд. Зеро дар синни хурди мактабӣ бача фаъолияти худро ба фаъолияти атрофиён, ҳамсолон мутобиқат мегардонанд.

Масъалаи муоширати хонандагони хурдсол, ҳарчанд дар таҳқиқоти илмӣ васеъ инъикос шуда бошад ҳам, ҳамоно мубрам боқӣ мемонад. Вобаста ба муоширати хонандагони хурдсол бо омӯзгор дар мактаби муосир қайд кардан ҷоиз аст, ки дунё тағйир меёбад ва ҳамроҳ бо он низоми арзишҳои инсонӣ низ дигар мешавад. Бачагони синни хурди мактабӣ ба мисли ҳаёт мунтазам тағйир меёбанд, нисбат ба ҳамсолони 20 соли пеши худ бештар метавонанд ва медонанд. Муносибати онҳо ба олами атроф, ба калонсолон ва ҳамсолон тағйир меёбад. Масъалаи муоширати хонандагони хурдсол боз аз он ҷиҳат мубрам аст, ки маҳз дар ҳамин давра ташаккули шахсият бошиддат ҷараён мегирад. Чӣ қадар осон бо атрофиён муошират карда, алоқаҳоро ба роҳи тавонистани кӯдак фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ва корӣ, тақдир ва мавқеи ӯро дар ҳаёт муайян менамояд. Айнан дар ҳамин айём хонандаи хурдсол масъулият барои рафтори худ ва ташкили дурусти муоширатро

меомӯзад, то ин ки бо атрофиён муносибатҳои мусбатро ба роҳ монда тавонад. Дар ин синну сол маҳорати баинтизомдарории худ ва ташкили фаъолияти шахсию гурӯҳӣ ташаккул ёфта, аҳаммияти ҳамкорӣ, муошират ва муносибат дар фаъолияти якҷоя дарк карда мешавад. Маҳз дар давраи зикршуда қоидаҳо ва меъёрҳои муошират аз худ карда мешаванд, ки бача ҳамеша ва дар ҳама ҷо, новобаста ба ҳолату шароитҳои гуногун, ин қоидаҳо ва меъёрҳоро риоя мекунад. Хусусияти муошироти нутқӣ ва ҳиссӣ андозаи мустақилият ва дараҷаи озодии ӯро дар байни одамони дигар дар тамоми муддати ҳаёт муайян менамояд. Ҳарчанд намуди асосии фаъолияти бачагони мактаби ибтидоӣ таълим аст, вале муошират дар синни хурди мактабӣ бисёр вақт ба бозӣ вобастагӣ дорад. Маҳз дар фаъолияти бозӣ бачагон сифатҳои шахсиятӣ, маҳорат ва малакаҳои муоширатро равшан нишон медиҳанд. Иштироки хонандагони хурдсол дар бозиҳо ба худсобиткунии онҳо мусоидат карда, дар онҳо устуворӣ ва кӯшиш ба муваффақиятро инкишоф медиҳад. Доираи имконияти бозӣ дар ташаккули шахсияти бача, аз ҷумла дар ташаккули сифатҳои муоширатии ӯ, хеле васеъ аст.

Дар бораи муошират мулоҳиза ронда, гуфтан мумкин аст, ки ҳама гуна шаклҳои муошират аз шаклҳои хоси фаъолияти якҷояи одамон иборат буда, ҷараёни муошират бевосита аз худи амали муошират иборат буда, дар он худи муоширaткунандагон иштирок мекунанд. Илова бар ин, пеш аз ҳама, миқдори муоширaткунандагон бояд на кам аз ду нафар бошад. Дуюм, муоширaткунандагон бояд амалеро иҷро кунанд, ки мо онро муошират меномем, яъне ягон кор кунанд (сухан гӯянд, имою ишора кунанд, иҷозат диҳанд, ки аз чеҳраи онҳо ифодаи муайяне «хонда шавад», ки он, масалан аз ҳиссиёти пасисаршаванда далолат медиҳад). Сеюм, зарур аст, ки минбаъд дар ҳар як амали муошират шабакаи алоқа муайян карда шавад. Қобилияти муоширатӣ – маҳорат ва малакаҳои муошират бо одамоне, ки муваффақияти муошират ба онҳо вобаста аст. Одамоне, ки синну сол, маълумот, маданият, сатҳи инкишофи психологӣ,

таҷрибаи ҳаётӣ ва касбии гуногун доранд, бо маҳоратҳои муоширатӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Одамони соҳибмаълумот ва бомаданият нисбат ба одамони бемаълумот ва каммаданият қобилиятҳои барҷастаи муоширатӣ доранд. Инсон таҷрибаи муоширатро аз кӯдакӣ меомӯзад, ки табиитарин роҳи азхудкунии он бозӣ аст. Бозӣ бо гузашти синну сол тағйир ёфта, дар тамоми ҳаёти кӯдак ӯро ҳамроҳӣ мекунад, бо воситаи он худу дигарон ва олами атрофро меомӯзад, худро дар нақшҳои гуногун санҷида, ҷаҳонбинӣ ва андешаю арзишҳои худро ташаккул медиҳад. Майдони фарохи воситаҳои муоширатро низ ба воситаи бозӣ аз худ кардан қобили қабул аст ва ин махсусан дар синни хурди мактабӣ мубрам ба шумор меравад. Бозӣ дар ин давра мавқеи дуюмдараҷа касб карда, ҷои онро фаъолияти таълимӣ ишғол мекунад (ба фарқ аз синни томактабӣ, ки дар он фаъолияти бозӣ асосист), вале ба инкишофи кӯдакон таъсири назаррас расонданро давом медиҳад. Аз ин рӯ, ба бача ҳам дар мактаб ва ҳам дар хона миқдори кофии бозиҳоро таъмин кардан лозим аст (бозиҳои инкишофдиҳанда, таълимӣ, дар намудҳои нави фаъолият асосёфта). Ба ғайр аз ин, иттиҳодияҳои беруназдарсии хонандагони хурдсол, ба андешаи педагогҳо ва психологҳое, ки бо ин гурӯҳи синнусолӣ кор мекунанд, бояд дар атрофи намудҳои томактабии фаъолият ташкил карда шаванд: бозӣ, расмкашӣ, хоначасозӣ, озмоишҳои одӣ, эҷодкорӣ ва дигар машғулиятҳое, ки дар навбати аввал тасаввурот, кунҷковии беғаразона, воситаҳои беихтиёронаи идрок ва дигар қобилиятҳои инсонро инкишоф медиҳанд ва инкишофи онҳо аллакай оғоз ёфтааст, вале, албатта, дар кӯдакии томактабӣ ба охир нарасидааст ва қобилиятҳое, ки бо фаъолияти нави таълимӣ барои кӯдакон дарк карда намешаванд. Хонандагони хурдсол дар муошират бештар фаъол ва мустақил буда, дар техникаи онҳо воситаҳои ғайрилафзӣ бартарӣ доранд, алоқаи баръакс суст инкишоф ёфта, муошират бисёр вақт хусусияти муассир дорад. Бо гузашти синну сол ин хусусиятҳои муошират тадриҷан гум мешаванд ва муошират бештар

ботамкин, лафзӣ, оқилона, муътадил шуда, алоқаи баръакс низ ташаккул меёбад.

Дар баробари меҳнат ва таълим, бозӣ яке аз намудҳои фаъолияти шахс ва падидаи ҳайратангези ҳастии инсон аст. Бозӣ як намуди фаъолият дар вазъияту шароитҳоест, ки ба эҳё ва азхудкунии таҷрибаи ҷамъиятӣ равона шудааст, ки дар он худидоракунии рафтор ташаккул ва такомул меёбад. Бозӣ мавзуи омӯзиши илмҳои гуногун аст: таърихи маданият, этнография, педагогика, психология ва ғ. Дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ нақши бозӣ дар онтогенези шахсият, инкишофи функсияҳои асосии психика, худидоракунӣ ва худтанзимкунии шахсият, нихоят, дар равандҳои иҷтимоӣ – дар азхуд кардан ва истифода бурдани таҷрибаи иҷтимоӣ аз тарафи одам таҳқиқ ва асоснок карда шудааст. Вазъияти бозӣ ба ташаккули мавқеи худ дар ин ё он масъала равона шудааст. Он ба кӯдак имкон медиҳад, ки "дурустии" фикри худро баён карда, бо ёрии муоширати лафзӣ ва ғайрилафзӣ ҳақ будани худ ва мантиқи мулоҳизаҳояшро исбот кунад. Хонандаи хурдсол душвориҳои гуногунро паси сар карда, бо монеаҳо дар муошират ва нофаҳмӣ аз тарафи ҳамсуҳбат дучор мешавад. Лекин, агар вазъияти бозӣ пешакӣ ба нақша гирифта шуда бошад, супориши бозӣ ба шарофати хушоҳангии муошират иҷро карда мешавад. Ҳамин тавр, бозӣ хеле зудҳаракат буда, супоришҳои онро ҳамеша тағйир додан ва душвортар кардан мумкин аст, ки ин ба хонандаи ҳамакнун ба дунёи мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ ва байнишахсиятӣ воридшаванда имкон медиҳад, ки зуд мутобиқ шудан ва аксуламал нишон додан, инчунин мувофиқи қоидаҳо ва талаботи ҷомеаи муосир бурда расондани маълумотро ёд гирад. Дар бозӣ на танҳо қобилиятҳои муоширатӣ ташаккул меёбанд, балки ин қобилиятҳо дар шароитҳои сунъӣ сохташудаи муошированде, ки дар олами воқеӣ вуҷуд дорад, инъикос карда мешаванд. Бозӣ на танҳо ба инкишоф ва нишон додани қобилиятҳои муоширатии худ мусоидат мекунад, балки бартараф кардани

мушкилиҳои пайдошаванда ва душвориҳои муоширатро имконпазир мегардонад.

Бачагон мавҷудоти бозингар мебошанд, фаъолияти асосии онҳо бозӣ аст ва ин шуғл барои рушду камоли онҳо аҳаммияти калон дорад. Бозӣ намуди аз ҳама дастраси фаъолият барои бачагон ва усули коркарди таассуроти аз олами атроф гирифташуда аст. Бозии бача ҳамеша ба инкишоф, синну сол ва ҳавасҳои ӯ айнан мутобиқат дорад. Дар бозӣ хусусиятҳои фикрронӣ ва тасаввуроти талаба, ҳиссиёт, фаъолнокӣ ва талаботи афзояндаи ӯ ба муошират равшан таҷассум меёбанд. Бозӣ унсурҳоеро дар бар мегирад, ки ба пайдоиш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зарурӣ мебаранд.

Чунончи, қаблан зикр намудем, таҳсил дар мактаби ибтидоӣ барои бача айёми душвор ва буҳронӣ асту ӯ якчанд буҳронҳои психикиро паси сар мекунад. Буҳрони якум ба гузариш аз фикрронии аёнию образнок ба фикрронии абстракту мантиқӣ вобаста буда, дар ҳафтсолагӣ рӯй медиҳад. Буҳрони дуюм дар оғози балоғат рух медиҳад. То мактаб фаъолияти асосии бача бозӣ аст, зеро ҷомеа ба ӯ нақши масъулиятнок намегузорад. Ҳангоми ба мактаб дохил шудан кӯдак нақши иҷтимоии талабаро соҳиб мешавад. Ин нақш уҳдадориҳо ва зарурати ҷиддӣ буданро ба зиммаи ӯ мегузорад, ки барои кӯдак стресси калон аст. Айнан барои ҳамин фаъолияти бачаро якбора тағйир додан мумкин нест, чунки стрессҳои хонанда амиқтар мешаванд. Дар ин давраи синнусолӣ ба дурнамои имконпазири инкишофи ҳаматарафаи бача асос гузошта мешавад.

Бинобар ин, мактаб, ҳамчун институти таҳсилот, дар инкишофи инсон бартарии зиёд дорад. Аз як тараф, донишҳоеро додан лозим аст, ки инсон дар ҳаёти минбаъда воқеан аз ин донишҳо истифода бурда тавонад, аз тарафи дигар, тарбияи заруриро додан лозим аст, ки ҷомеа чунин тарбияро аз инсон талаб мекунад. Дар солҳои мактабхонӣ ҷараёни муҳимми ташаккули шахсияти бача ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеа

сурат мегирад. Дар ин ҷо иштироки бачагон дар бозиҳое, ки ба инкишофи устувории онҳо мусоидат мекунанд ва ба бача роҳати худсобиткунӣ бахшида, малакаҳои рефлексивӣ ва маҳорати муттаҳидшавӣ бо коллективро барои ноил шудан ба мақсади умумӣ меомӯзонанд, нақши муҳим мебозанд.

Ба бозӣ функсияҳои дидактикӣ, тарбиявӣ, инкишофдиҳӣ ва ташхисӣ хос аст, ки омӯзгорон бояд ин функсияҳоро дар мактаби ибтидоӣ ба хотири пешгирии воридшавии бенизом ва нодуруст ба ҷараёни педагогӣ дарк ва аз худ кунанд. Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои муҳимми омӯзгор ин маҳорати ташкили бозиҳо мебошад, ки онҳо ба рушди муошират ва равандҳои маърифатии хонандагони хурдсол мусоидат карда тавонанд.

Табиат бозиҳои бачагонаро барои тайёрии ҳаматарафа ба ҳаёт офаридааст, аз ин рӯ, бозиҳо бо ҳамаи намудҳои фаъолияти инсон алоқаи генетикӣ дошта, ҳамчун шакли хоси бачагонаи идрок, меҳнат, муошират, санъат ва варзиш баромад мекунанд. Аз ин ҷо номҳои бозиҳо гирифта шудаанд: идрокӣ, зеҳнӣ, сохтмонӣ, бозӣ – меҳнат, бозӣ – муошират, бозиҳои мусиқӣ, бадеӣ, бозиҳо – драмаҳо, бозиҳои серҳаракат, варзишӣ.

Бозӣ – суҳбат (диалог). Асоси бозӣ – суҳбатро муошират омӯзгор бо хонандагон, хонандагон бо омӯзгор ва муошират байниҳамдигарии бачагон ташкил медиҳад. Ин муошират хусусияти хоси таълим бо бозӣ ва фаъолияти бозии бачагонро дорад. Дар бозӣ – суҳбат омӯзгор бисёр вақт на аз номи худ, балки аз номи қаҳрамони ба бачагон наздик баромад карда, ҳамин тавр на танҳо муошират бозиро нигоҳ медорад, балки хурсандӣ ва хоҳиши такрор кардани бозиро тақвият медиҳад. Лекин бозӣ – суҳбат хавфи тақвияти усулҳои таълимии бевоситаро дар худ маҳфуз медорад.

Мазмуни идрокии бозӣ “рӯякӣ” нест: онро ҷӯстан, ёфтан, кашф кардан ва дар ниҳояти кор фаҳмидан лозим аст.

Аҳаммияти бозӣ-сухбат дар он аст, ки он равандҳои фикррониии эҳсосиро фаъол мекунад ва ҳамоҳангии сухан, амал, фикр ва тасаввуроти кӯдаконро талаб мекунад. Бозӣ-суҳбат маҳорати шунидан, шунидани саволҳои омӯзгор, саволу ҷавоби кӯдакон, ҷалби диққат ба мазмуни суҳбат, пурра кардани калимаҳо ва баёни фикрро инкишоф медиҳад. Қобилияти иштирок дар бозӣ барои кӯдакон муҳим буда, сатҳи дониш ва дарки онҳоро нишон медиҳад.

Воситаҳои асосии бозиҳо-суҳбатҳо калимаҳо, тасвирҳои шифоҳӣ ва ҳикояҳои ибтидоӣ мебошанд, ки дар бораи чизҳои гуногун нақл мекунанд ва ҳамчун натиҷаи бозӣ истироҳати кӯдаконро фароҳам меоранд.

Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот муайян карда шуд, ки малакаҳои муошират ва рафтори иҷтимоии хонандагонро бо ёрии технологияҳои бозӣ инкишоф додан мумкин аст. Бозиҳо метавонанд фикррониро фаъол намоянд, суханронии бачагонро сайқал диҳанд, захираи луғавии онҳоро бой гардонанд ва онҳоро водор намоянд, ки ба ҳамдигар меҳрубон бошанд ва ба талабу хоҳишҳои дигарон диққат диҳанд.

Дар ташхиси инкишофи малакаҳои муошират дар синни хурди мактабӣ, мо аз методикаҳои психологии мутобиқшуда барои кӯдакони 7-10 сола истифода бурдем, ки ин методикаҳо сода ва осонфаҳм мебошанд. Ин методикаро барои муайян намудани инкишофи малакаҳои муошират дар синни хурди мактабӣ пешбинӣ шудаанд.

Аз таҳлили методикаҳои истифодашуда маълум шуд, ки дараҷаи муайянгардидаи инкишофи малакаҳои муошират барои интихоби шакли таҳқиқот ва методикаҳое имконият медиҳад, ки бо ёрии онҳо ташкил намудани корҳои ислоҳии малакаҳои алоҳида барои инкишофи самараноки маҳорати муошират ба роҳ монда мешавад.

Ҷараёни инкишофи малакаҳои муошират дар синни хурди мактабӣ дар он сурат самаранок мегардад, ки агар шароитҳои психологӣ-педагогӣ дуруст ба роҳ монда шаванд.

Сифатан тағйир ёфтани ҳаёти психикӣ, яъне инкишоф, на танҳо дар давраи бачагӣ, балки дар давоми онтогенез - аз рӯзи таваллуд то охири умр ба вуҷуд меояд. Дар ҳаёти калонсолон низ тағйирот дар фикру ақидаҳо, ҷаҳонбинӣ, талабот ва шаклҳои нави фаъолият ба вуҷуд меоянд. Ҳамаи ин тағйирот механизмҳои психологӣ ва қонунҳои ба худ хосро доранд, ки онҳоро предмети омӯзиши фанҳои психологияи инкишоф ва психологияи генетикӣ ташкил медиҳад. Психологияи бачагона бо психологияи генетикӣ робитаи зич дорад, зеро инкишофи босуръат ва самараноки инкишофи психика маҳз дар давраи бачагӣ ба вуҷуд меояд. Психологияи генетикиро далелҳо ва қонунҳои бадастовардашудаи психологияи бачагона ташкил медиҳад, дар навбати худ психологияи бачагона ба қонунҳои инкишофи психикии инсон такя мекунад, ки дар илми психологияи инкишоф кашф карда шудаанд. Аммо психологияи бачагона танҳо синну соли муайян, яъне давраи томактабиро (аз 0 то 7-солагӣ) меомӯзад ва ба пуррагӣ тағйироти сифатии дар ин давра ба вуҷуд омадаро тавсиф медиҳад.

Бо тағйир ёфтани синну сол қобилият минбаъд такмил меёбад.

Биологҳои замони муосир ирсиятро нигаҳдоранда ва мустаҳкамкунандаи қобилияти узвҳои якчанд наслҳо меҳисобанд.

Ба омилҳои иҷтимоӣ муҳити зист ё худ табиӣ (иқлим, олами растанӣ, мавқеи географӣ), оила, кӯдакистон, мактаб, ҷомеа, таълим ва тарбия дохил мешаванд, ки дар зери таъсири онҳо бача ба воя расида, муносибат ва фаъолиятро аз худ мекунад ва чун шахсият ташаккул меёбад. Насли наврас дониш, малака, маҳорат, таҷриба ва қоидаҳои хос ба ҳамон ҷамъият ва муҳитро меомӯзад ва бо иловаю тағйирот ба насли оянда интиқол медиҳад, ки ин раванд ҳамчун мероси иҷтимоӣ маъруф аст.

Чӣ тавре ки қайд шуд, дар инкишофи психика, аз ҷумла фаъолияти таълимӣ, на танҳо омили биологӣ, балки муҳит низ ҳамчун омили асосӣ нақши муҳим мебозад. Дар ин бора, психологи машҳури олмонӣ В. Штерн назарияи "дуомила"-ро таҳия кардааст, ки мувофиқи он ба инкишофи психикаи бача, аз як тараф, омили биологӣ ва, аз тарафи дигар, муҳите, ки бача дар он ба воя мерасад, таъсир мерасонад. Муҳити табиӣ, ки иқлим, олами растанӣ ва мавқеи географиро дар бар мегирад, ба инкишофи ҷисмонӣ ва психикӣ таъсир мерасонад.

Қобилияти фикрронӣ, шавқу ҳавас ва ҳиссиёт, агарчи мустақиман ба ҳарорати обу ҳаво ё мавқеи релефӣ вобаста набошанд, вале тарзи зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатии калонсолон ба шаклгирии хусусиятҳои шахсияти бача таъсир мерасонад. Масалан, бозиҳои бачагоне, ки дар оилаи шикорчӣ тарбия ёфтаанд, аз бозиҳои бачагоне, ки дар оилаи нафткашон ё моҳигирон тарбия ёфтаанд, фарқ мекунанд. Доираи дониш, равияи ҳавасҳо, одату анъанаҳо, расму оинҳо ва таҷрибаи бачагон аз шароити муҳити табиие, ки онҳоро иҳота мекунад, вобаста аст. Аз ин рӯ, муҳити табиӣ низ яке аз омилҳои муҳим дар инкишофи бача ба ҳисоб меравад.

Насли наврас дониш, малака, маҳорат, таҷриба ва қоидаҳои хос ба ҳамон ҷамъият ва муҳитро меомӯзад ва бо иловаю тағйирот ба насли оянда интиқол медиҳад, ки ин раванд ҳамчун мероси иҷтимоӣ маъруф аст.

Оила, бача, кӯдакистон, мактаб, ҷомеа, таълим ва тарбия низ ҳамчун омили иҷтимоӣ дар инкишофи психика нақши муайянро иҷро менамояд, ки дар зери таъсири онҳо бача ба воя расида, муносибат ва фаъолиятро аз худ мекунад ва чун шахсият ташаккул меёбад.

Гузаштан ба давраи мактабхонӣ барои бачагон давраи хеле муҳим буда, он ба мазмуни ҳаёт ва фаъолияти бача дигаргунии ҷиддӣ ворид месозад. Фаъолияти асосӣ ва пешбарандаи ӯ фаъолияти таълимӣ буда, аз худ намудани ҳаҷми муайяни донишу маҳорату малакаҳо, доштани ҳисси

масъулиятшиносӣ, хусусияти муташаккил будан, то ба охир расонидани кори оғозкарда, фаъолнокӣ ва шавқу рағбатро талаб менамояд.

Ворид шудан ба раванди таълим мавқеи иҷтимоии бачаро тағйир медиҳад, зеро аъзои оила ва омӯзгорон ба шахсияти ӯ талаботи нав мегузоранд. Дар олами ботинии бача низ навовариҳо рӯй медиҳанд, ки ба инкишофи ақлию зеҳнии ӯ замина фароҳам меоранд. Масъалаи ба мактаб омода намудани бачагон диққати олимони соҳаи психология ва педагогикаро ҷиддӣ ба худ ҷалб намудааст.

Ҳамин тариқ, агар ба синни хурди мактабӣ бодиққат назар кунем, мебинем, ки дар ин марҳила на танҳо инкишофи ҷисмонӣ, балки рушди психикии кӯдак низ бо суръати назаррас пеш меравад. Хусусан, ҷараёнҳои маърифатӣ тадриҷан сифатан тағйир меёбанд, тафаккур шакли мураккабтар мегирад ва дар баробари ин, пояҳои асосии шахсият ташаккул меёбанд. Ҳамзамон, муносибатҳои кӯдак бо ҳамсолон ва калонсолон низ ранги дигар гирифта, бештар фаъол ва пурмазмун мегарданд.

Гузариш ба таълими бонизом, албатта, ин равандро боз ҳам ҷиддитар мекунад. Аз як тараф, ба фаъолияти психикии хонандагон талаботи нав ва баъзан ҳатто душвортар гузошта мешаванд. Аз тарафи дигар, бояд ба назар гирифт, ки дар ин синну сол устувории равонӣ ҳанӯз пурра шакл нагирифтааст ва кӯдакон нисбат ба хастагӣ бештар ҳассосанд. Яъне, онҳо имконият доранд, вале ҳамзамон ба дастгирии дуруст ниёз доранд.

Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки бо мурури вақт хонандагон тадриҷан ба ин талабот одат мекунанд. Ҷолиб он аст, ки дар бисёр ҳолатҳо натиҷаи фаъолияти онҳо ва сифати омӯзишашон ҳатто аз нишондиҳандаҳои баъзе хонандагони синфҳои болоӣ ҳам баландтар ба назар мерасад. Ба андешаи мо, ин бештар ба қобилияти баланди мутобиқшавӣ ва фаъол будани онҳо дар раванди омӯзиш вобаста аст.

Дар маҷмуъ, чунин раванд на танҳо ба рушди ҷараёнҳои маърифатӣ ва шахсият мусоидат мекунад, балки барои дарки амиқтари масъалаҳои муошират низ замина фароҳам меорад. Яъне, кӯдак дар ҳамин марҳила на танҳо меомӯзад, балки тарзи фикр кардан, муошират намудан ва ҳамкорӣ бо дигаронро низ тадриҷан аз худ мекунад.

## Хулосаи боби дуюм

Тибқи нишондодҳои илмӣ-назариявӣ, таҷрибавӣ-экспременталӣ фаъолияти таълимӣ дар синфи ибтидоӣ ба фаъолияти пешбаранда табдил меёбад. Он муҳимтарин дигаргуниҳоеро, ки дар инкишофи психикаи бачагон дар ин марҳалаи синнусолӣ ба амал меоянд, ҳамвора бо татбиқҳои амалияи матраҳшуда муайян мекунад. Мусаллам аст, ки дар доираи ин фаъолият навовариҳои психологӣ ба вуҷуд меоянд ва дастовардҳои назаррасеро дар инкишофи хонандагон тавсиф мекунанд. Ин нуқтаҳои назар заминае мебошанд, ки пайваста инкишофро дар марҳалаи минбаъдаи синну сол ба таври комилу мушаххас таъмин менамоянд.

Дар ҳамин пешоҳангии равандҳои инкишофи психикаи бачагони синни хурди мактабӣ, давраи инкишофи интенсивӣ ва тағйирёбии сифатии ҷараёнҳои маърифатӣ омили асосӣ ба ҳисоб меравад: ин ҷараёнҳо дар раванди худ хусусияти миёнаравӣ пайдо мекунанд ва ба равандҳои дигари бошуурона ва худсарона табдил меёбанд.

Дар ин давраи синнусолӣ, бача ба доираи комилан нави муносибатҳои иҷтимоӣ ворид мегардад, ки инчунин муошират дар ин давра, махусусияти хоси худро дорост. Олимон зимни таҳқиқоти хурду бузурги худ якчанд мушкилиҳои хосси муоширатро дар ин давра муайян намуданд:

а) мушкилоти муошират бо ҳамсолон;

б) мушкилоти муоширaт бо омӯзгорон;

в) мушкилоти муоширaт бо волидон ва калонсолони дигар.

Ҳамин гуна дар раванди таҳқиқоти озмудашуда дараҷаи баланди инкишофи муоширати хонандагон бо ҳамсолон ва омӯзгорон - шарти асосӣ ҷиҳати инкишофи ҷараёнҳои маърифатӣ дар хонандагон шинохта мешавад, ки афзалияти гуногунпаҳлу ва якмаромии он метавонад муҳимтарин омили он ба ҳисоб равад. Дар ин давра, асосан, муоширaт ба рафтори мутақобила табдил меёбад, ки дар ҷараёни он мубодилаи маълумот барои расидан ба мақсадҳои ягона комилан бештару назаррас сурат мегирад. Бинобар ин, инкишоф додани дараҷаҳои баланди малакаҳои муоширaт бо калонсолону ҳамсолон нақши аввалиндараҷаю муҳим мебозад, ки ин дар навбати худ дараҷа, услуби нави шаклҳои муоширати солим бо омӯзгорон, ҳамсолон ва ҳамсинфон шуда метавонад. Дар ин радиф, ҷараёнҳои маърифатӣ дар қисмати афзалиятнокии муоширaт бештар худро таҷалло медиҳанд.

